# TAJDID

## БОЗНИГАРИИ ХИТОБИ ИСЛОМИИ МУОСИР

## СОБИТ ВА МУТАҒАЙИР ДАР МИСОЛИ НИЗОМИ ҶАЗО

*Доктор Абдулҳамид Аҳмад Абу Сулаймон*

# БОЗНИГАРИИ ХИТОБИ ИСЛОМИИ МУОСИР

## СОБИТ ВА МУТАҒАЙИР ДАР МИСОЛИ НИЗОМИ ҶАЗО

Доктор Абдулҳамид Аҳмад Абу Сулаймон

Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ (IIIT)

*Бишкек 2023*

УДК 297
ББК 86.38-5
А 13

**Бознигарии хитоби исломии муосир:**
**Собит ва мутағайир дар мисоли низоми ҷазо (Tajik)**
*Абдулҳамид Аҳмад Абу Сулаймон*

© Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ (IIIT)
1444 AH / 2023 CE
ISBN 978-9967-08-996-9 *paperback*

**Al-thābit wa al-mutaghayyir: Niẓām al-`uqūbāt**
**al-islāmiyya qirāāt manhajiyya ijtimā`iyya (Tajik)**
*`Abdul Ḥamīd åbū Suleymān*

© The International Institute of Islamic Thought (IIIT)
1432 AH / 2011 CE
ISBN 978-977-342-975-1 *paperback*
IIIT
P.O. Box 669
Herndon, VA 20172, USA
www.iiit.org

Тарҷумон: Мирзоев Насим Шарафович
Муҳаррир: Мирзоев Ҷовид Шарафович
Муҳаррири фаннӣ: Байчабаева Элмира Наринбековна
Саҳифабанд: Кекенова Нарбегим Бейшембековна

Ин китоб аз ҷониби Идораи дини мусулмонони Қирғизистон тасдиқ шудааст.

Китоб аз ҷониби Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ нашр шудааст.

Бознашри ин китоб ё бахши он бе иҷозати хаттии Муассиса мамнӯъ аст. Фикру андешаҳое, ки дар ин китоб баён шудаанд, аз они муаллифанд ва метавонанд нуқтаи назари ношир, тарҷумон ва муҳарриронро инъикос накунанд.

Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз аст.
ISBN 978-9967-08-996-9

УДК 297
ББК 86.38-5

# Мундарича


1. Тарҷумаи ҳоли муаллиф 5

2. Муқаддима 8

3. Аҳамияти вижа ба Қонуни ҷазои Ислом 10

4. Масъалаи методология 11

5. Аз фикри мушкилоти хобгоҳ ба дидгоҳи нави Қонуни ҷазои Ислом 14

6. Такомули манобеи маърифати исломӣ дар ваҳӣ (нусуси шаръӣ) ва ҷаҳон (ақл, фитрат, суннатҳо ва воқеаҳо) 15

7. Қонуни ҷазои Ислом: Дидгоҳи исломии илмӣ ва иҷтимоӣ 19

8. Ҳикматҳои иҷтимоии шаҳодати чаҳор шоҳид 19

9. Чӣ гуна ғаризаи башариро идора ва роҳнамоӣ кардан мумкин аст? 22

10. Амният — ҳикмат ва мақсади низоми исломии ҷазо аст 27

11. Ҳар касе тавба кард ва ба сӯи Худо бозгашт, Аллоҳ бахшанадаву меҳрубон аст 30

12. Ҳадаф пешгирии ҷиноят аст, на қасос 32

13. Ҷазои муртад 40

14. Муртад шудан аз нигоҳи ақида ва қонун 60

15. Ақалиятҳои мусулмон ва ихтилофи динҳо 63

16. Қонуни амният, на қонуни тарсу ноамнӣ 69

17. Зарурати ислоҳи барномаи таълимӣ ва методологияи исломии муосир 74

18. Дарсе дар бораи барномарезӣ 76

19. Замима: Шакли нав дар тарҳрезии хобгоҳи донишгоҳӣ 80

20. Дар бораи ин китоб 83

## Тарҷумаи ҳоли муаллиф

- Соли 1936 дар Маккаи мукаррама ба дунё омад.
- Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаро дар Макка ба поён расонда, соли 1955 мактаби синфҳои болоии "Таҳзир ал-баъасот"-ро дар ҳамон ҷо хатм кард.
- Соли 1959 дараҷаи бакалаври тиҷорат дар улуми сиёсии факултаи тиҷорати Донишгоҳи Қоҳираро касб кард.
- Соли 1963 дараҷаи магистри улуми сиёсии факултаи тиҷорати Донишгоҳи Қоҳираро ба даст овард.
- Соли 1973 дараҷаи доктори муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи Пенсилванияи Филаделфияи Амрикоро ҳосил кард.
- Ҳамчун котиби иҷлосияҳои Маҷлиси олии ба нақшагирии Мамлакати Арабистони Саудӣ, узви ҳайати омӯзиши факултаи улуми идории (собиқ факултаи тиҷорат) Донишгоҳи Сауд дар Риёз (собиқ Донишгоҳи Риёз) ва раиси қисми улуми сиёсӣ ифои вазифа намудааст.
- Яке аз муассисони Иттиҳоди донишҷӯёни мусулмони Амрико ва Канада ва Федератсияи байналмилалии исломии ташкилотҳои донишҷӯён ва раиси Шӯрои мудирони мактбаҳои «Манорот»-и Риёз будааст.
- Муассиси ва раиси Ассамблеяи байналмилалии ҷавонони мусулмон дар Риёзи Арабистони Саудӣ; муаасис, аввалин раис ва собиқ мудири кулли Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ; муассис ва раиси Муассисаи рушди кӯдакон; муассис ва раиси собиқи Ҷамъияти олимони ҷомеашиноси Амрико ва Канада; муассис ва раиси собиқи Маҷаллаи амрикоии ислом ва ҷомеа (American Journal of Islam and Society) буд.

- Муассис ва ректори Донишгоҳи байналмилалии исломии Малайзия дар солҳои 1988-1999.
- Раиси Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ дар солҳои 1988-1999.
- Соҳиб ва мудири Маркази машваратии тарбиявӣ ва таълими «ал-Манор ар-роид» дар Риёз (2003).
- Ӯ теъдоди зиёди китобҳо, тадқиқот ва навиштаҳои илмӣ ва фикрӣ бар асоси дидгоҳи исломӣ дар борai тағйир, навоварӣ, ислоҳи ақида ва дидгоҳи тамаддуни исломӣ, равиш, фарҳанг, тарбия ва ақидаи мусулмон дорад.

- Аз ҷумлаи таълифоташ:

1. “Назарияи иқтисодии Ислом: Фалсафа ва василаҳои муосир” (1960).
2. “Назарияи исломии муносибатҳои байналмилалӣ: Тамоюлҳои нав дар фикр ва барномарезии исломӣ” (1973).
3. “Бухрони ақли мусулмон” (1986).

- Ҳамчунин ӯ ҳаммуаллифи китобҳои зерин мебошад:

1. “Маърифати исломӣ: нақша ва дастовардҳо” (1986).
2. “Сахтгирӣ ва идора намудани муборизаҳои сиёсӣ дар фикри исломӣ байни усул ва интихоб: дидгоҳи исломӣ” (2002).
3. “Масъалаи задани зан — василаи ҳалли ихтилофоти хонаводагӣ” (2003).
4. “Бухрони ирода ва виҷдони мусулмон” (2004).
5. “Ислоҳоти исломии: собит ва мутағайир. Таҷрибаи Донишгоҳи исломӣ” (2004).
6. “Инсон байни ду шариат” (2005).
7. “Ҷазираи ободкорон: Қиссаи ақидавӣ ва тарбиявӣ (барои калонсолон ва хурдсолон) ”.

8. “Канзҳои ҷазираи ободкорон. Қиссаи ақидавӣ ва тарбиявӣ (барои калонсолон ва хурдсолон) ”.
9. “Мушкилоти зулм ва фасод дар андеша ва таърихи исломӣ” (2008).
10. “Байни саҳобагон ва аъробиҳо: Дидгоҳи ҷаҳонии мутамаддини қуръонӣ” (2007).

- Саҳми бузурге дар барпо доштани бисёре аз конфронсҳо ва гуфтугӯҳои фикрӣ ва фарҳангии ҷаҳонӣ дошта, дар ин конфронсҳо баромад мекард ва дар он баҳсҳои илмӣ ва андешаҳоеро пешкаш менамуд.

# Муқаддима

Аҳамияти ин мавзӯъ дар он аст, ки шомили "хитоби исломии муосир" дар бораи асосиёти дини исломӣ мебошад, ки тамаддуни исломӣ ва уммати исломӣ ба сабаби бунёди ақидавӣ ва фарҳангие, ки бар он асос ёфтааст, наметавонад бидуни побандии амалӣ ва ҳақиқӣ дар зиндагӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангияш ба ин асосиёт рушду нумӯ намояд.

Агар ин масъала шарти асосӣ дар пешрафт ва рушду эҳёи фарҳанги исломӣ ва бозсозии он дар дунёи имрузӣ бо тағйирот ва хатароташ бошад, пас бар андешамандон ва фарҳангшиносони исломӣ, ки ақл ва дасти ин уммат дар ҳаракат додани калиди ҷунбиши бедорӣ ва тағйиру дигаргунӣ мебошанд, бояд як лаҳзае ором нагиранд ва дар пайи ёфтани сабабҳои рӯй наовардани ин уммат бар ин асосиёт ва дарки воқеии он бошанд. Ва инчунин бояд роҳҳои амалии таъсирбахшро ба уммат нишон диҳанд, то ба он қаноат намуда, дар зиндагӣ ва пешрафти ҷомеаҳояшон ба он чанг бизананд.

Вақте ҳол чунин бошад, пас ҳатман дар "хитоби исломӣ" халал ва шикофе дар масъалаи ин асосиёт вуҷуд дорад, ки он дар зиндагии афрод ва уммат таъсир гузоштааст. Бо ин сабабҳо мебинем, ки уммати исломӣ дар иҷрои бисёре аз ин асосиёт дар ҳайрат, сарсонӣ ва дошатани тасаввури манфӣ зиндагӣ мекунад. Ба сабаби нуқсон ва кӯтоҳие, ки дар "хитоби исломии муосир" ба вуҷуд омадааст, ва инчунин ба сабаби заъфу нотавониҳои уламо дар расондани дини Ислом ба таври дуруст ба уммат дар ҷаҳонбинии уммати исломӣ камбудӣ ва хатоҳое ворид шуда, ахлоқаш фосид гашта, шахсиятпарастӣ ва диктатура дар шахсияти мусулмон ҷой гирифтааст. Нишонаҳои ин заъфу нотавонӣ ва нуқсону камбудиҳоро дар амалкарди заиф ва беморонаи уммати исломӣ ба таври ошкор метавон мушоҳида кард.

Ҳадафи ин баҳс исломсозии дониш бар асоси ҷаҳонбинии тамаддуни исломӣ ба воситаи такмили методологияи систематикӣ ба хотири бознигарии яке аз муҳимтарин асосиёти шариат мебошад, ки ҳамоно низоми исломии ҷазо аст, то ки намунае бошад ба хотири зарурати мавҷуд ва бунёди ҷомеаи инсонии намунавии муосир дар ростои бознигарии "хитоби исломии муосир" дар партави нусуси шаръӣ ва фаҳми илмии суннатҳо дар табиати башарият ва дар партави умумиёти қонунгузории шариати исломӣ ва мақсадҳои он.

Мақсади ин баҳс дарки аҳамияти ислоҳи андешаи уммат ва даъвати уламо ва мутафаккирон ба бознигарӣ дар гуфтугӯи уммат дар бораи асосиёти дин бар асоси равиши илмии исломии дуруст, ки ақлҳоро қаноат дода, дилҳоро ҷалб намояд ва ҷавобгӯи ҳоҷатҳои фитрии инсонӣ буда, дар он донаҳои хайрро бикорад.

Бидуни ислоҳи дидгоҳ, фикр, барнома ва ислоҳи гуфтумон ва бидуни пешниҳод намудани барномае бар асоси пояҳои илмӣ, амалӣ ва ҳақиқии исломӣ ҳеҷ гоҳ бедорӣ ва ҷунбише ба вуҷуд нахоҳад омад. То замоне, ки сабки анҷоми вазифаи андешамандон ва ислоҳкорон то баландтарин сатҳи фикрӣ барои бедорсозии уммат ва идомаи роҳи тамаддунаш рушд ва тараққӣ накунад, ақибмонӣ ва парокандагӣ идома хоҳад дошт.

Аз Аллоҳи мутаол кумак, тавифиқ ва ҳидоятро хоҳонем.

**ДОКТОР АБДУЛҲАМИД АҲМАД АБУ СУЛАЙМОН**

**РИЁЗ, 31.10.2007.**

## Аҳамияти вижа ба Қонуни ҷазои Ислом

Инсон наметавонад он эҳсоси нохушеро, ки оммаи мардум ҳангоми шунидани ибораи “Қонуни ҷазои Ислом” ва махсусан калимаи “ҳудуд” дар худ пайдо мекунанд, нодида бигирад. Инчунин бисёриҳо дар худ ваҳшат ва тарсро ҳангоми шунидани ин қонун, ки ба гумони худ ваҳшиёна ва бераҳмона мебошад, ҳис мекунанд, дар ҳоле, ки ин эҳсосот беасос ва хаёлӣ мебошанд. Албатта, мо яқин дорем, ки дини мубораки Ислом бо он ҳама таълимоти ахлоқӣ ва маънавие, ки дар қонунгузории худ дорад, ҳеҷ гоҳ қасд надорад, ки ин ваҳшат ва тарсу хавфро дар вуҷуди инсонҳо, махсусан мусулмонҳо пайдо намояд, чун ин нигарониҳо бо рӯҳияи қонунгузории исломӣ созгор намебошанд, балки ҳар он чиро дини мубораки Ислом аз усул ва ахлоқиёт ва одоби исломӣ пешкаш менамояд, бояд дар он манфиат, амният ва оромӣ барои башарият дар назар гирифта шуда бошад.

Ин гуна андешаҳо ва эҳсосот ҳатман дар зеҳни бисёриҳо ҳангоми мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор додани хавфнок ва бераҳмона будани Қонуни ҷазои Ислом дар ҳаққи касоне, ки муртакиби хато ва ҷиноятҳо (гуноҳони кабира) мешаванд, ки дар табиати башарӣ ва махсусан дар табиати қишри ҷавон вуҷуд дорад, пайдо мешавад. Махсусан дар ин замони фасод ва вазъияти хатарноки иҷтимоӣ ва ангехтани ангезаҳои шаҳвонӣ тавасути васоили имрӯзӣ, ки бештар ҷавонон мавриди ин ҳамлаҳо қарор мегиранд. Ба таври мисол, агар яке аз онҳо муртакиби зино ва ё алоқаҳои ҷинсии номашруъ гардад, дар ин сурат чунин шахс барои анҷоми ин ҷинояташ ҷазои сахтеро хоҳад гирифт ва осонтарин фатво дар ҳаққи чунин шахс дурраи дардоваре ва хориву зории иҷтимоӣ хоҳад буд.

Ба ҳамин хотир ҷои тааҷҷуб нест, вақте мебинем, ки донишмандон ва муҳаққиқон дар ҳар замоне машғули ин масоил

мешаванд, то бар асоси мафҳумҳои шаръӣ қонунҳои исломии ҷазоро барои мардум ба шакле, ки бештар фаҳмо ва мавриди қабулият бошанд, пешкаш намоянд. Аз ҷумлаи масоиле, ки муҳаққиқон бештар рӯи он диққат менамоянд, ин аст, ки умед доранд, ки талошҳои онҳо дар осонфаҳм ва қонеъкунанда намудани гуфтумони исломӣ натиҷа диҳад, чунки ҳикмати шарт будани чаҳор шоҳид ва гувоҳии возеҳ ва қатъӣ барои исботи ҷинояти зино ба таври дуруст муайян нашудааст, дар ҳоле, ки барои ҷинояти қатл ва қисос ду шоҳид кифоя мекунад.

Чунин масъалаҳо саволҳоеро ба миён меоранд. Ба таври мисол: Чаро шарт чаҳор шоҳид аст? Чаро се, панҷ ё шаш нафар нест? Ё рақами чор хусусиятҳои худро дорад? Ё як рақами тасодуфӣ мебошад? Ё мақсад чизи дигарест? Наметавон ҷавоб дод, ки онҳо як ҷамоат мебошанд, чунки се нафар низ ҷамоат ҳисобида мешаванд ва панҷ, шаш ва бештар нафар низ ҷамоат мебошанд. Пас чаро махсусан рақами чор ҳадди камтарини шоҳидон барои қабули ин туҳмат интихоб шудааст?

## Масъалаи методология

Ин ва дигар саволҳо баъзан васвасаҳои фикриеро нисбати ҷазоҳои исломӣ дар зеҳни муҳаққиқон эҷод менамоянд. Албатта, шароит, машғулиятҳо ва табиати ин тахассус барои ашхосе монанди ман имкон намедиҳанд, ки рӯи ин масоил диққати бештаре диҳем.

Ҳар гоҳе, ки чунин саволҳо ба зеҳнам меоянд, ба хубӣ медонам, ки ҷавоб барои чунин саволҳо ҷуз бо доштани методологияи фикрии шомил ва муназзам, ҳамаҷониба ва систематикӣ ва бо фаҳми ҷанбаҳои фитрие, ки ба масоили инсонӣ тааллуқ доранд ва мавриди баҳс мебошанд, вуҷуд надорад. Методологияе бошад, ки дар он ваҳй, ақл ва табиатҳо, яъне ваҳй, ақл, фитрат ва ҷаҳоншиносӣ бо ҳам дар такомул бошанд. Пештар дар масоили барномаи исломӣ ва такомули сарчашмаҳои маърифат дар ваҳй, ақл, табиатҳо ва воқеиятҳо асареро навишта будам. Таҷрибаи Донишгоҳи байналмилалии

исломии Малайзия ба хотири иртибот додани ваҳӣ (нусуси шаръӣ [1] ) бо олам (ақл ва қонунҳои табиат) ва бо воқеиятҳои ногусастании алоқаҳои асру замон ва макон ва имконот ва хатарҳои он таҷрибае хубе буд.

Ҳадафи таҷрибаи Донишгоҳи байналмилалии исломии Малайзия ба вуҷуд овардани методологияи исломии шомили муосир буд, ки дар он ваҳӣ ва ҷаҳон (ақл, табиатҳо ва воқеиятҳо) бар асоси таҳлили муназзам, ки бар асоси шароит ва имконоти замон ва макон бино ёфтааст, ва барномарезии илмӣ ва академӣ бо ҳама ҷамъ шаванд. Инчунин ин таҷриба омӯзише буд барои шинохти табиати хитоби исломӣ, ки то чӣ андоза ин хитобҳо бо синну сол, ҳолати равонӣ ва фарҳанги мухотаб созгор мебошанд. Ва инчунин ҳадафи он поён додани фикрӣ ва академии амалӣ ба падидаи шизофренияи маърифатӣ, методологӣ ва ҷузъӣ буд, ки андешаи мусулмононро аз хеле вақт боз фаро гирифта, сабаби тангназарӣ дар дидгоҳи ҷаҳоншиносӣ ва ба ҳам хӯрдани ҳамбастагии иҷтимоии онҳо ва бархӯрд байни уламо ва подшоҳон шудааст, ки натиҷаи он дар гӯша қарор гирифтани уламо ва сатҳӣ гаштани афкори подшоҳон гашта, боиси оҷиз мондани ҳар ду тараф аз дарки таҳаввулот ва пешниҳоди роҳҳои ҳали мушкилот гаштаанд.

Натиҷаи нотавонии маърифатӣ ин шуд, ки ҳар ду тараф рӯ ба силоҳи тарсондан оварданд: уламо ба тарсондани фикрӣ ва подшоҳон ба тарсондани ҷисмӣ ва моддӣ. Тарсондан василаи асосӣ барои роҳбарони фикрӣ ва сиёсии заиф ва нотавон гашта буд, ки онро василаи асосӣ барои ба назм даровардан ва ҳукумат кардан ва инчунин нигоҳ доштани ҷомеа аз пош хӯрдан ва парешонии иҷтимоӣ ва сиёсии шомил қарор доданд. Дар айни замони тарс, зулм ва фасод василаи асосӣ барои ҳимояи манфиатҳои гуруҳии махсус қарор гирифта, сабаби шахсияти манфии мусулмон ва ғуломсифатии ӯ шудааст. Инчунин сабаби аз байни рафтани шахсияти фитрии мусулмон ва нест гаштани рӯҳияи ҷонишинӣ, муҳаббати маърифат, дар ихти-

1 Нусус (ҷамъи «насс») — матнҳои сареҳ ва далелҳои ошкор аз оёти Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ.

ёр доштан ва тағйирот дар худ ва фаъолияти фикрӣ ва ҳаётӣ гашта, дар натиҷа мусулмон як шахси манфӣ, ақибмонда, пароканда, нотавон ва канорафтида гашт.

Намунаи мардоне монанди Ибни Ҳазм, Ибни Таймия ва Ибни Халдун, ки илми ваҳй (дин) ва илми табиатҳо, суннатҳо ва воқеиятҳоро (дунё) ҳамроҳи методологияи нуронӣ ва муназзами андешаронӣ ва баҳс дар бисёре аз масоил доштанд ва асарҳои илмиро бо вуҷуди парокандагӣ ва беаҳамиятӣ нисбати ин умур дар фикр ва фарҳанги уммати исломӣ ба мерос гузоштанд, роҳнамое буданд барои таҷрибаи Донишгоҳи байналмилалии исломии Малайзия. Ин ба хотири сохтани мактабе бо методологияи шомили муосир буд, ки дар роҳи бозсозии фикри мусулмон ва эҷоди маърифатҳо ва сохтани шахсияти ҳидоятшудаи музайян бо ахлоқи ваҳйӣ ва мақсадҳои шариат ва усулаш гомҳоеро мегузошт, то дар баробари мушкилоти аср ва бозсозии тамаддуни исломӣ ва инсонӣ ва зинда гардони он истодагарӣ карда тавонад.

Бо интихоби барномаи илмӣ аз тарафи донишгоҳҳо ва мактабҳои фикрӣ усул ва равиши чунин мардон ва рӯҳияи андешаронии онҳо мактабҳои намунавӣ хоҳанд шуд, ки вазифаи худро дар зинда гардондани тамаддуни исломӣ анҷом хоҳанд дод ва ин талош ва иҷтиҳодҳо танҳо як гуфтумонҳо ва андешаронихои пароканда дар фазои андешаронихо боқӣ нахоҳанд монд, чунки ин андешаҳо гоҳе дар осмони илм рушноӣ мекунанд ва дубора хомӯш мегарданд. Пас камолёбии илмӣ ва методологияи фикрии муназзами шомил ва самарбахш назди ин шахсиятҳои муҷтаҳид ва фаъолиятҳои ҳаётии илмияшон барои мо дараҷаи бузург будани илм ва тавоноиҳои иҷтиҳодии онҳоро бо вуҷуди он ҳама мушкилоти замонӣ ва макониии асрашон ошкор месозад.

Ҳадаф аз ин намунаҳо ин аст, ки хонандаи мусулмон вақте дар ин аср мувоҷеҳи фаҳми нодурусте дар масъалаи муҳим ва харатноке монанди масъалаи Қонуни ҷазои Ислом ва бархӯрди уммати исломӣ бо ин масоил мегардад, роҳи ҳал ва дидгоҳи исломӣ бояд аз як барномаи фикрии шомил ва муназзами маъ-

рифати исломӣ сарчашма гирад. Чунки ин фикр ва барномаест, ки метавон ба воситаи он ба андешаҳои исломии муосир ва мушкилоти он аз ҷумла таҳқиқот дар низоми исломии ҷазо ва кайфияти таҳаққуқи аҳдофи ин низом бидуни таҳти фишор қарор додани рӯҳияи инсон ва аз байни бурдани боварӣ ба худ ва фитраташ ва бидуни эҷоди хавфу тарс ва ба вуҷуд овардани як шахсияти нотавон ва бечора, ки ҳеҷ гуна интихобе надошта бошад, роҳи ҳалле пайдо кард.

## Аз фикри мушкилоти хобгоҳ ба дидгоҳи нави Қонуни ҷазои Ислом

Тавсеаи бинои Донишгоҳи байналмилалӣ исломӣ дар Куала-Лумпури пойтахти Малайзия ва нақшаи бинои нав дар соҳили рӯди Гомбак таҷрибаи нодире буд. Бунёди шаҳраки Донишгоҳи исломӣ, ки ҳадаф аз он муҳаққақ сохтани арзишҳои исломӣ дар хобгоҳи умумии донишҷуён ва махсусан донишҷуёни исломӣ бар асоси заруратҳои донишҷӯ ва хусусиятҳояш дар доираи ин шаҳрак ва шароити Малайзия ва имконоту шароити ин макон буд. Аз байни масоиле, ки бояд ҳалли худро меёфт, эҷоди беҳтарин тартибу танзиму оромӣ буд ва хобгоҳи донишҷӯи исломӣ бояд арзишҳои исломиро дар худ муҷассам месохт.

Барои тавсеаи ин донишгоҳ лозим буд арзишҳои исломӣ, табиатҳо, ҳоҷатҳои инсонӣ ва заруратҳо дар назар гирифта мешуданд ва роҳҳои ҳал ва таъсирбахше, ки беҳтарин хидматрасониҳои хобгоҳиро бо камтарин хароҷот пешниҳод менамуд, дида баромада мешуд.

Аҷибаш ин буд, ки таҳлили равоншиносӣ ва иҷтимоие (шинохти табиатҳо), ки бунёди хобгоҳ тақозо мекард, нохоста моро ба сӯи дидгоҳи наве нисбати мақсадҳои қонунгузории низоми исломии ҷазо (нусуси шаръӣ) бурд. Ин масъала сабаби дарки ҳикмати шарт будани чаҳор шоҳид дар исботи зино ва ҳикмати ҷазои шоҳидҳо дар сурати камтар аз чаҳор нафар буданашон шуд ва дар айни ҳол сабаби дарки вуҷуди

фарқ байни ҷиноятҳои ғаризӣ ва ҷиноятҳои таҷовуз ба хун ва мол гашт.

Таҳқиқоти равоншиносӣ ва иҷтимоӣ сабаби шинохти дидгоҳе шуд, ки рӯшноӣ бар нусуси шаръӣ ва шарҳи аҳдоф, мақсадҳо ва ҳикматҳои он андохт ва роҳро барои дидгоҳи илмӣ кушод. Имкон надошт нусуси шаръиро танҳо бо хондан ва фаҳмидани он аз рӯи қонун ва забон дуруст дарк кард. Бар асоси ин фаҳм дониста мешавад, ки нусуси шаръӣ "мавқуф" мебошанд, яъне онро бе чуну чаро бояд қабул намуд, зеро наметавон асрор ва ҳикматҳои онро дарк кард ва ҳар чизе, ки муҳаққиқе пайдо мекунад, тахминҳо ва далолатҳои умумие мебошанд, ки ҳамроҳ бо он суолҳое боқӣ мемонанд, ки посуххои муайяне надоранд, балки мафҳумҳо ва эҳсосотеро ба вуҷуд меоранд, ки маънои нуҳуфтаи ҳақиқии дар нусуси шаръиро надоранд. Дар ҳоле, ки нусуси шаръӣ қонунҳои ҳаётие мебошанд, ки тасодуфӣ намебошанд ва ҳадаф аз ин қонунҳо таъмини амнияту оромии иҷтимоӣ дур аз эҳсосоти тарсу ваҳшате мебошанд, ки назарияи луғавии қонуни ҷазо ба вуҷуд овардааст.

## Такомули манобеи маърифати исломӣ дар ваҳй (нусуси шаръӣ) ва ҷаҳон (ақл, фитрат, суннатҳо ва воқеаҳо)

Самараи такомули маърифати ваҳй ва табиатҳо буд, ки ин мабҳас ба як дидгоҳи арзишманди равонӣ ва иҷтимоӣ дар нусуси шаръӣ расид, ки ба шакли амалӣ маънои маърифати исломӣ ва инчунин маънои такомули маърифати ваҳй ва ҷаҳонро (ақл, суннатҳо, воқеаҳо) шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Мушкили аввале, ки дар ба нақшагирии хобгоҳи донишҷуён ба миён омад, муайян намудани теъдоди муносиби донишҷуён дар як ҳуҷра буд. Дар ин донишгоҳ ва дигар донишгоҳҳое, ки аз тарафи давлат сармоягузорӣ мешаванд, теъдоди зиёди донишҷуёнро дар як ҳуҷра ҷой медиҳанд, ки донишҷӯро дар муддати тулонӣ аз умури хусусиаш, ки ба он

эҳтиёҷ дорад, маҳрум месозад ва ин масъала сабаби низоъ ва кашмакашиҳо байни онҳо мегардад.

Барои дуруст фаҳмидани маънои такомуле, ки дар бораи он суҳбат менамоем, беҳтар аст ба талошҳое, ки пештар анҷом шудаанд, ва ин, ки чӣ гуна ин талошҳо ба амалкарди такомул ва мафҳумҳо ва дидгоҳҳои гуногун дар натиҷаи мафҳумҳо ва маърифатҳои иҷтимоии равоншиносӣ бурда расонд, таваҷҷуҳ кунем ва аз он пайравӣ намоем.

Дар ибтидо, вақте таҳлилу баррасии вазъияти равонӣ ва иҷтимоии донишҷӯён дар хобгоҳҳои мухталифро шурӯъ кардам, онро аз як нафар дар як ҳуҷраи мустақил оғоз намудам, ки дар нигоҳи аввал беҳтарин роҳ буд. Вале бо нигоҳи дақиқтар аз назари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ фаҳмидам, ки ин ҳалли муносибе барои хобгоҳи умумии донишҷуён намебошад. Масалан, аз диди иқтисодӣ дар мамлакатҳои монанди Малайзия давлат бештарин хароҷотро дар таълими донишҷуён бар уҳда дорад. Пас хобгоҳи якнафарӣ бо дар назардошти теъдоди калони донишҷӯён аз нигоҳи иқтисодӣ номумкин аст ва муҳимтар аз ин, ин гузина дар хобгоҳи донишҷуён аз нигоҳи равонӣ ва иҷтимоӣ муносиб нест. Донишҷӯ дар замони таътилот ва ё дар марҳалаи аввали донишҷӯӣ одатан ҷавони камсинну сол аст, ки дар хона дар тамоми корҳо, монанди шустушӯи либосҳо, пӯхтани хурду хӯрок ва дигар эҳтиёҷот ба оилааш такя доштааст. Чун дар марҳалаҳои аввали донишҷӯӣ, ки аз аҳлу оилааш ҷудо гашта, ӯ дар ҳолати равонии хуб қарор надорад, наметавонад танҳоиро таҳаммул кунад, чунки вай ногаҳон худро дар ҳолате меёбад, ки бояд тамоми корҳои зиндагии худ, аз ҷумла хурду нӯш ва сару либосро худаш дур аз оилааш идора кунад ва марҳалаи нави хонишаш аз вазъияти пешниааш, ки бар он одат карда буд, фарқ мекунад.

Ба ҳамин хотир барои чунин донишҷӯ танҳо мондан дар хобгоҳ роҳи муносибе нест, чунки унс ва ҳамдили бо рафиқон барояш беҳтар мебошад ва ин масъала барои донишҷӯ барои одат карданаш дар ин фазои нав ва талаботи он ва инчунин эътимод ба худаш кумак мекунад. Вазъияти ин донишҷӯ мо-

нандии зиёде ба бозмондагони шахси вафотёфта дорад, ки наздиконаш намегузоранд ғаму андӯҳ онҳоро ҳалок созад ва дар паҳлуяшон мемонанд, то бар ғаму андӯҳ ғалаба намуда, ҳолати худро сомон диҳанд.

Мумкин аст ба зеҳни инсон ин фикр ояд, ки шояд дар як ҳуҷра ду нафар будани донишҷӯён гузинаи хубтаре бошад, вале баъд аз тааммул ва диққат дониста мешавад, ки ин гузина низ аз дидгоҳи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, равоншиносӣ ва ахлоқӣ роҳи ҳалли беҳтаре намебошад. Аз нигоҳи иқтисодӣ ҳанӯз ҳам хобгоҳ хароҷоти зиёде дорад ва муҳимтар аз он дар баъзе ҳолатҳо, агарчи ин ҳолат бисёр кам ҳам бошад, ба инҳирофи ахлоқӣ бурда мерасонад. Аммо мушкили асосие, ки аз он ҷои гурез нест, ин мушкили иҷтимоӣ ва равонӣ мебошад. Ба таври мисол, агар байни ин ду нафар мушкиле пайдо шавад, дар он сурат ҳалли ин мушкил ба сабаби набудани шахси сеюм бисёр душвор хоҳад буд.

Дар зеҳни инсон шояд хутур намояд, ки гузинаи сенафарӣ дар хобгоҳ гузинаи хубтар бошад, аммо ҳақиқат ин аст, ки ин гузина муносиб нест. Зеро табиатан байни ду нафар дӯстӣ ва унс пайдо мегардад ва шахси сеюм дар узлат ва танҳоӣ қарор мегирад ва чӣ басо шахси сеюм қурбонии гуфтугӯҳои пинҳонии ин ду нафар гашта, дар танҳоӣ қарор гирад ва ба ҳамин хотир Расулуллоҳ (с) аз суҳбати дунафарӣ дар ҳузури шахси сеюм манъ намуданд.

Ин мабҳас моро ба ин натиҷа мерасонад, ки гузинаи чорнафарӣ дар хобгоҳ дар як ҳуҷра гузинаи беҳтар ва роҳи ҳалли афзале мебошад, ки ҳадди ақалли ҳамгироии иҷтимоӣ ва равонии мутакомил ташкил медиҳад ва инчунин метавон онро як ҷомеаи хурди инсонии мутакомил номид.

Маълум аст, ки гузинаи чорнафарӣ гузинаест, ки камбудиҳоеро, ки зикр кардем, надорад ва инчунин фоидаҳои иҷтимоӣ ва равониро доро мебошад. Вақте ду нафар байни худ унс бигиранд ва алоқа байни онҳо мустаҳкам гардад, пас ду нафари дигар метавонанд бо ҳамсуҳбатӣ байни худ танҳоии худро аз байн бубаранд ва бо гузашти замон алоқа ва дӯстӣ байни ин

чаҳор нафар ба вуҷуд меояд ва як ҳамкории иҷтимоӣ ва ҳамсуҳбатии ҷамъиятӣ ва комил ташкил мегардад. Инчунин мо мебинем, ки замоне байни ду нафар аз ин чаҳор нафар низоъ ва мушкиле пайдо мегардад, онро метавон ба осонӣ ҳал намуд ва ба зудӣ дубора дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмиро байни онҳо барқарор кард.

# Қонуни ҷазои Ислом: Дидгоҳи исломии илмӣ ва иҷтимоӣ

Дар рафти ин мушкилоти фикрӣ дар ҳалли масъалаи хобгоҳи донишҷуён бо назардошти масоили иҷтимоӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ байни афроди ҷамъияти инсонҳо бароям ногаҳон ҳикматҳои шумораи “чаҳор” барои ташкили як ҷамоат аз нигоҳи иҷтимоӣ ва равонӣ ҳувайдо гашт. Ин масъала дар зеҳнам худ аз худ ва бидуни қасд рӯшноиро дар фаҳму дарки ҳикмати шарт будани чаҳор шоҳид дар исботи зино андохт ва дар ҳамин асос ба ин таҳлил пардохтам.

Дар таҳлили собиқ дарк намудам, ки интихоби шумораи чаҳор дар исботи ҷинояти зино як рақами тасодуфӣ нест, балки ҳикмати ин рақам аз дидгоҳи иҷтимоӣ ва равонӣ бароям ошкор гашт ва барои тамоми он саволҳо дар бораи нисоби шоҳидон ва мавриди ҷазо қарор гирифтани шоҳидон дар ҳолати чаҳор нафар набуданашон ва ё дар ҳолати қатъӣ набудани шаҳодаташон посух пайдо кардам. Мақсад аз ҷазои шоҳидҳо дар ҳолати фароҳам набудани шартҳои шаҳодат ва ҷазои зинокор манъи бепарда кардан, озори равонӣ расондан ба дигарон ва манъ кардани фасод ва фаҳшо дар ҷомеа мебошад, чунки ҷазо ба хотири худи ин кор нест, балки ба хотири манъи интишори фаҳшо мебошад. Аммо ба танзим даровардани хоҳишоти нафс вазифаи тарбия ва ғолиб сохтани сифатҳои табиати солим ба хотири қонеъ кардани хоҳишоти нафс мебошад.

## Ҳикматҳои иҷтимоии шаҳодати чаҳор шоҳид

Ман дар рафти таҳлилҳои иҷтимоӣ ва равонӣ дар хобгоҳи донишҷӯён дар шаҳраки донишгоҳӣ ба ин натиҷа расидам, ки шумораи “чаҳор” ҳикматҳои равонӣ ва иҷтимоии муҳиммеро доро мебошад, чунки шумораи чаҳор ҳадди ақалли як ҷомеаи

инсонии камолпазир мебошад, ки метавонад як тавозуни иҷтимоӣ дошта, ҳоҷатҳои инсонӣ дар он бароварда гарданд. Яъне чаҳор нафар намояндагӣ аз як ҷомеаи хурди камолпазир ва иҷтимоӣ менамоянд. Пас ба ҳамин хотир дар исботи ҷинояти зино чаҳор шоҳид шарт мебошад, ки бо сароҳат ва қотеият гувоҳӣ медиҳанд, чунки гувоҳӣ додани чаҳор нафар маънои онро дорад, ки дар байни чаҳор нафар гувоҳӣ додаанд ва ҳар кӣ дар байни чаҳор нафар гувоҳӣ дод мисли ин аст, ки дар байни ҳама гувоҳӣ додааст. Чунки чаҳор нафар танҳо шумораест, ки метавон онро ҳади ақалли як ҷомеа донист, на шумораи се ё камтар аз он ва на шумораи панҷ ё бештар аз он.

Аз натиҷаи ин таҳлил ва он ҳикматҳое, ки дар он вуҷуд дорад, маълум гардид, ки ин шумора як шумораи тасодуфӣ нест, балки шумораест, ки ҳикматҳои равонӣ ва иҷтимоии муҳимеро дорад. Вақте як амали бад дар назди чаҳор нафар анҷом мешавад, маънои онро дорад, ки дар назди тамоми ҷомеа ошкор ба анҷом расидааст ва ин худ ба маънои нашри фасод ва фаҳшо буда, таҷовуз ба озодӣ ва ҳуқуқи дигарон ва ташвиқи онҳо ва ҷавононашон ба фасод мебошад, дар ҳоле, ки онҳо намехоҳанд роҳи инсонҳои мунҳарифро интихоб намоянд. Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло мефармояд:

> *“Аллоҳ таоло баланд кардани садоро ба бадгӯӣ дӯст надорад”* ***(Нисо, 148).***

Аз Убода ибни Сомит (р), саҳобае, ки дар ғазваи Бадр иштирок намуда ва аз ҷумлаи намояндагони Шаби Ақаба буд, ривоят аст: «Пайғамбар (с) дар ҳоле, ки дар атрофаш гурӯҳе аз саҳобагон буданд, фармуд:

> *“Агар бо ман байъат намоед, ки ба Аллоҳ таоло чизеро шарик насозед, дуздӣ накунед, зино накунед, фарзандонатонро накушед, туҳмат назанед, аз кори нек сар боз назанед, пас савоби ҳар кӣ вафо кард назди Аллоҳ аст. Ва ҳар кӣ коре аз инҳоро анҷом дод ва дар дунё ҷазо дид, пас ин ҷазо каф-*

*форати гуноҳаш мегардад ва ҳар киро баъд аз муртакиби гуноҳ шудан Аллоҳ таоло сатр кард, пас ихтиёраш назди Аллоҳ аст. Агар хост, мебахшадаш ва агар хост, ҷазояш медиҳад". Сипас мо бо эшон байъат кардем» .*[2]

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳикмати муҷозоти шоҳидоне, ки аз чаҳор нафар кам ҳастанд (масалан, агар се нафар бошанд ва бо сароҳат ва қотеият шаҳодат диҳанд), ин аст, ки онҳо ба хотири ошкор ва паҳн сохтани фаҳшо муҷозот мешаванд. Муҷозоти шоҳидоне, ки камтар аз чаҳор нафар мебошанд, ҳамчун ҷазо муқарар шудааст, чунки онҳо амалеро ошкор намудаанд, ки бояд онро пинҳон месохтанд, чунки инсонҳо аз рӯи заъфу нотавонии башарӣ ва хоҳишоти нафсонӣ ин амалро дар пинҳонӣ анҷом доданд ва имкони тавба ва пушаймонӣ низ мавҷуд буд. Яъне вақте ду нафар зино мекунанд ва онро пинҳонӣ анҷом медиҳанд ва ин амалро дар байни ҷамъият, ки ҳадди ақаллаш чор нафар мебошад, анҷом надодаанд ва имкон дорад аз ин амалашон пушаймон шаванд ва тавба кунанд ва онро ошкор насозанд, шоҳидон ин амали хосро ом менамоянд ва ба ҳамин хотир муҷозот мешаванд. Ба ҳамин хотир, набояд фаромӯш намоем, ки чаҳор шоҳид бояд ҳатман бо сароҳат ва қатъият ба хотири собит намудани ҷинояти зино шаҳодат диҳанд, на бо гумону тахмин. Чунки муҷозоти дурра задан ва ё сангсор намудан на ба хотири хатоест, ки анҷом дода шудааст. Зеро агар танҳо ба хотири ин амал мебуд, пас бояд ду шоҳид мисли дигар ҳудуд ҳамчун ҷиноятҳое, ки дар ҳаққи молу нафсҳо анҷом мешавад, кифоят мекард, чунки дар ин ҷиноятҳо муҷозот ба хотири манъи ин амал мебошад. Вале муҷозот дар ҷинояти зино ба хотире муқаррар шудааст, ки ин амал дар назди чаҳор нафар, ки ҳадди ақалли як ҷомеаи башарӣ мебошад, анҷом гаштааст ва ин амал сабаби паҳн гаштани фаҳшо мегардад. Ба ҳамин хотир халифаи рошид Умар ибни Хаттоб (р) ба се шоҳиде, ки сароҳатан ва бо қотеият шаҳодат доданд, иктифо накард, чун шаҳодати чаҳорум шоҳид бо қотеият набуд. Пас бояд чаҳор шоҳид вуҷуд дошта

2 Бухорӣ. Саҳеҳ. Китоби имон. Ҳадиси 18.

бошад ва шаҳодати онҳо низ бояд қатъӣ ва бо сароҳат бошад, то ахлоқ ва қасди ашхосеро, ки нашри фаҳшоро байни мусулмонон паҳн сохтан мехоҳанд, ошкор гардад. Худованд мефармояд:

*“Барои касоне, ки дӯст доранд, дар бораи муъминон туҳмати зино паҳн шавад, дар дунёву охират азобе дардовар муҳайёст. Худо медонад, ва шумо намедонед!”* ***(Нур, 19);***

*“Касонеро, ки занони афифаро ба зино муттаҳам мекунанд ва чаҳор шоҳид намеоранд, ҳаштод зарба бизанед ва аз он пас ҳаргиз шаҳодаташонро напазиред, ки мардуме фосиқанд. Магар касоне, ки баъд аз он тавба кунанд ва ба ислоҳ оянд, зеро Худо бахшояндаву меҳрубон аст”* ***(Нур, 4-5);***

*“Ва он касон, ки чун коре зишт кунанд ё ба худ ситаме кунанд, Худоро ёд мекунанд ва барои гуноҳони хеш омурзиш мехоҳанд ва кист ҷуз Худо, ки гуноҳонро биёмурзад? Ва чун ба зиштии гуноҳ огоҳанд, дар он чӣ мекарданд, пой нафушуранд. Ҷазои инҳо омурзиши Парвардигорашон аст ва низ биҳиштҳое, ки дар он наҳрҳо ҷорист. Дар он ҷо ҷовидонанд ва чӣ некуст ҷазои некукорон!”* ***(Оли Имрон, 135-136).***

## Чӣ гуна ғаризаи башариро идора ва роҳнамоӣ кардан мумкин аст?

**Савол:** Дар баробари амалҳои инсон чӣ бояд кард? Чӣ гуна бо он бархӯрд намоем? Ва чӣ гуна ҷомеа бояд бо ин амал бархӯрд кунад?

Барои дарки мақсадҳои низоми исломии ҷазо бояд инро бидонем, ки ин амали бад ва ҷиноят (зино) аз фитрат ва тақозои нафсонии башарӣ вобастагӣ дорад ва роҳи дурусти идора ва тарбияи ахлоқӣ ва иҷтимоии ин фитрати инсонӣ ҳамоно рушди солим, тарбияи дуруст, муяссар сохтани роҳҳои ҳимояи ҷавонон ва кумаки онҳо ба хотири иҷтиноб аз нопокиҳо мебошад. Ба ҳамин хотир роҳи асосии дур сохтани нопокиҳо ва инҳи-

рофоти ахлоқӣ тарбияи солим, талоши бештар дар насиҳат ва фаҳмондадиҳӣ, намунаи нек доштан, ташвиқ ба тавба ва ибрат гирифтан, фароҳам кардани роҳҳои расидан ба ахлоқи нек, кумаки моддӣ ва маънавӣ барои инсонҳо ва махсусан ба ҷавонон ва навҷавонон мебошад.

Бисёр муфид хоҳад буд, агар дар барномаи таълимоти равонӣ ва тарбиявии Пайғамбар (с) дар ин соҳа диққат намоем, чун дар ҳикматҳои амалкарди эшон мисоли нек ва намунаи хубе мебошад. Мебинем, ки Расулуллоҳ (с) вазъияти ҷавонеро, ки шаҳват ӯро мағлуб карда буд ва аз Пайғамбар (с) иҷозати зино хост, чӣ гуна муолиҷа намуд. Дар ин вазъият мебинем, ки Расулуллоҳ (с) аз услуби сахтгирӣ ва муомилаи дурушт кор нагирифт, балки рӯ ба услуби муолиҷаҳои тарбиявии самарбахш дар тарбияи ғаризаи шаҳвонии ин ҷавон овард ва ба дар фароҳам кардани идораи ғаризааш кумак намуд. Ин ҷавонро бо нармӣ ба худ наздик кард, ӯро бо сахтӣ ва дуруштӣ дар чунин ҳолати мушкил аз худ дур насохт, ӯро таҳдид ҳам накард, аз азоби ҷаҳаннам натарсонд ва ҳаром будани ин амалро ҳам барояш зикр накард, балки мебинем, ки Расулуллоҳ (с) қалб ва каромату мавзеъи хайрро дар вуҷуди ин ҷавон мавриди хитоб қарор дод. Барои ҷавон ёдовар шуд, ки тамоми занҳо модар, хоҳар, хола ва ё аммаи касе мебошанд. Пас вақте, ки намехоҳӣ мардум ба номуси туро расанд, чӣ гуна розӣ мешавӣ, ки ба номуси дигарон бирасӣ ва он чиро барои худ намехоҳӣ, метавонӣ барои дигарон бихоҳӣ?! Нафси ин ҷавонро дар як ҳолати ахлоқӣ қарор дод ва эҳсосу иззати нафсашро дар вуҷудаш ҳамчун рақибе зинда сохт, то ӯро аз таҷовуз ба номуси дигарон манъ намояд.

> Аз Абу Умома (р) ривоят аст, ки фармуд: “Ҷавоне назди Расулуллоҳ (с) омад ва фармуд: «Эй Пайғамбари Худо (с), ба ман иҷозати зино бидеҳ».
>
> Мардум ба ӯ тохта, сарзанишаш карданд. Пайғамбар (с) фармуд: «Ӯро ба ман наздик кунед».
>
> Ҷавон наздик омад ва нишаст. Пайғамбар (с) фармуд:
>
> «Оё зиноро дар ҳаққи модарат мехоҳӣ?»

Ҷавон гуфт: «На, қасам ба Худо, эй Пағамбари Худо, фидоят шавам».

Пайғамбар (с) фармуд: «Мардум ҳам намехоҳанд, ки бо модаронашон зино шавад. Оё зиноро барои духтарат мехоҳӣ?»

Ҷавон гуфт: «На, қасам ба Худо, эй Расули Худо, фидоят шавам».

Пайғамбар (с) фармуд: «Мардум низ зиноро барои духтаронашон намехоҳанд. Оё ба зино дар ҳаққи хоҳарат розӣ мешавӣ?»

Ҷавон гуфт: «На, қасам ба Худо, эй Расули Худо, фидоят шавам».

Расулуллоҳ (с) фармуд: «Мардум низ зиноро дар ҳаққи хоҳаронашон намехоҳанд. Оё зиноро дар ҳаққи аммаат мехоҳӣ?»

Ҷавон гуфт: «На, қасам ба Худо, эй Пағамбари Худо, фидоят шавам».

Пайғамбар (с) фармуд: «Мардум ҳам намехлҳанд бо аммаҳояшон зино шавад. Оё зиноро дар ҳаққи холаат мехоҳӣ?»

Ҷавон гуфт: «На, қасам ба Худо, эй Пағамбари Худо, фидоят шавам».

Пайғамбар (с) фармуд: «Мардум ҳам намехоҳанд бо холаҳояшон зино шавад».

Ровӣ мегӯяд: «Пайғамбар (с) дасташро ба сари ҷавон гузошт ва чунин дуо кард: «Бори Худоё, гуноҳашро бубахш, қалбашро пок соз ва шармгоҳашро аз ҳаром нигоҳ дор».

Баъд аз ин ҷавон ба зино ҳеҷ таваҷҷуҳе намекард” .[3]

Пайғамбари Худо (с) ба ин амал иктифо накард, балки тамоми ҷавононро бо насиҳатҳои амалияш ба хотири дафъи шаҳватҳо мавриди хитоб қарор дод ва онҳоро ба издивоҷ ва покӣ, тарбияи нафс дар итоати Аллоҳ таоло ва дурӣ аз маъсият ва гуноҳ ташвиқ намуд. Аз Иброҳим ибни Алқама ривоят аст: “Бо Абдуллоҳ (р) равон будам, ки гуфт, ки Расулуллоҳ (с) фар-

3 Аҳмад ибни Ҳанбал. Муснад. Ҳадиси 21708.

муданд: ***«Касе тавони издивоҷро дошта бошад, пас издивоҷ намояд, чунки издивоҷ сабаби ҳифзи чашм ва шармгоҳ аз ҳаром аст. Ва ҳар кӣ тавони издивоҷро надошта бошад, рӯза бигирад, чунки рӯза сабаби наҷот аз зино мегардад»” .***[4]

*Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло дар Қуръони карим мефармояд: “Ва ба зино наздик машавед. Зино коре зишт ва роҳе нописанд аст!”* ***(Исро, 32);***

*“Эй касоне, ки имон овардаед, пой ба ҷои пои шайтон магузоред. Ва ҳар кӣ пой ба ҷои пои шайтон гузорад, бидонад, ки ӯ ба фаҳшову мункар (корҳои бад) фармон медиҳад. Ва агар фазлу раҳмате ки Худо бар шумо арзонӣ доштааст, намебуд, ҳеҷ як аз шумо ҳаргиз рӯи покӣ намедид. Вале Худо ҳар касро, ки бихоҳад, покиза месозад. Ва Худо шунавову доност!”* ***(Нур, 21);***

*“Ба мардони муъмин бигӯ, ки чашмони худ бипӯшанд ва шармгоҳи худ нигаҳ доранд. Ин бароящон покизатар аст. Зеро Худо ба корҳое, ки мекунанд, огоҳ аст!”* ***(Нур, 30);***

*“Ҳар чиро аз ин китоб бар ту ваҳй шудааст, тиловат кун. Ва намоз бигзор, ки намоз одамиро аз фаҳшову мункар бозмедорад ва зикри Худо бузургтар аст ва Худо ба корҳое, ки мекунед, огоҳ аст!”* ***(Анкабут, 45);***

*“Ва он касон, ки чун коре зишт кунанд ё ба худ ситаме кунанд, Худоро ёд мекунанд ва барои гуноҳони хеш омурзиш мехоҳанд ва кист ҷуз Худо, ки гуноҳонро биёмурзад? Ва чун ба зиштии гуноҳ огоҳанд, дар он чӣ мекарданд, пой нафушуранд. Ҷазои инҳо омурзиши Парвардигорашон аст ва низ биҳиштҳое, ки дар он наҳрҳо ҷорист. Дар он ҷо ҷовидонанд ва чӣ некуст ҷазои некукорон!”* ***(Оли Имрон, 135-136).***

---

4 Бухорӣ. Китоби рӯза. Ҳадиси 1806.

Аз таҳлили собиқ натиҷагирӣ карда мешавад, ки пешгирии ошкор сохтан, идома додан ва нашри фаҳшо дар ҷомеа мақсади асосии Қонуни ҷазои Ислом дар боби ғаризаҳои шаҳвонӣ мисли зино, истифодаи нӯшокиҳои масткунанда, маводи мухаддир ва ғайра мебошад. Ба ҳамин хотир, вақте Умар (р) аз сари деворе вориди манзиле шуд ва он ҷо гурӯҳеро дар ҳолати шаробнӯшӣ дид ва хост, то онҳоро ҷазо диҳад, онҳо бо ӯ баҳс карданд ва гуфтанд, ки дар хилват ва танҳоӣ қарор доштанд ва ин амалашонро ошкор насохтанд. Ба ҳамин хотир Умар (р) аз пайгирӣ ва ҷазои онҳо даст бардошт.

Баръакси ин мебинем, ки ҳадафи муҷозот дар боби ҷиноят дар мол ва нафс худи ҳамон феъл аст ва мутобиқи қоидаи шариати исломӣ барои исботи ин ҷиноятҳо танҳо ду шоҳиди одил кифоя мекунад. Имкон надорад, ки ҷиноят дар мол ва нафсро бо гуноҳони вобаста ба ғаризаҳои шаҳвонӣ муқоиса намуд ва дар ин маврид саҳлангорӣ кард ва бо баҳонаи ин, ки ин амалҳо дар пинҳонӣ иҷро шудаанд, муҷозоти онҳо соқит гардад, балки ду шоҳид барои исботи ин амал кифоя мекунад ва ҳадафи ин амр ҳимояи ҳуқуқ, мол ва ҷон мебошад.

Дар ҳар сурат, ҷазо барои мубориза бо ҷинояткорӣ нововбаста аз шаклу навъаш кифоя намекунад. Илоҷи он ҳамоно тарбияи дурусти ахлоқӣ, равонӣ ва пок сохтани он аз тамоми рафтор ва асбоби ҷинояткорӣ дар тарбияи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад, то дар ҷомеа рӯҳияи фаъолият, ҳамгироӣ, саховатмандӣ, адолат, нобуд сохтани фасод ҳукмфармо гардад ва тарбияи насли наврас хуб гардида, дар нафсҳои онҳо муҳаббат, анҷоми амалҳои босифат ҷой гиранд ва барои онҳо шароит, фурсатҳо ва имконоти шарофатмандона ва осони кору фаъолият ба вуҷуд ояд. Тамоми ин умур шартҳо ва талаботи зарур ва лозиме мебошанд, ки дар ҳар як низоми ҷазо бояд вуҷуд дошта бошанд. Бе ин кор ва талабот, ҳарчанд низоми ҷазо сахтгирӣ намояд, масъаларо печидатар ва мушкилтар сохта, тавоноиҳо, имконот ва ихтироъкориҳои ҷавононро аз байн мебарад.

## Амният — ҳикмат ва мақсади низоми исломии ҷазо аст

Бар асоси таҳлиле, ки зикр кардем, дармеёбем, ки ҳикмат ва мақсади низоми исломии ҷазо таъмини амнияту оромӣ дар ҷомеаи исломӣ буда, ҳифзи аъзои он аз таҷовуз чӣ дар масоили ғаризаҳои шаҳвонӣ ва чӣ дар умури вобаста ба молу ҷон аст.

Пас бар асоси хатоҳои нафсҳо ва лағшишҳои онҳо, ки имкон надорад як шахс ба таври қатъӣ худро дар тамоми умраш аз он нигоҳ дорад, мебинем, ки дар муҷозоти чунин амалҳо худи он амал ҳадаф нест, балки мақсад манъи ошкор сохтани он, озори дигарон ва густариши фасод дар ҷомеа мебошад. Албатта, розӣ сохтани нафс бо ҳаром маънои паҳн ва ошкор сохтани онро надорад. Ҳар касе онро ошкор сохт ва интишор дод, на танҳо хатокор, балки ошкорсозанда ва паҳнсозандаи фасод ба ҳисоб меравад ва ҳеҷ узре нахоҳад дошт. Ба хотири ҳифзи амнияти мардум, риояи ҳуқуқи динӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии онҳо ва манъи интишори фасод дар замин ӯ сазовори ҷазо мегарад.

> *“Барои касоне, ки дӯст доранд, дар бораи муъминон туҳмати зино паҳн шавад, дар дунёву охират азобе дардовар муҳайёст. Худо медонад, ва шумо намедонед!”* ***(Нур, 19).***

> *“Ва он касон, ки чун коре зишт кунанд ё ба худ ситаме кунанд, Худоро ёд мекунанд ва барои гуноҳони хеш омурзиш мехоҳанд ва кист ҷуз Худо, ки гуноҳонро биёмурзад? Ва чун ба зиштии гуноҳ огоҳанд, дар он чӣ мекарданд, пой нафушуранд”* ***(Оли Имрон, 135-136).***

Ривоят аст, ки Ато ӯ бар ин назар буд, ки шахсе ҷазо дода мешавад, ки зиноро фош мекунад .

Аз таҳлили собиқ customдониста мешавад, ки мусулмон дар ҷомеаи исломӣ бояд эҳсоси оромӣ ва осудагӣ намояд, на эҳсоси тарсу ваҳшат. Дар ривояте омадааст, ки вақте зане аз қабилаи Ғомид назди Пайғамбар (с) омад ва ба зино эътироф намуд, Пайғамбар (с) бе ин, ки ӯро дар ҳол ҷазо диҳад бозгардондаш, аммо он зан пофишорӣ кард ва он чиро, ки пинҳон буд, ошкор сохт

ва ин амалро эълон намуд ва аз Расулуллоҳ (с) хостори ин шуд, ки бо ҷазо доданаш ӯро аз гуноҳ пок созад. Инчунин Пайғамбар (с) мардумеро маломат намуд, ки чаро он шахсеро, ки аз муҷозот фирор карда буд, раҳо накарданд. Агар дар оятҳое, ки ин мавзӯъро ба тафсил зикр мекунанд, тааммул кунем, ибратҳоеро дар он меёбем, ччунки мусулмон медонад, ки ҳадафи ҷазоҳои вобаста ба ғаризаҳои шаҳвонӣ манъи аҳли фасод аз нашри фасод ва фаҳшо дар ҷомеа, манъи фосидон аз даровардани фасод дар зиндагии мардум ва ба фасод кашидани ҷавонони онҳо мебошад бе ин, ки онҳо ин амрро худ интихоб карда бошанд. Ва ҳадафи ин ҷазо ҷустуҷӯи айбҳо ва гуноҳони инсонҳо ё бепарда кардану ошкор намудани асрори онҳо нест.

Бо ин мафҳум ҳеҷ ҷои тарс ваҳшате боқӣ намемонад, балки бояд инсон ва ҷомеа эҳсоси амнияту оромӣ намоянд, чунки муҷозоти муносиб танҳо бар касе ворид мешавад, ки фасодкор ва таҷовузгари золим мебошад. Ва ин чиз, бешак, ҳеҷ гуна тарсу хавферо дар байни оммаи мардум эҷод намекунад, балки сабаби ба вуҷуд овардани оромӣ дар байни афрод ва ҷомеа мегардад, чун дар ин амр ҳимояи ахлоқ, шарофати инсон номус, ҳуқуқ ва молу ҷон мебошад.

Аз тарафи дигар бояд бидонем, ки муҷозоти ошкор сохтани зино ва анҷоми он дар рӯзи равшан ва дар пеши чашмони мардум ин худ аз ҷумлаи нашри фасод дар рӯи замин мебошад, ки ин худ ба танҳоӣ сазовори болотарин муҷозот, яъне ҳадди шаръӣ мегардад. Ва ин ба он маъно нест, ки барои чунин ашхос, чуноне оёти Қуръони карим баён медоранд, тавба сабаби авфу бахшиш нагардад. Инчунин бояд дарк намоем, ки ҳадафи муҷозот ҳифзи ҳуқуқи асосии инсон дар боби ҳаққи интихоб доштан ва ҳифзи шарофат ва кароматти инсонҳоест, ки ин ҳуқуқро риоя мекунанд ва муртакиби ин гуноҳ намешаванд, аммо касоне, ки онро иҷборан риоя менамоянд, амалест, ки ҳеҷ фоидае надорад, балки зарар дорад. Инчунин сахтии ин муҷозот далели бузург будани асари ин амали бад дар ҷомеа ва натиҷаҳои хатарноки иҷтимоии он дар хонаводаҳо ва ҷомеа мебошад, чун гуноҳи бузургтаре аз бепарда кардани номус, нашри бебандуборӣ дар ҷо-

меа ва поймол кардани ҳуқуқ ва шарофати инсонҳо, махсусан табақаи заиф, аз ҷумла занҳо ва кӯдакон вуҷуд надорад. Бузургтарин ҷиноят дар ҳаққи кӯдак ин аст, ки аз тарбияи дуруст дар оилааш маҳрум гардад ва ин қурбониҳо ба сабаби маҳрум шудан аз тарбияи солим сайди муносибе барои ба фасод кашидан мебошанд. Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло мефармояд:

*“Ва ба зино наздик машавед. Зино коре зишт ва роҳе нописанд аст!”* ***(Исро, 32).***

Вақте ҷомеа намегузорад дар ҳаққи аъзои он ҷосусӣ ва айбҷӯӣ шавад ва асрори пинҳони онҳо ошкор гардад, пас бояд дар тарбияи наврасон ва фаҳмондани хатароти амали бади зино ва осори вайронкунандаи он ба онҳо фаъол бошад ва вазифаи худро анҷом диҳад. Ҳамчунин ҷомеа бояд бо тамоми омилҳое, ки дар нашри фасод дахл доранд монанди ашхос ва абзору василаҳо мубориза намояд.

Бояд байни ғолиб шудани ҳавову ҳавас ва анҷоми амали бад дар танҳоӣ ва байни нашри фасод ва ривоҷ додани он ва тиҷорату косибӣ бо фасодкорӣ фарқ бигузорем.

Агар барои роҳнамоӣ ва тақвияти тавоноиҳои муқобилияти нафс дар баробари фасод ва бадахлоқӣ ва ҳифзи он аз таслим шудан ба ғаризаҳои шаҳвонӣ ва беаҳамитӣ ба масъулиятҳои инсонӣ тарбия шарти асосӣ бошад, пас вазифаи ҷомеа ва идораҳои қонунгузорӣ ва иҷроӣ ин аст, ки қонунҳо ва ҷазоҳоеро бо мақсади манъ кардани василаҳо ва роҳҳое, ки расидан ба фасод ва бадахлоқиҳоро барои мардум фароҳам меорад, ба вуҷуд биёранд; тамоми роҳҳоеро, ки ҷомеаро ба фасод ва бадахлоқӣ мекашонанд, бубанданд ва бо тамоми ашхосе, ки дар фароҳам овардан ва нашри фасод даст доранд, мубориза баранд. Вале набояд бо ин баҳона мардумро аз ҳуқуқу озодиҳои онҳо маҳрум сохта, онҳоро айбҷӯӣ ва ҷосусӣ намоянд ва дар ҷомеа ноамнӣ ва хавфу хатар эҷод кунанд.

Аммо бо касоне, ки бо фасод ва бадахлоқӣ тиҷорат мекунанд ва онро дар ҷомеа паҳн месозанд, ҳамчун “фасодкорони

дар рӯи замин” бояд бархӯрд карда шавад ва ҷазои онҳо дар ҳадди аксараш қатл ва дар ҳадди ақаллаш ба хотири пок сохтани ҷомеа аз шарри онҳо зиндон ва аз ҷомеа дур нигоҳ доштан мебошад. Ва ин фосидони зиндонӣ то замоне ислоҳ нашудаанд, набояд ба ҷомеа баргардонда шаванд.

## Ҳар касе тавба кард ва ба сӯи Худо бозгашт, Аллоҳ бахшанадаву меҳрубон аст

*Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло дар сураи «Нур» мефармояд: “Сураест, ки онро нозил кардаем ва воҷибаш сохтаем ва дар он оёте равшан фиристодаем, бошад, ки панд гиред. Зану марди зинокорро ҳар якро сад зарба бизанед. Ва агар ба Худову рӯзи қиёмат имон доред, мабод, ки дар ҳукми Худо нисбат ба он ду раҳмдил гардед. Ва бояд, ки ба ҳангоми шиканҷа карданашон гурӯҳе аз муъминон ҳозир бошанд. Марди зинокор ғайри зани зинокор ё мушрикро намегирад ва зани зинокорро ғайри марди зинокор ё мушрик намегирад. Ва ин бар мӯъминон ҳаром шудаст. Касонеро, ки занони покро ба зино мутаҳҳам мекунанд ва чаҳор шоҳид намеоваранд, ҳаштод зарба бизанед ва аз он пас ҳаргиз шоҳидиашонро напазиред, ки мардуме фосиқанд. Ғайри касоне, ки баъд, аз он тавба кунанд ва ба ислоҳ оянд. Зеро Худо бахшояндаву меҳрубон аст! Ва касоне, ки занони худро ба зино мутаҳҳам мекунанд ва шоҳиде ҷуз худ надоранд, ҳар як аз онҳоро чаҳор бор шоҳидӣ аст ба номи Худо, ки аз ростгӯён аст. Ва бори панҷум бигӯяд, ки лаънати Худо бар ӯ бод, агар аз дурӯғгуён бошад. Ва агар он зан чаҳор бор ба Худо савганд хӯрад, ки он мард дурӯғ мегӯяд, ҷазо аз ӯ бардошта мешавад. Ва бори панҷум бигӯяд, ки хашми Худо бар ӯ бод, агар мард аз ростгӯён бошад. Ҳалок мешудед, агар фазлу раҳмате, ки Худо бар шумо додааст, намебуд. Ва агар Худо тавбапазиру ҳаким намебуд”* ***(Нур, 1-10).***

*Инчунин Аллоҳ таоло дар сураи «Фурқон» мефармояд: “Ва онон, ки бо Худои якто худои дигаре намегиранд ва касеро,*

*ки Худо куштанашро ҳаром карда, ба ғайри ҳақ намекушанд ва зино намекунанд. Ва ҳар кӣ ин корҳо кунад, уқубати гуноҳи худро мебинад. Азобаш дар рӯзи қиёмат музоаф (дучандон) мешавад ва то абад ба хори дар он азоб хоҳад буд, ғайри он касон, ки тавба кунанд ва имон оваранд ва корҳои шоиста кунанд. Худо гуноҳонашонро ба некиҳо мубаддал мекунад ва Худо бахшояндаву меҳрубон аст! Ва ҳар кӣ тавба кунад ва кори шоиста кунад, ба шоистагӣ назди Худо бозгардад"* ***(Фурқон, 68-71).***

Муҳимтарин хусусияти аҳкоми шариати исломӣ ва низоми ҷомеаи исломӣ, ки табиати фитрати инсонӣ фаъол гардондан ва имконот бахшиданро барояш муқаррар менамояд, ин аст, ки озодии инсон ва ҳудуду чорчӯбаи онро баён доштааст. Баръакси ҷомеаи моддигаро, ки маъно ва мафҳуми озодӣ ва иртиботи он бо чорчӯбаи низоми ҷомеаи инсониро аз даст додааст. Ҷомеаи исломӣ метавонад дар партави таълимоти исломӣ ва бо дар назардошти ҳолат, шароит ва мушкилоти замонӣ ва маконии ҷомеа ҳудуд ва чорчӯбаи мафҳуми озодиро муаррифӣ намояд. Инчунин бар ҳамин асос метавонад ҳуқуқ ва вазифаҳои зарурӣ ва он чиро, ки муфид, зарарнок ё ҳаром аст, баён созад ва тамоми он чизҳои бефоида ва зараррасонро, агарчи ҳаром ҳам набошанд, манъ намояд ва ба тамоми корҳои муфид ташвиқ кунад ва роҳҳои расидан ба умури мубоҳ ва ҷоизро, агар макруҳ ё ҳаром набошанд, фароҳам кунад. Ин ҳамаро ба он хотир бояд анҷом диҳад, ки фасод, зулму ситам ва ҷиноткорӣ аз ҷомеа нобуд шавад ва ҳуқуқ, иззат ва обрӯи мардум ҳифз шавад, то бо ин васила инсонҳо аз имконоти худ истифодаи дуруст намоянд ва дар ҷомеа амалҳои хайру хуб ҷонишини бадиҳо гарданд.

Надонистан ва бепарвоӣ нисбати шинохти низоми иҷтимоии инсонӣ ва ҳудуду аҳдофи ин низом, аз ҷумла низоми озодиҳо ва вазифаҳову ҳуқуқе, ки ба он вобастагӣ доранд, сабаби бенизомӣ дар муносибатҳои байни инсонҳо гашта, боиси нобуд шудани низоми иҷтимоии инсонӣ мегардад (чуноне, ки дар ҷомеаҳои бисёри гузашт). Чунки тамоми дунё ва олами инсонӣ

бар асоси низом бунёд ёфтаанд ва ҳар низоме, ки вуҷуд дорад, хоҳ моддӣ бошад ва хоҳ исломӣ, ҳатман барои худ қоидаҳо ва ҳудудеро дорад ва низоми озодиҳои ҷомеаи инсонӣ аз ин қоидаҳо истисно нест. Пас ба ҳамин хотир лозим аст, ки табиати низоми инсонӣ бо таври илмӣ ва ҳақиқӣ ва риояи қоидаҳо ва ҳудуди умумии он, ки онро шариат муқарар месозад, муаррифӣ гардад. Чунки нашинохтани қоидаҳои низоми ҷомеаи инсонӣ бар асоси таҳқиқоти илмӣ ва ҳудуди он аз манобеи саҳеҳ ва муътамад сабаби суст гаштан ва аз байн рафтани он мегардад.

Мо имрӯз нишонаҳои ин пасравӣ ва пош хӯрдани ҷомеаҳои инсониро дар пош хӯрдани низоми оила ва одобу ахлоқи ҷомеаҳои моддигаро ва холӣ аз арзишҳои руҳӣ ва ҳидояти ваҳйи куллӣ ва кавнии саҳеҳ мебинем, ки аз рӯзи аввали ҳастии башарият ҳамроҳи он будааст. Ин ҷомеаҳо ба дастовардҳои моддии бузурге даст ёфтаанд, аммо дар як гумроҳии амиқе монанди умматҳои гузаштае, ки аз маданият дур шуда буданд, зиндагӣ мекунанд.

Аммо ҷиноятҳое, ки ба молу ҷон дахл доранд, мебинем, ки ҷазои он бо ҷазои гуноҳоне, ки ба ҷиноятҳои ғаризаи шаҳвонӣ дахл доранд, фарқ мекунанд, зеро ҷазои ин амалҳо ба хотири худи он мебошад, на ба хотири ошкор сохтанаш. Ба ҳамин хотир барои исботи ин ҷиноят ду шоҳид кифоят мекунад ва қаринаҳо дар бораи он қабул мегарданд. Пас ба ҳамин хотир дилҳои инсонҳои оддӣ аз ҷазои одилона дар масъалаи молу ҷон камтар аз "ҳад" намеҳаросанд, зеро чунин инсонҳо табиатан дар дили худ қатли инсонҳои бегуноҳ ё дуздидани амволашонро ҷой намедиҳанд. Аммо дар қалби чунин ашхоси оддӣ ин фикр хутур хоҳад кард, ки шояд дар тӯли зиндагӣ ҷон ва ё моли онҳо мавриди ҳамла қарор гирад, ва ба ҳамин хотир таъсири муҷозоти ҳуҷумро эҳсос мекунанд, вале шиддат ва сахтии муҷозоти таҷовуз ба молу ҷисмро ба сабаби ҳамон амал ва ҳифзи амнияти худаш эҳсос намекунанд.

## Ҳадаф пешгирии ҷиноят аст, на қасос

Модоме, ки ҳадаф аз муҷозот дар низоми шариати исломӣ ҳимояи ҷомеа аз фасод, пош хӯрдан ва таҷовуз ба молу ашхос ва фароҳам овардани ҳимояи бегуноҳон бошад ин маънои он дорад,

ки муҷозот дар худ яке аз аҳдофи шариат ба ҳисоб намеравад, балки василаест барои расидани ба аҳдофе монанди амнияту ислоҳот. Ислоҳе, ки бо ҳадди ақали муҷозот таҳаққуқ меёбад, ин ҳамон матлаби асосии муқаррар гаштани ҷазо мебошад ва ба ҳамин хотир Худованди мутаол барои ворисони мақтул ҳаққи бахшидан ва гузаштро дода, ба ин амр ташвиқ намудааст, чунки авфу бахшиш танҳо дар ҳолати тавоноӣ ва эҳсоси оромӣ намудан ҳосил мегардад ва ҳеҷ хоҳиши интиқомгирӣ намонда бошад.

Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***“Ҷазои шариатро ҳар қадар тавонед аз мусулмон дур доред ва агар барои мусулмоне роҳи хуруҷ пайдо кардед, ӯро раҳо кунед, чунки агар пешво дар бахшидан хато кунад беҳтар аз он аст, ки дар муҷозот хато намояд”.***[5] Ибни Мунзир мефармояд: ***“Ҳамаи аҳли илме, ки ҳифз намудем, иҷмоъ кардаанд, ки дар ҳолати вуҷуди шубҳа ҷазои шаръӣ иҷро намешаванд”.***[6]

Мо бояд низоми исломии ҷазоро сарчашмаи амнияту оромӣ бидонем, на сабаби ба вуҷуд овардани тарсу ваҳшат дар дили мардум ва ё зинда сохтани интиқомҷӯӣ дар байни онҳо. Ва ин ҳамон мафҳуми аслӣ ва дурусти низоми исломии ҷазо мебошад. Ин роҳи дурусти фаҳми ҳикматҳо аз нусуси қуръонӣ мебошад, ки ҷазоро собит месозанд ва онро “ҳад” меноманд. Шояд ба хотири ин, ки ҷазо дар ҳадди баландтарин мебошад, ин ҷазоҳо “ҳад” номида мешаванд ва ба ҳамин хотир аст, ки ҳадди ақалли муҷозотро шариат дар ихтиёри шӯрои ҷомеа ва бар асоси қаноатмандии уммат дар партави далоили шариат ва мақсадҳои он ва дар партави омӯзишҳои илмӣ дар бораи табиату фитрати инсонӣ (улуми иҷтимоии исломӣ) вогузор намудааст. Ва ин амр сабаби эҷоди амният ва мубориза бо ҷиноятҳо ва таҷовузҳо мегардад, ба шарти ин, ки ин муҷозот аз ҳадде, ки шариат бо далоили мутавотир онро собит намудааст, нагузарад, чунки ин муҷозот ҳадди баландтарини муҷозотҳо мебошанд, ки шариат муқаррар намудааст. Зеро ин гуна масоил, ки ба амнияту ҳаёти мардум дахл

5 Ҳоким. Мустадрак. Китоби ҳудуд. Ҳадиси 8136.
6 Ибни Қосим. Ҳошият ар-равз ал-мураббаъ. Ҷ. 7. С. 32.

доранд, имкон надорад, ки бо шубҳа ва эҳтимолот ва хатогиҳое, ки дар табиати башарӣ ва заъфу нотавониҳои онҳо, чи бар қасд бошанд, чи бе қасд, вогузор шаванд. Чуноне, ки машҳур аст, дар силсилаи ривоятҳои аҳодиси оҳод имкони хато вуҷуд дорад.[7]

Ин тарзи фаҳм мушкили дигареро ҳал менамояд ва он ҳам муҷозоти дуздӣ мебошад, ки бисёри мардум аз ин муҷозот ба сабаби сахт будани он ва осори дарднок ва маъюб намуданро доштан ваҳшат доранд. Пас агар мо ин оятеро, ки ҳукми муҷозоти дуздро баён менамояд, мавриди мутолиа қарор диҳем, мебинем, ки ин ҳукм умумӣ аст ва дуздиро ҳеҷ гуна таърифи мушаххасе накардааст ва барои он ҳеҷ шарте барои вуқӯи ин ҷиноят нагузоштааст.

> *Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло мефармояд: "Дасти марди дузд ва зани дуздро ба ҷазои коре, ки кардаанд, бибуред. Ин уқубатест аз ҷониби Худо, ки Ӯ пирӯзманду ҳаким аст! Ҳар кас пас аз кирдори announcement нописандаш тавба кунад ва ба салоҳ ояд, Худо тавбаи ӯро мепазирад, ки Ӯ омурзанда ва меҳрубон аст!"* ***(Моида, 38-39).***

Маънои ин ду оят равшан ва ошкор аст, ки ҳукми ҳар амалеро, ки дуздӣ номида шавад, ҷазояш буридани даст мебошад. Ин ҷо мушкили ҳайратоваре пайдо мешавад, ки агар ҷазои ҳар дуздӣ буридани даст бошад, пас ҷазои он шахсе, ки дар гуноҳаш исрор дорад ва ҳамеша муртакиби ҷиноят мешавад, чӣ мешавад? Ҳол он, ки болотарин ҳадди ҷазо барои чунин шахс қатъи даст даниста шудааст. Дар ин сурат фаҳми муҷозот ва буридани дасти шахсе, ки хатои андаке дар ҳолати заъфу нотавониҳои инсонии худ муртакиби дуздӣ гаштааст, мушкил мегардад ва шояд ҳамин масъала сабаб шудааст, ки уламо барои дур кардани муҷозот аз

7 Аз ҷумлаи хатоҳои ривоҷёфта дар байни бисёриҳо ин аст, ки вақте шубҳае дар бораи матни ҳадисе ба вуҷуд меояд, ин шубҳа равонаи саҳобае мегардад, ки он ҳадисро ривоят кардааст, дар ҳоле, ки саҳобагон аз ин тухматҳо пок мебошанд ва адолати онҳо собит аст. Ин шубҳа шояд ба яке аз ровиёни ҳадис баргардад ва агар имкони пайдо кардани шубҳаи ба вучуд омада дар ҳадис набошад, пас дуруст нест, ки саҳобаро муттаҳам кард, балки бояд ҳадисро бар асоси маонии Қуръон ва мақсадҳои шариат санҷид.

чунин ашхос бо гузоштани шартҳо ва қоидаҳо иҷтиҳодот ва талошҳое доштаанд, то ҳукми буридани дасти чунин ашхос иҷро нашавад. Аммо вақте ба ин ду оят назар мекунем, дарк менамоем, ки фақеҳон ба ин ҳама талошҳо ва заҳматҳо зарурат надоштаанд, чунки таъбири қуръонӣ возеҳ мебошад. Ояти якум ҳадди болотарини муҷозотро дар ҳаққи касоне баён мекунад, ки исрор дар анҷоми ҷинояти дуздӣ менамоянд, ва аммо ояти дуюм имконияти паст кардани дараҷаи муҷозотро дар ҳаққи касоне баён мекунад, ки исрор дар ҷиноят надоранд ва барои мардуми бегуноҳ хатарнок нестанд. Маънои оятҳои сураи «Моида» чунин мебошад, ки болотарин ҳадди ҷазои дуздӣ буридани дасти касоне мебошад, ки дар анҷоми ҷиноят исрор доранд, дар рӯи замин фасодкорӣ мекунанд ва мардуми оромро дар ваҳшат меандозанд, ва аммо дар ҳаққи касоне, ки аз ин корашон пушаймон мешаванд, тавба мекунанд ва умеди ислоҳ шудани онҳо вуҷуд дорад, нармӣ вуҷуд дорад. Пас агар чунин шахс тавбаи ҳақиқӣ кунад Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло тавбаашро қабул мекунад ва аз гуноҳаш мегузарад. Алабатта, дузди пушаймоншуда ва ислоҳшуда беҳтар аз қотилест, ки бахшида шудааст, ва ба ӯ бо авф ва бахшиш фурсати дигар дода шудааст ё муҷозоташ аз ҳадди шаръӣ камтар шудааст, то аз маъюб гаштани ҳамешагӣ, ки тавоноиашро кам менамояд, наҷот ёбад ва нафақаи худ ва аҳлу оилаашро таъмин карда тавонад.

Бар асоси ин мафҳум, ки "ҳад" баландатарин дараҷаи ҷазост, метавонем иҷтиҳоди Умар ибни Хаттобро (р) бинем, вақте аз ҷазои ҷавоне, ки муртакиби дуздӣ шуда буд ва дар ин ҷавон нишонаҳои пушаймонӣ ва ислоҳ вуҷуд дошт, сарфи назар намуд. Ва инчунин бар ҳамин асос метавон маънои мавқуф гузоштани ҷазои дуздӣ дар соли хушксолӣ аз сӯи Умарро (р) дарк намуд ва ғайр аз ин дигар ҳукму қазоватҳо ва иҷтиҳодотеро фаҳмид, ки бар асоси он муҷозоти шаръӣ иҷро нашуда буд.

Шакке нест, ки сахт будани ҷазои "дуздӣ" дар гузашта ва ҳоли ҳозир фақеҳон ва қозиҳоро маҷбур сохтааст, то дар ин мавзӯъ ва махсусан иҷрои он дар масоил ва умури андак ва ночиз ба хотири сабук кардани муҷозот ё иҷро накардани он ба қадри тавони худ талош кунанд. Уламо барои расидан ба ин ҳадаф бар асоси дало-

ил аз роҳнамоиҳои Расулуллоҳ (с) барои иҷрои ин ҷазоҳо ва аз замони хулафои рошидин ва инчунин бар асоси масолеҳ ва мақосиди шариат ба хотири дар ҳадди имкон дур намудани муҷозот ё сабук кардани он ҷустуҷӯ намуданд, то ҷое, ки имкон дорад, доираи татбиқ ва иҷрои ин муҷозотро, ки дар аввали оят омадааст, бо гузоштани шартҳо маҳдуд созанд. Уламо фатво додаанд, ки ҷазои дуздӣ бар асоси шартҳои муайяне монанди "расидани моли дуздишуда ба ҳадди нисоб", "эҳтиёт" ва "набудани зарурат" муайян шавад ва инчунин ба бахшидан ва авф тавсия менамоянд, то масъала ба даъво ва қазо кашида нашавад.

Агар мафҳуми шумулият ва мақосидро дарк намоем ва бифаҳмем, ки мақсади Қуръони карим аз "ҳудуд" баландтарин дараҷаи ҷазост ва ин, ки баёни ҷазои дуздӣ дар Қуръон батафсил мушаххас намегардад, дар он ҳолат маҷбур мешавем, ки ба хотири такмили мафҳум ва далолатҳои матни Қуръон дар ҷустуҷӯи далоил ва иҷтиҳодот ва татбиқоти амалӣ гардем. Дар ин ҳолат мо метавонем маънои ҳақиқии матни Қуръони карим дар тӯли замону макон ва ҳақиқату ҳикмати татбиқоти набавӣ ва хулафои рошидинро дарк намоем ва ин, ки чаро ин ҳукм байни иҷрои муҷозот, даст кашидан ва бахшидан бар асоси ҳолатҳо қарор мегирад. Ҳукми ин муҷозот монанди ҷинояти қатл, фасод дар замин ва ҷанг мебошад, ки бо аз байн бурдани ҷиноят ва мубориза бо он бар асоси шароити замон ва макон ва он оромӣ ва боварие, ки барои ҷомеа ҳосил мегардад, иктифо менамояд. Чунки аҳодис ва татбиқоти набавӣ ва хулафои рошидин дар ҳақиқат иҷрои аҳкоми Қуръон аст, ки дар он "ҳад" болотарин ҷазо ва бахшидан пасттарини он мебошад, ки дар ҳолатҳои муайяни замонӣ ва маконӣ метавон ба он ё ба дигар ҷазое, ки камтар аз "ҳад" бошад, рӯ овард. Албатта, бар асоси дидгоҳи уммат ва шӯрои уммат ба хотири мубориза бо ҷинояткорӣ ва ба даст овардани амнияти иҷтимоӣ. Худованди мутаол мефармояд:

> *"Барои ҳидояти муъминон ва бахшоиш ба онҳо китобе овардем, ки дар он ҳар чизро аз рӯи дониш батафсил баён кардаем"* ***(Аъроф, 52);***

*“Алиф, лом, ро. Китобест бо оёте устувору равшан аз ҷониби ҳакиме огоҳ”* ***(Ҳуд, 1).***

Ба ҳамин хотир бояд дарк намоем, ки «ҳадд»-и дуздӣ низ мисли «ҳадд»-и қасос болотарин дараҷаи ҷазост ва шӯрои ҷомеа ҳақ дорад, ки ҷазои муносибе интихоб кунад, ки дур аз ифроту тафрит бошад ва дар он мақсади асосӣ, яъне аз байн бурдани ҷиноят, ҳифзи ҷону молу номусу ҳуқуқ ва фароҳам овардани эҳсоси оромӣ ва амният дар ҷомеа ҳосил гардад. Агар нусуси шаръӣ, татбиқоти набавӣ ва хулафои рошидин ва иҷтиҳодот бар асоси ин мафҳум дарк шаванд, дидгоҳ ва қонунгузории исломӣ бо ҳеҷ мушкиле мувоҷеҳ намешавад, чун дар низоми исломии ҷазо мақсад ҷазои муносиб аст, на баландтарин дараҷаи он.[8]

Ин ҷо зикри баъзе андешаҳои фақеҳон ва қозиҳои шариат дар масъалаи аҳкоми танбеҳӣ бисёр ба маврид аст. Онҳо ин

8 Зикр буридани дасти зане аз қабилаи бану махзум бар асоси ҳукми Расулуллоҳ (с) аз фоида холӣ нахоҳад буд. Агар ин ривоят саҳеҳ бошад, ин масъалаест, ки бояд бар асоси шароити замону макон ва он урфу одатҳое фаҳмида шавад, ки дар он замон қабилаҳоро идора мекард. Ба ҳамин хотир назди қабилаи қурайш қабул набуд, ки зане аз онҳо мисли дигар занҳо мавриди муомила қарор гирад. Ва ин дарсе дар бораи адолат ва баробарӣ ва тарки худписандӣ ва қавмгароӣ мебошад. Аллоҳ таоло мефармояд: “Шуморо аз як тан биёфарид” (Нисо, 1). Инчунин мефармояд: “Албатта, гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост” (Ҳуҷурот, 13). Пайғамбар (с) фармуд: “Агар Фотимаи духтари Муҳаммад дуздӣ мекард, дасташро ҳатман мебуридам” (ривояти Бухорӣ). Инчунин фармуд: “Чунин накунед, ки мардум назди ман бо амалҳои худ биёянду шумо бо насабҳои худ. Касоне, ки пеш аз шумо буданд, ба ин сабаб ҳалок шуданд, ки чун дар байнашон инсони бошарофате дуздӣ мекард, раҳояш мекарданд ва чун заифе дуздӣ мекард, ҷазояш медоданд” (ривояти Бухорӣ). Афсӯс, ки ҳанӯз баъзеҳо бар асоси худписандӣ, нажодпарастӣ ва тақсимбандии қабилаӣ ва ҷинсӣ бо баҳонаҳои «ҳамгироӣ» фатво медиҳанд бо вуҷуди ин, ки ин сабабҳо аз байн рафтанд ва шаҳрвандӣ ҷойгузини онҳо шудааст ва ҳеҷ тарсе аз ба вуҷуд омадани ҷангҳои қабилаӣ ба хотири сарчашмаҳои кам ва ҳеҷ маъное барои манъи издивоҷ байни фарзандони қабилаи қавӣ ва қабилаи заиф ба хотири «тавозун» дигар боқӣ намондаанд. Афсӯс, баъзеҳо ҳанӯз бар асоси ҳамин арзишҳо байни ҳамсарон фарқ мегузоранд дар ҳоле, ки ин арзишҳо бисёр ибтидоӣ мебошанд, ва муфтиён инро дарк намекунанд, ки замона тағйир кардааст ва авлавиятҳои собити шариат ва фитрат болотар аз урфу одатҳои ба мерос мондаанд, ки дигар ҳеҷ тавҷиҳе надоранд ва бояд ислоҳ шаванд.

аҳкомро дар сатҳи баландтарини ҷазои шаръӣ қарор доданд, ба ҷуз ҳукми "қатл" ва "қатъи даст". Ба таври мисол, дар ҳукми задани дурра дар ҳолати зино баъзе қозиҳои сахтгирро мебинем, ки дар як вақти муайяне ба садҳо дурра ва бештар аз он амр менамоянд, ки дар баъзе ҳолатҳо ба ҳазорҳо мерасад.

Шояд яке аз сабабҳои сахтгирона будани ҷазоҳои танбеҳии онҳо бадии ҷиноят, такрори он, даст накашидан аз он ва фасоди ахлоқ ва рафтору кирдори бади ҷинояткор бошанд, монанди истеъмолгарони моводи мухаддир ва дигар масткунандаҳо, ки ақли инсонро аз байн мебаранд ва ин ҷиноятҳоро бе дарку эҳсос анҷом медиҳанд. Пас дар ин ҳолат дар ҳаққи онҳо баландтарин муҷозоти танбеҳӣ иҷро мегардад. Ба андешаи мо нисбати тамоми ин амалҳо, новобаста аз сабабҳои он, боз ҳам фуқаҳо ва қозиҳо набояд ҷазоҳои танбеҳиро аз ҳадди баландатарини ҷазо, яъне сад дурра дар ҳолати иртикоби зино бештар намоянд. Ва агар онҳо дар боби ҷазои фасодкорон чуноне, ки дар Қуръон омадаст, меандешиданд, барои худ дар мушкилоте, ки бо он мувоҷеҳ ҳастанд, монанди чигунанагии ҷазои ин ҷинояткорон, ки лозим аст ҷомеа аз шарри онҳо ҳимоя шавад, бе рӯ овардан ба ҷазоҳои сангин роҳи ҳалле меёфтанд.

> *Аллоҳ таоло мефармояд: "Ҷазои касоне, ки бо Худо ва паёмбаронаш ҷанг мекунанд ва дар замин ба фасод мекӯшанд, он аст, ки кушта шаванд ё бар дор гарданд ё дастҳову поҳояшон яке аз чапу яке аз рост бурида шавад ё аз сарзамини худ бадарға шаванд. Инҳо расвоияшон дар ин ҷаҳон аст ва дар охират низ ба азобе бузург гирифтор оянд. Ғайри касоне, ки пеш аз он ки шумо бар онҳо даст ёбед, тавба кунанд. Пас бидонед, ки Худо омурзанда ва меҳрубон аст!"*
> ***(Моида, 33-34).***

Аз оятҳои Қуръони карим маълум мешавад, ки мақсад ҳифзи ҷомеа аз шарри фасодкоронест, ки ҷангро барои аз байн бурдани оромӣ ва амнияти ҷомеа роҳандозӣ намудаанд. Қуръони карим василаҳои аз байн бурдани ҷинояткоронро баён дошта-

аст ва он ҳам куштани онҳо, буридани қисмати як даст ва як пой, то аз ҳаракат бозмонанд ва ҷиноят накунанд, ё пок сохтани минтақа аз онҳо мебошад. Агарчи бо дур сохтан ва рондани онҳо барояшон ҷазои баданӣ нарасад ҳам, ҷомеа аз шарри онҳо дар амон хоҳад монд. Аммо ҷинояткороне, ки пеш аз он, ки ба даст биафтанд, тавба кунанд ва аз ҷанг бо ҷомеа ва фасод баргарданд, Аллоҳ таоло тавбаашонро қабул мекунад, чунки аз муҷозоти чунин ашхосе ҳеҷ манфиат ва самарае нест. Муҳим дар ин масъала мавзӯи "рондани ҷинояткорон" мебошад, зеро ба ҷинояткоре, ки аз шарри он ҷомеа меҳаросад, набояд иҷоза дода шавад, ки ба ҷомеа баргардад. Ва агар ҷомеа ҷазоро барояш муносиб бидонад, баъд аз ҷазои муносиб ронда мешавад ва ин барои ҷомеа хуб аст, аммо набояд ин ҷазо аз ҳадди баландатарини ҷазои ҷисмонӣ, ки ҳамон сад дурра мебошад, гузарад. Инчунин ҷомеа метавонад чунин ашхосро зиндонӣ кунад ва ин худ як навъи рондани ҷинояткор аз ҷомеа мебошад. Ва ин ҳам дар он сурат мебошад, ки агар чунин ашхос озод бошанд дар ҷомеа фасод ва ҷинояти бештаре мекунанд ва мардуми бегуноҳ аз шарри онҳо дар амон намемонанд.

Зиндон ҳамроҳ бо шуғли муносиб яке аз василаҳои касби ризқ намудани худи ҷинояткор аст, то аз як тараф бори гарони ҷомеа набошад ва аз тарафи дигар барои кумак ва ислоҳи вай бо амалҳои муфид дар ҳолати зарурат имконпазир аст. Ин ҷавоби муносибест ба ҳамаи ин амалҳои хатарнок, на шиканҷа додан бо васоил ва услубҳои гуногун ва на муболиға кардан дар ҷазои баданӣ ба андозае, ки аз ҳадди баландатарини он гузарад. Шояд ин ҷазоҳо чунин инсонҳоро бераҳмтар ва сангдилтар кунанд, бавижа замоне, ки онҳо муолиҷа ва ислоҳ нашаванд ва озод шаванд. Ҳадаф шиканҷа ва азоб додани онҳо нест, балки ҳадаф ва мақсади асосӣ ислоҳи ҳолати онҳо ва пок сохтани ҷомеа аз бадии онҳост. Ин ҳадаф бо зиндонӣ кардан ва ё дурра задани онҳо ҳосил намешавад, балки ҳолати чунин ашхос дар назар гирифта шавад, ки баъд аз баромадан аз зиндон ҳолати онҳо чӣ гуна хоҳад буд ва онҳо дар ҷомеа чӣ гуна зиндагӣ хоҳанд кард.

## Ҷазои муртад

Дар он чӣ ба “ҷазои муртад” дахл дорад, бояд диққат намоем, ки Қуръони карим барои масоили дунявӣ ҷазоҳои муайянеро муқарар кардааст, ки аз нигоҳи фиқҳӣ онро “ҳудуд” меноманд, монанди “қасос”, “ҷазои дуздӣ”, “ҷазои зино” ва “ҷазои фасод дар замин ва ҷангҷӯӣ”. Аммо “ҷазои муртад” танҳо масъалаест, ки ба ақида дахл дорад, ки он аз усули дин мебошад, вале Қуръони карим ба ҳеҷ шакле дар бораи ҷазои дунявии муртад зикре накардааст, ҳатто дар ҳолатҳое, ки Худованд “муртад шудан” ва “муртадҳо”-ро, ки бо нияти зарар расондан ба мусулмонон зоҳиран исломашонро эълон мекунанд ва сипас ба хотири эҷоди шакку шубҳа хуруҷ аз дин ва куфрашонро эълон менамоянд, чуноне, ки мефармояд:

> *“Гурӯҳе аз аҳли китоб гуфтанд: «Дар аввали рӯз ба он чӣ бар муъминон нозил шудааст, имон биёваред ва дар охири рӯз инкораш кунед, то шояд аз эътиқоди хеш бозгарданд»”* ***(Оли Имрон, 72).***

Қуръони карим ҳатто дар чунин ҳолатҳои хатарнок, ки бо нияти душманӣ чунин амалро анҷом додаанд, дар ягон ояте ҷазои дунявии онҳоро зикр накардааст, балки он чӣ зикр кардааст ин азобу ҷазои ухравӣ, яъне дар қиёмат мебошад.[9] Балки мебинем, ки Қуръони карим дар бораи ақида баръакси он сухан мегӯяд, аммо бо вуҷуди ин ҳам дар чандин оят ва амалкарди Расулуллоҳ (с) дар бораи озодии интихоби ақида ва маҷбур накардани касе барои қабули он баён шудааст. Бо вуҷуди ин, ки яҳудиёни Мадинаи мунаввара бо Расулуллоҳ (с) ва давлати исломӣ ҷангиданд, боз ҳам Расулуллоҳ (с) ва давлати исломӣ баъд аз пирӯзӣ бар онҳо, онҳо ва насрониҳои Нимҷазираи Арабро ба қабул кардани дини Ислом маҷбур накард. Балки мебинем, ки Расулуллоҳ (с) насрониҳои Наҷронро ба масҷиди худаш даъват кард, бо онҳо суҳбат кард, ҳеҷ гуна зарареро ба онҳо ё ба ди-

---

9 Ниг.: Бақара, 217, 256; Оли Имрон, 85-91, 100, 117;

Моида, 54; Нисо, 127; Наҳл, 106-110.

нашон ворид накард ва онҳоро ба қабули Ислом маҷбур насохт, балки онҳоро шомили аҳди Худо ва Расулаш кард, зери ҳимояи давлати исломӣ қарор дод, мусулмононро ба озор надодан ба аҳли калисоҳо ва роҳибҳо тавсия намуд ва ба некӣ кардан ба қибтиҳои Миср амр кард.

Расулуллоҳ (с) бо ин ҳам иктифо накард, балки мусулмононро васият намуд, то фарзандони форсро, ки маҷусӣ ва оташпараст буданд, дар ҷумлаи аҳли китоб дохил намоянд ва мисли аҳли китоб дар интихоби ақида озодашон гузоранд, дар ҳоле, ки онҳо аз пайравони Таврот ё Инҷил набуданд. Пайғамбар (с) дар ин бора мефармояд: ***"Бо маҷусиён бо равиши аҳли китоб муомила намоед, вале аз онҳо зан нагиред ва аз забҳ кардаашон нахӯред".***[10] Маълум аст, ки маҷус дар тамаддуни инсонӣ ва ҳаққи интихоб доштан монанди яҳуд ва насоро мебошанд ва шояд фарҳанги онҳо аз ҷумлаи динҳои осмонӣ баргирифта бошад, ки баъд таҳриф шудааст.

Худованд дар бораи пайғамбарон ва рисолати онҳо мефармояд:

> *"Ва паёмбароне, ки пеш аз ин достонҳояшонро барои ту гуфтаем ва онон, ки достонҳояшонро барои ту нагуфтаем. Ва Худо бо Мӯсо сухан гуфт, сухан гуфтане бевосита"* ***(Нисо, 164).***

---

10 Имом Молик дар «Муваттаъ» ва Бухорӣ ва Байҳақӣ ин ҳадисро ривоят кардаанд. Тамоми уламо бар ҷоиз набудани хӯрдани гӯшти қурбонӣ ва издивоҷ кардан бо духтарони оташпарастон иттифоқи назар доранд, ғайр аз Абу Савр Иброҳим ибни Холиди Калбӣ, ки яке аз ёрони Имом Аҳмад ва Имом Шофеӣ буд ва ба ҷоиз будани хӯрдани гӯшти қурбонӣ ва издивоҷ кардан бо духтарони онҳо эътиқод дошт. Шояд ҷоиз набудани хӯрдани гӯшти қурбонии онҳо ба ин хотир бошад, ки онҳо ҳайвонро бо номи ғайри Аллоҳ забҳ намоянд, хуни онро нарезонанд ё ба хотири шахсе онро қурбонӣ кунанд. Худованд мефармояд: "Ҷуз ин нест, ки мурдору хунро ва гӯшти хукро ва он чиро, ки ба ҳангоми забҳ номи ғайри Худо бар он бихонанд, бар шумо ҳаром кард" (Бақара, 173). Аммо дар бораи издивоҷ бо бо занҳои онҳо бояд гуфт, ки ақидаи ботиниҳо умуман ва монавия хусусан умумӣ будани зану шавҳарро иҷозат медиҳад.

Шояд маҳдуд будани таъсири дини Ислом дар замонҳои гузашта бар пайравони индуизм ва дигар динҳои шарқи Осиё (будизм ва конфутсигарой) бо вуҷуди ин, ки бисёре аз ин манотиқ дар зери итоати мусулмонон даромада буданд, муомилаи мусулмонон бо пайравони ин адён дар масоили динӣ ва иҷтимоӣ монанди мушрикони Макка будааст. Ин тарзи муомила ба хотири дарк накардани сабаби аслӣ ва ҳақиқии рафтори истиснoии таърих ва давлати исломӣ бо мушрикони араб буд. Ин тарзи муомила (бо аҳли китоб) набояд бо миллатҳо ва тамаддунҳои дигар идома меёфт, магар бо касоне, ки дар бораи онҳо нусуси шаръӣ зикр шуда бошад. Ин ва омилҳои дигар монанди табиати ҳукумати муғул дар Ҳинд, дур мондани онҳо аз муомилоти самимӣ, набуди эҳтиром байни ҳиндуҳо ва мусулмонон ва даъвати исломӣ ва зулми саркардаҳои муғул, ки ин манотиқро ба даст гирифта буданд ва баъд исломро қабул карданд, сабаб шуд, ки аксари мардум маҳаллӣ дар динҳои хурофии худ боқӣ монанд.

Агар ба назарияи шумулии мавзӯи "муртад шудан" аз дидгоҳи Қуръон назар кунем, бароямон ошкор мегардад, ки масъалаи муртад шудан ва иртидод ба мақсади дасисаҷӯӣ, ки дар Қуръон омадааст, бо асли озодии дин ва озодии қаноат доштан ба ақидаи исломӣ ё ҳар ақидаи дигар ҳеҷ мунофоте надорад. Масъалаи ҷинояти иртидод бо ҳадафи дасисаҷӯӣ, ки дар Қуръони карим зикр шудааст, бо масъалаи эҳтироми дини Ислом нисбати инсон дар озодии интихоби дин ва озодии имон таноқуз ва зиддият надорад, чуноне Худованд мефармояд:

"Дар дин ҳеҷ маҷбурие нест" **(Бақара, 256);**

"Агар Парвардигори ту бихоҳад, ҳамаи касоне, ки дар рӯи заминанд, имон меоваранд. Оё ту мардумро маҷбур мекунӣ, ки имон биёваранд?" **(Юнус, 99);**

"Ҳидоят ёфтани онон бар уҳдаи ту нест, балки Худост, ки ҳар киро, ки бихоҳад, ҳидоят мекунад" **(Бақара, 272).**[11]

11 Инчунин ниг.: Нахл, 125; Муҳаммад, 32-35; Муъминун, 107; Раъд, 40; Анъом, 107.

Зеро ин иртидод бо мақсади дасисаҷӯӣ ва ҳадафи сиёсӣ ба хотири эҷоди фитна дар ҷомеаи исломӣ мебошад.

Ба назари мо, сабаби печидагии масъалаи “муртад шудан” ва он чизе, ки фақеҳон “ҷазои муртад” номидаанд, нодуруст фаҳмидани ҳукми Қуръони ва мавқеи Расулуллоҳ (с) дар бораи арабҳои мушрик ва эълони ҷанг бо онҳо ба хотири даровардани онҳо ба Ислом мебошад, яъне “ё ислом, ё ҷанг”.[12] Онҳо ин амр ва чизҳое дигареро ҳамчун нусус шаръии марбут ба ҳама чизе, ки онро метавон “муртад шудан” номид, қабул карданд, гӯё ки ин як собиқаест, ки иҷоза медиҳад дар баъзе ҳолатҳо баъзе одамҳоро (муртадҳо) маҷбуран ба дини Ислом баргардонанд.

Бисёре аз уламо рафтор бо арабҳои мушрик ва оёти қуръониро (“ояти шамшер”), ки дар ҳаққи онҳо нозил шудаанд, носихи оёте медонанд, ки ба озодии ақида ва тасомуҳ бо ғайри мусулмон дахл доранд, ва дар ин масъала бо мансух донистани оёте, ки бо ҳам дар ихтилофанд, ба ҳалли зоҳирии ин масъала расиданд, бе ин, ки диққат намоянд, ки ҳар як ояти Қуръони карим ба вазъият ва шароити инсоние вобаста мебошад, ки аз дигараш фарқ мекунад. Аммо масъалаи насхе, ки дар Қуръон зикр шудааст, ба назари баъзе уламо, ба китобҳо ва саҳифаҳои пешиниёни гурӯҳ ва ақвоми хоссе дар марҳалае аз мароҳили рушди башарият дахл доранд, ки Қуръони карим аҳкомашонро насх намудааст. Он марҳалаҳо аз марҳалаи рисолати исломӣ ва инсонии оламии охирин, ки ҳадафаш роҳнамоии инсонҳо ва рушди он дар замон ва маконҳои оянда мебошад, фарқ мекунад. “Ва ин китобро ба ростӣ бар ту нозил кардем; тасдиққунанда ва ҳоким бар китобҳоест, ки пеш аз он будаанд. Пас мувофиқи он чӣ Худо нозил кардааст, дар миёнашон ҳукм кун ва аз паи хоҳишҳояшон марав, то он чиро аз ҳақ бар ту нозил шудааст, тарк кунӣ. Барон ҳар гурӯҳе аз шумо шариат ва равише ниҳо-

12 Барои маълумоти бештар ба китоби муаллиф ниг.: ***AbdulHamid A. AbuSulayman. Towards an Islamic Theory of International Relations: New Directions for Methodology and Thought. — USA: The International Institute of Islamic Thought (IIIT), 1986.*** Доктор Носир Аҳмад ал-Муршид ал-Бурайк ин китобро ба забони арабӣ бо номи “ан-Назарият ал-исломия ли-л-ъалоқот ад-дувалия: Иттиҷоҳот ҷадида ли-л-фикр ва ал-манҳаҷият ал-исломия” тарҷума кардааст.

дем. Ва агар Худо мехост, ҳамаи шуморо як уммат месохт. Вале хост дар он чӣ бар шумо арзонӣ доштааст, биёзмоядатон.

*Пас дар некиҳо бар якдигар пешӣ гиред. Ҳамагӣ бозгаштатон ба Худост, то аз он чӣ дар он ихтилоф мекардед, огоҳатон созад"* ***(Моида, 48).***

Ба ҳамин хотир бояд таваҷҷуҳ дошта бошем, ки Ислом дар дараҷаи аввал барои тамоми инсонҳо дар тамоми замон ва макон даъват ва ҳидоят аст ва ба ҳамин хотир хитоби исломӣ як хитоби ҷаҳонӣ мебошад, на як хитоби хосси як маҳал ва ё як инсони муайян. Ислом ҳеҷ гоҳ ранги махсус, забони махсус, насаби махсус ва ё як табақаи хоссеро мавриди хитоб қарор надодааст, балки ҷинси башарро дар ҳама ҳолатҳо ва инчунин масъулиятҳои инсонӣ ва фарҳангияшро мавриди хитоб қарор додааст. Ба ҳамин хотир муҳаққиқон бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳолати мушрикони бутпарасти араб ва қабилаҳои саҳронишини онҳо пеш аз Ислом як ҳолати хоссе буду аз ҳолати дигар мардумон ва миллатҳои соҳиби тамаддун ва китоб фарқ мекард. Масъалаи ин мардуми саҳронишини араб масъалаи озодии дин набуд, балки масъалаи ақибмонии инсонӣ ва тамаддун ва надоштани тамаддуни иҷтимоии инсонӣ буд. Аллоҳ таоло дар бораи онҳо мефармояд:

*"Аъроби бодиянишин гуфтанд: «Имон овардем!» Бигӯ: «Имон наёвардаед. Бигӯед, ки таслим шудаем ва ҳанӯз имон дар дилҳоятон дохил нашудааст"* ***(Ҳуҷурот, 14);***

*"Арабҳои бодиянишин кофиртару мунофиқтар аз дигаронанд ва ба бехабарӣ аз ҳукмҳое, ки Худо бар паёмбараш нозил кардааст, сазовортаранд. Ва Худо донову ҳаким аст! Баъзе аз арабҳои бодиянишин он чиро, ки харҷ мекунанд, чун зиёне мепиндоранд ва мунтазиранд, то ба шумо мусибате бирасад. Мусибати бад бар худашон бод ва Худо шунавову доност! Ва баъзе аз арабҳои бодиянишин ба Худову рӯзи*

*қиёмат имон доранд ва он чиро, ки харҷ мекунанд, барои наздик шудан ба Худо ва ба хотири дуои паёмбар харҷ мекунанд. Бидонед, ки ҳамин сабаби наздикияшон ба Худо хоҳад шуд ва Худо ба раҳмати хеш дохилашон хоҳад кард, зеро омурзандаву меҳрубон аст!"* ***(Тавба, 97-99);***

*"Он гоҳ пас аз он андӯҳ, Худо ба шумо эминӣ арзонӣ дошт, чукон ки гурӯҳеро хоби ором фурӯ гирифт. Аммо гурӯҳе дигар, ки чун мардуми асри ҷоҳилӣ ба Худо гумони ботил доштанд, ҳанӯз дар фикри андӯҳи хеш буданд ва мегуфтанд: «Оё ҳаргиз кор ба дасти мо хоҳад афтод?» Бигӯ: «Ҳамаи корҳо ба дасти Худост». Онон дар дили худ чизеро пинҳон медоранд, ки намехоҳанд барои ту ошкораш созанд. Мегӯянд: «Агар моро ихтиёре буд, ин ҷо кушта намешудем». Бигӯ: «Агар дар хонаҳои худ ҳам мебудед, касоне, ки кушта шудан бар онҳо муқаррар шудааст, аз хона ба қатлгоҳашон берун мерафтанд. Худо он чиро, ки дар сина доред, меозмояд ва дилҳоятонро пок мегардонад». Ва Худо ба он чӣ дар дилҳост, огоҳ аст!"* ***(Оли Имрон, 154);***

*"Оё ҳукми ҷоҳилиятро меҷӯянд? Барои он мардуме, ки аҳли яқин ҳастанд, чӣ ҳукме аз ҳукми Худо беҳтар аст?"* ***(Моида, 50);***

*"Он гоҳ ки кофирон тасмим гирифтанд, ки дил ба таассуб, таассуби ҷоҳилӣ супоранд, Худо низ оромиши Худро бар дили паёмбараш ва муъминон фурӯд овард ва ба тақво лозимашон кард, ки инҳо ба тақво сазовортару шоистатар буданд ва Худо бар ҳар чизе доност!"* ***(Фатҳ, 26);***

*"Ва дар хонаҳои худ бимонед ва чунон, ки дар замони пешини ҷоҳилият мекарданд, зинатҳои худро ошкор накунед. Ва намоз бигузоред ва закот бидиҳед ва ба Худову паёмбараш итоат кунед. Эй аҳли байт. Худо мехоҳад, палидиро аз шумо дур кунад ва шуморо пок дорад"* ***(Аҳзоб, 33).***

Ба ҳамин хотир набояд байни ҳолати арабҳои бодиянишин ва хитоб ба онҳо ва ҳолати хитоб ба саҳобагон, шогирдони Қуръон ва дӯстдорони ҳикматҳои нубувват ва ё хитоби тамаддунҳои динӣ монанди яҳуд, масеҳиён, оташпарастон ва ғайра аз диёнатҳое, ки тамаддун доштанд, муқоиса намоем.

Пас агар дар оёти Қуръони карим дар асоси ин мафҳумҳо ва ин дидгоҳи шумулӣ тааммул намоем, барои ин оёти қуръонӣ ва сиёсати набавӣ тафсири возеҳеро дар бораи бархӯрдашон бо мардуми бодиянишин ва бутпарасти араб дар сураи “Анфол” ва сураи “Бароат” меёбем. Ин ду сура баёнгари ақибмонии ин қабилаҳои ҷоҳилияти саҳронишин ва ибтидоӣ будани тамаддуни иҷтимоии онҳо дар он замон мебошад ва ин, ки чӣ гуна онҳо қабоили ҷоҳил буданд, ки на аҳде ва на зиммае ва на паймоне доштанд. Ин масъала сабаб шуда буд, ки онҳо дар гӯшае қарор бигиранд ва ҳеҷ гуна зиндагӣ ва амнияте надошта бошанд. Онҳо мисли гургҳо буданд ва ба ҳамин хотир ба як ҷомеаи инсонии бомаданият маҷбуран дохил кардани онҳо лозим буд. Онҳо бояд аз ин ҳолати ақибмондагии иҷтимоии ва тамаддуни инсонӣ мебаромаданд ва ба марҳалаҳои иҷтимоии инсонӣ медаромаданд ва ин масъала танҳо бо дохил кардани онҳо ба низоми авлавиёти иҷтимоии исломӣ ҳал мешуд. Муҳимтарин авлавиёти ин низоми иҷтимоӣ ҷамъ кардани онҳо дар намози ҷамоат ва аз нигоҳи моддиёт ба ҳамбастагии иҷтимоӣ онҳоро дар додани закот бо ҳам ҷамъ намудан лозим буд. Модоме, ки намозро адо менамуданд ва ҳаққи ҳамбастагии иҷтимоӣ, яъне закотро мепардохтанд, ҳеҷ касе онҳоро озор намедод. Ба ҳамин хотир танҳо ашхосе, ки бо мусулмонон меҷангиданд, ба ислом овардан маҷбур мешуданд, аммо занҳо маҷбур карда намешуданд. Пайғамбар (с) баъд аз фатҳи Макка ва мустаҳкам гаштани низоми ҷомеаи исломӣ ашхосеро аз қабилаи қурайш аз байни қабилаҳои бодиянишини ибтидоии араб дар Нимҷазираи Араб фурсат дод ва маҷбурашон накард. Чунки фурсат додани ин ашхос барои низоми ҷомеаи исломӣ ва амнияти он таҳдид ва хатаре эҷод намекард. Баъд аз ин, ки қурайш ва ҳампаймонҳои онҳо аҳдашонро шикастанд ва ба мусулмонон ва ҳампаймонҳои онҳо ҳуҷум оварданд, Макка фатҳ шуд ва дар зери ҳукми Ислом дохил шуд.

Аз назари Абубакри Сиддиқ (р), ки марди соҳибфикр ва боандеша буд, далолати ояти шарифи “Аъроби бодиянишин гуфтанд:

*«Имон овардем!» Бигӯ: «Имон наёвардаед. Бигӯед, ки таслим шудаем ва ҳанӯз имон дар дилҳоятон дохил нашудааст”* ***(Ҳуҷурот, 14).***

Ки дар бораи қабилаҳои араб нозил шуда буд, ғоиб нашуда буд. Ба ҳамин хотир мебинем, ки ӯ ба ин оят ба хотири далолатҳои иҷтимоияш истидлол мекард ва ин ҳам замоне буд, ки шӯриши зидди исломӣ аз тарафи баъзе қабилаҳои араб бо мақсади қабул накардан ва таслим нашудан ба низоми иҷтимоии инсонии мутамаддин дар охири ҳаёти Расулуллоҳ (с) бо роҳбарии баъзе муддаиёни дурӯғини нубувват барпо гашт ва дар ҳамин замон Расулуллоҳ (с) вафот кард. Абубакри Сиддиқ (р) баъд аз ба уҳда гирифтани хилофат ва роҳбарии давлат барои ҷанг бо онҳо ва дубора дар зери итоати “низоми ҷомеаи исломии инсонӣ ва мутамаддин” даров់арданашон пофишорӣ намуд ва бо онҳо бар асоси мафоҳими оёти Қуръон ва таълимоти Расулуллоҳ (с) ҷангид. Ин шӯриши қабилаҳои араб, надодани закот, хориҷ шудан аз талаботи низоми ҷомеаи исломӣ ва саркашӣ намуданашон аз сари таслим фурӯд овардан ба низоми иҷтимоии мутамаддин масъалае буд, ки ба ақида ва имон вобастагӣ надошт, чунки агар онҳо дар ин низоми иҷтимоии мутамаддин дохил мешуданд, ақидаи исломӣ худ аз худ дар қалбҳои онҳо ҷой мегирифт. Ақидаи исломиро намешавад бо ақидаҳои бутпарастии ибтидоии арабҳо муқоиса кард, балки ин амр ба низоми иҷтимоӣ ва ақибмонии иҷтимоии мутамаддини инсонӣ дахл дорад, дар ҳоле, ки ин масъала дар он замон барои баъзе саҳобагон, аз ҷумла барои Умар (р) мушкилфаҳм буд. Баъд аз вафоти Расулуллоҳ (с) бо хатарҳои бузурги гуногуне, монанди таҳдиди ду давлати бузурги Рум ва Форс ба давлати навпои Ислом мувоҷеҳ буданд. Ба сабаби ин шӯришҳо тамоми сарзамини Нимҷазираи Арабро оташи ҷангҳо гирифта буд ва

он ҳам ба хотири напардохтани баъзе қабилаҳо закоти молро, хориҷ шуданашон аз ҷомеаи инсонии мутамаддин ва бозгаштан ба ҳамон ҳолати ақибмонии иҷтимоӣ буд. Бо вуҷуди ин шӯриш ва муртад шудани қабилаҳои бодиянишини ибтидоие, ки Мадинаи мунавваро иҳота карда буданд ва дар табиати онҳо қавмпарастӣ, душманӣ, дуздӣ ва саркашӣ вуҷуд дошт ва хатари бузурге барои давлати навтаъсиси исломӣ дошт, Абубакри Сиддиқ (р) бо онҳо ҷангид.

(тарҷумаи шеъре, ки ҳолати қавмпарастии шӯришиёнро баён медорад)

***Ман аз муҳоҷимонам, ки агар гумроҳ шаванд, гумроҳ шавам***

***Ва агар ҳидоят ёбанд, ман ҳам ҳидоят шавам.***

Аммо иродаи қавии Абубакри Сиддиқ (р), покии зеҳн ва тасмими қотеаш бораи рӯ ба рӯ шудан бо душманон сабаб шуд, ки дар андешаи худаш собит монад ва роҳсипори ҷанг бо қабилаҳое шавад, ки бо саркашӣ аз адои закот паймони динро шикаста буданд, ва ҳеҷ гуна заъфу нотавонӣ дар пеши душманон ва касоне, ки дар Нимҷазираи Араб ва беруни он дар камин буданд, нишон надод, бо вуҷуди ин, ки баъзе саҳобагон бо тасмими Абубакр мухолиф буданд, чунки ин масъаларо масъалаи имонӣ медонистанд, ҳарчанд Қуръон мегӯяд:

*“Онҳо имон наовардаанд”* ***(Ҳуҷурот, 14).***

Маълум мешавад, ки саҳобагон хатари ин қабилаҳои ваҳшие, ки Мадинаро иҳота намуда, дар камин буданд ва фурсати муносиберо мунтазир буданд, дарк накарда буданд ва инчунин аҳамияти масъалаи берун шудани ин қабилаҳо аз инсоният ва иҷозат надодани онҳо аз хориҷ шудан аз авлавиёти ҷомеаи инсонии мутамаддин ва аҳамияти нобуд сохтани ин “иртидодро” дар маҳдаш дарк накарда буданд. Баъдҳо касоне, ки бо ҳазра-

ти Абубакр мухолифат карда буданд, ба дуруст будани фикри ӯ пай бурданд ва ба ҳақиқат баргаштанд. Абубакри Сиддиқ (р) бо азму иродаи қавӣ ва қотеият дар ҷавоби онҳое, ки мегуфтанд: "Ин муртадҳо ло илоҳа иллаллоҳ" мегуянд фармуд: "Қасам ба Аллоҳ, бо онҳое, ки байни намоз ва закот ҷудоӣ меоранд, хоҳам ҷангид". Умар (р) дар он ҳолат чунин фармуд: "Қасам ба Аллоҳ, вақте дидам, ки Абубакр ба ин кораш исрор дорад (Умар ва тамоми мусулмонон медонистанд, Абубакр чӣ шахсият ва сифоти бузурге дорад), Худованд қалби маро низ ба ин амр ором намуд". Бо ҳамин тамоми мусулмонон аз ҷумла Умар ба дурандешӣ ва дуруст будани назари Абубакр пай бурданд ва донистанд, ки ин ҷанг дар муқобили қабилаҳои араб ба хотири ақида ва имон набуд.

> *"Аъроби бодиянишин гуфтанд: «Имон овардем!» Бигӯ: «Имон наёвардаед"* ***(Ҳуҷурот 14).***

Ин ҷанг дар дараҷаи аввал ба хотири аз байн нарафтани инсоният дар байни ин қабилаҳои ибтидоии ҷоҳилият ва бардоштани ҳолати ин қабоил ба сатҳи зиндагии иҷтимоии инсонии мутамаддин буд, ки вуҷуд инсон бе он номумкин аст.

> *"Бигӯед, ки таслим шудаем ва ҳанӯз имон дар дилҳоятон дохил нашудааст"* ***(Ҳуҷурот, 14).***

Инчунин ин "бозгаштан аз дин" сабаби аз байн рафтани давлати исломӣ ва маданияти овардааш мешуд, чунки ин қабилаҳое, ки шӯриш карда буданд, аз тамоми маданияти инсонӣ дур буданд ва дар ҷаҳолату гумроҳӣ зиндагӣ мекарданд.

Мутаасифона, ҷумҳури уламо ба далолатҳои ин амр таваҷҷуҳ накарданд ва байни талаботи "ҷомеаи инсонии мутамаддин" ва амри ҳаққи "озодии ақида" фарқ нагузоштанд ва хаёл карданд, ки имкони гузаштан аз ҳаққи аслии инсон дар мавзӯи "озодии ақида", ки асли масъулияти инсонӣ ва асоси мустаҳкам ва қоидаи асосӣ барои даъвати исломӣ ва рисолатҳои осмонӣ мебошад, вуҷуд дорад. Ва гумон карданд, ки имкон дорад ин

ҳаққи эътиқодиро ба кор бурд ва бо ҳадафҳои сиёсӣ ба нафъи давлати исломӣ онро бо далели ин, ки ин ҳукм дар Қуръони карим мансух шудааст, истифода намуд. Ин амр аслан дар ҳаққи Қуръони карим созгор намебошад, магар ин, ки табиати Қуръонро, ки инсонро дар ҳама ҳолатҳо ва дар ҳама замону макон мавриди хитоб қарор додааст, дарк накарда бошем ва ё, Худо накарда, дар бораи Қуръони карим (агарчи қасдан ҳам набошад) ақидаи "бадо"-ро[13] дошта шавем, дар ҳоле, ки Қуръон аз ин масъала комилан муназзаҳ аст ва ин амрест, ки ҳеҷ як мусулмон қасдан онро нахоҳад гуфт. Зеро ҳар як ояти Қуръони карим ва ҳар як мафҳум ва ҳар як роҳномиҳои он ба ҳоле аз аҳволи инсон ва аҳволи ҷомеаи инсонӣ бо назардошти дигаргунии ҳолатҳо, мавқеиятҳо, замонҳо, фард ва ҷомеа вобастагӣ дорад, ки лозим аст ҳар кадомашро дар ҷои муносиби худаш пайдо кард ва аз он роҳнамоиҳои лозимро дар ҳолатҳои зарурӣ гирифт. Ба ҳамин хотир ҳар чизе, ки Қуръони карим аз насх шудан ишора намудааст, чуноне баъзе уламо ба ин андеша мебошанд (ба андешаи мо онҳо дуруст мегӯянд), ба хитоби Қуръони карим ба он оёт ва рисолатҳое дахл дорад, ки пеш аз он дар умматҳои собиқа гузаштаанд ва дасти таҳриф ва фаромӯшӣ ба онҳо расида ва аз он ҳама замону марҳалаҳои рушду тараққии башарӣ гузаштааст. Ба ҳамин хотир, рисолати исломии оламии охирин онҳоро мансух намуда, бар ҳамаи онҳо ғалаба намудааст.

*Худованди мутаол дар ин бора мефармояд: "Ва ин китобро ба ростӣ бар ту нозил кардем; тасдиқкунанда ва ҳоким бар китобҳоест, ки пеш аз он будаанд"* ***(Моида, 48);***

*"Ҳеҷ оятеро бекор ё тарк намекунем, магар он ки беҳтар аз он ё ҳамонанди онро меоварем"* ***(Бақара, 106);***

*"Ӯст, ки ин китобро бар ту нозил кард. Баъзе аз ояҳо муҳкамотанд, ин ояҳо уммулкитобанд ва баъзе ояҳо мутошобеҳотанд. Аммо онҳо, ки дар дилашон майл ба ботил аст, ба са-*

13 Бадо — эътиқод ба ин, ки Худованд амреро содир мекунад ва сипас баръакси онро дуруст мепиндорад ва амри дигареро содир менамояд, ва чунин эътиқод куфр аст.

*баби фитначӯӣ ва майл ба маъно аз муташобеҳот пайравӣ мекунанд, дар ҳоле ки маънои онро ҷуз Худо намедонад"* ***(Оли Имрон, 7).***[14]

14 «Муташобеҳ» («монанд») дар Қуръон ба маънои ин нест, ки мушкиле дар маонии Қуръон ё дуруст баён нашудани мафҳумҳои он бошад. Аллоҳ пок аст аз ин, ки муташобеҳ будан дар Қуръонро ба ҳамин маъно зикр карда бошад, зеро тамоми Қуръон ба фармудаи худаш рӯшан ва фаҳмост:

***"Қуръоне ба забони арабӣ бе ҳеҷ нуқсону каҷӣ" (Зумар, 28).***

Маънои «ташобуҳ» («монандӣ») дар Қуръони карим, ба назари баъзе уламо, монандӣ ва мушобиҳат доштани баъзе қиссаҳо ва роҳнамоиҳои Қуръонӣ дар баёни масоилу умури динҳои осмонии пешин ва он инҳирофотест, ки дар он динҳо ба вуҷуд омадааст. Қуръони карим ба он ишора мекунад, ки шояд баъзе инсонҳои муғриз ва кинатӯз ин монандии таълимоти Қуръони каримро бо он қиссаҳо бо ҳадафи даровардани инҳирофот дар дини Ислом суиистифода кунанд, то ки тавонанд дарвозае бикушоянд ва аз он роҳ ширкиёт ва инҳирофоти динҳои мунҳарифро дар таълимоти исломӣ дохил намоянд. Бо ин васила мехоҳанд, ки низоми исломиро вайрон намуда, бисёре аз усули онро аз байн баранд монанди қатраи захре, ки ба ҷисм медарояд ва онро ҳалок месозад. Пас набояд дар баробари як матне ҳам бошад, ки бо мафҳумҳои дин дар таноқуз бошад, беаҳамиятӣ намуд.

Мутаассифона ғалатфаҳмии баъзе муҳаққиқон дар бораи ин оят ва тафсири он ба маънои ин, ки баъзе оятҳои Қуръони карим возеҳ ва ошкор нестанд, сабаб шуд, то хеле аз аҳодиси заиф ва исроилиёт ва ширкиёту инҳирофоти динҳои собиқ вориди тафсирҳои Қуръони карим гарданд ва дар адабиёти исломӣ онро бардурӯғ ворид намоянд.

Возеҳ ва ошкор аст, ки даромадани ин инҳирофот ба адабиёти исломӣ, ки ҳанӯз уммати исломӣ аз оқибати он ранҷ мебарад, ба фаҳми нодурусти баъзе муҳаққиқон ва муғриз будани баъзе дигар бармегардад. Ин ҳама ба сабаби даромадани ширкиёт ва дурӯғҳое, ки дар байни уммати исломӣ ривоҷ доранд, ба адабиёти исломӣ мебошанд. Ва ҳанӯз ҳам онҳое, ки мехоҳанд ин инҳирофотро аз байн бубаранд ва осори онро пок созанд, дар талошанд ва бояд бештар ҳушёр бошанд ва ин матнҳоро дар тарозуи Қуръон бисанҷанд, то ин ҳама хурофоти исроилиёти харобсозанда, ки ҳатто баъзе донишмандони уммати исломӣ ба он мубтало мебошанд, аз байн раванд ва фикри уммати исломӣ аз он ҳама пок гарданд.

Он чӣ, ки дар Қуръони карим аз қиссаҳои гузаштагон зикр шудааст, барои мусулмон кифоя мекунад ва ҳеҷ ниёзе ба рӯ овардан ба китобҳои умматҳои гузашта барои тафсилоти бештар нест. Қурхон он чиро, ки мусулмон ба он ниёз дорад, баён сохтааст. Ба он тафсилот ва таъвили Қуръони карим бо чизҳои бофта ва дурӯғ ҳеҷ эҳтиёҷе нест, балки ин боз кардани дарвозаи гумроҳӣ ва фитна мебошад, ки дар он ҳеҷ манфиате барои мусулмон нест. Ва агар ба он зарурат мебуд, ҳатман Қуръони карим онро зикр мекард. Шояд қиссаи Асҳоби каҳф намунаи хубе аз роҳнамоиҳои Қуръон дар бораи муомилаи дуруст бо он ҳама қиссаҳо ва ҳодисаҳое бошад, ки аз умматҳои гузашта омадааст.

Пас маълум мешавад, ки муртад шудани қабилаҳо ҳеҷ алоқае ба маҷбур кардани онҳо ба қабули ақида ва имон надошт ва сабаб ин набуд, ки онҳо араб ё аз қавми Муҳаммад (с) ва хонаводаи ӯ ва ё пояи асосии давлати исломӣ буданд. Чунки ҳамаи ин наметавонист табиати рисолати исломӣ, масъулияти инсонӣ, даъвати исломӣ ва ё хитоби исломии оламиро тағйир диҳад. Ба ҳамин хотир ин муртад шудан наметавонист ҳаққи озодии интихоби ақидаро бекор кунад ва наметавонист дар ҳама ҳолатҳо ҳаққи ҳар як инсонро барои озодии интихоби дин ва ҳаққи қаноате, ки ҳастии инсон ба он вобастагӣ дорад, ва масъулияти инсониро лағв намояд.

Ислом аз муртад шудани касе, ки дини Исломро дуруст шинохта, ба Худо ва рӯзи қиёмат содиқона имон овардааст ва амалкардаш дар ростои асос гузоштани некиҳо дар зиндагии дунё будааст, намеҳаросад. Имкон надорад, ки дини Ислом аз муртад шудани чунин шахсе ва бозгаштанаш ба сӯи хурофот, қавмгароӣ ва ё моддигароии ҳалокатбор битарсад. Ин масъала аз кӯтоҳӣ кардани давлат, ҷомеа ва ниҳодҳои даъват, таълим ва тарбия дар роҳнамоии оммаи мардум ва насли наврас ва адо накардани вазифаҳои иршодӣ ва таълиму тарбия фарқ мекунад. Ҳамин идораҳои масъул дар бисёри мамлакатҳо ба сабаби кори баъзе ҷоҳилон ва пайравони ақоиди мунҳариф шароит ва маҳдудиятҳоеро дар ҷомеа ҳоким мегардонанд, ки имони мардум танҳо алфоз ва амалҳои зоҳирии холӣ аз фаҳми дуруст ва амиқ ва қаноъатмандӣ мегардад.

***Худованд мефармояд: "Оё пиндоштаӣ, ки асҳоби каҳф ва рақим аз нишонаҳои аҷибу ғариби Мо будаанд?" (Каҳф 9) то ин гуфтаи Худованд: "Хоҳанд гуфт: «Се тан буданд ва чаҳорумашон сагашон буд» ва мегӯянд: «Панҷ тан буданд ва шашуминашон сагашон буд». Тир ба торикӣ мезананд ва мегӯянд: «Ҳафт тан буданд ва ҳаштуминашон сагашон буд». Бигӯ: «Парвардигори ман ба адади онҳо донотар аст ва шумори онҳоро ҷуз андак касон намедонанд». Ва ту дар бораи онҳо ҷуз ба зоҳир муҷодала накун ва аз кас напурс" (Каҳф 22)... "Ва онон дар ғори худ сесад сол орамиданд ва нуҳ сол ба он афзудаанд" (Каҳф 25)... "Бигӯ: «Худованд донотар аст, ки чанд сол орамиданд. Ғайби осмонҳову замин аз они Ӯст. Чӣ биносту чӣ шунавост! Ҷуз Ӯ дӯсте надоранд ва касро дар фармони худ шарик насозад»" (Каҳф 26)... "Аз китоби Парвардигорат ҳар чӣ бар ту ваҳй шудааст, тиловат кун. Сухани Ӯро тағйирдиҳандае нест, Ва ту ғайри Ӯ паноҳгоҳе намеёбӣ" (Каҳф 27).***

Дар ҳақиқат, касе аз Ислом, имон ба Аллоҳ ва расулаш ва амалҳои хайр дар дунё рӯ мегардонад ва муртад мешавад, имкон дорад ин амалкардаш ба сабаби бемории рӯҳӣ ё ҷаҳли динӣ ва фарҳангӣ ё ба сабаби кинатӯзӣ ё аҳдофи сиёсӣ ва мақсадҳои моддӣ бошад.

Агар ин умур сабаби тамоми ҳолатҳои муртад шудан шаванд, имкон дорад ҳар як ҳолатро бо роҳкорҳои муносибе муолиҷа кард. Мисол, агар сабаби иртидод бемории рӯҳӣ бошад, табобаб карда мешавад ва агар сабабаш ҷаҳлу нодонӣ бошад, метавон онро бо баёни ҳақиқат, роҳнамоӣ ва тавзеҳи шубҳаҳое, ки дар дунёи имрузии мо ба сабаби хитобҳои исломии дар ҳам печида ва кӯтоҳӣ дар расондани фикри дурусти исломӣ бисёр гаштаанд, муолиҷа кард. Агар ин беморӣ ва ин ҷаҳлу нодонӣ баъд аз муолиҷа ва баёни ҳақиқат боқӣ монданд ва Худованд дили чунин ашхосро ба сӯи илму маърифат раҳнамоӣ накард, боз ҳам масъалаи озодии ақида ва интихоби дин дар ҷои худ устувор мемонад. Ва агар касе бар ин ҷаҳлу нодонӣ ва гумроҳияш исрор варзад, гуноҳаш бар уҳдаи худи ӯст. Вале чуноне, ки гуфтем, агар мо вазифаи таълимӣ ва тарбиявии худро анҷом диҳем, чунин ҳодисае барои ҳеҷ як инсони оқил воқеъ намешавад ва Ислом аз ҳеҷ гуна муртад шудани шахси муъмине, ки Исломро дуруст шинохтааст, намеҳаросад.

Аммо масъалаи таассуфборе, ки бояд дар бораи он бештар тааммул намоем, ин аст, ки фақру нодорӣ, бекорӣ, ҷаҳлу нодонии динӣ, ҷаҳолати навҷавонӣ, беаҳамиятӣ нисбати ҷавонон ва орзуҳои онҳо, кӯтоҳӣ ва бепарвоии уммат ва дар камин будани душманоне, ки чунин ҳолатро барои расидан ба аҳдофи шумашон истифода менамоянд, ҳама бо ҳам ҷамъ шуда, ин амрро душвортар менамоянд.

Аммо агар ин муртад шудан ба мақсади хатарноке монанди озор расондани мусулмонон, интишори фитна дар байни онҳо ва хиёнат ба динашон бошад, дар он ҳолат бо ҳар як чунин вазъият мувофиқи худаш бархӯрд мешавад. Ин масъала дар ҳолатҳои хартарнок буданаш дар боби “фасод дар замин ва эълони ҷанг” дохил мешавад ва алабатта дар чунин ҳолат аз

боби “озодии интихоби дин” ба шумор намеравад. Ҷазои чунин ашхос дар ҳолатҳои гуногун бояд танбеҳӣ бошад ва агар ҷазои сангин лозим гардад, бояд муносиби ҳолаташ бошад.

Аммо агар муртад шудан ва исрор варзидан бар он аз сӯи шахсе, ки дини Исломро бо нияти инкор кардан, аз рӯи душманӣ, ба сабаби бебасиратӣ ё ҷаҳолату қавмгароӣ қабул карда бошад, ин масъала як амри истисноӣ ва гумроҳӣ мебошад ва бо он масъала муқоиса намешавад. Масъулияти амалкарди чунин шахс бар ӯҳда худаш аст ва бояд даъват ва раҳнамоӣ шавад.

> *“Мардумро бо ҳикмату панди неку ба роҳи Парвардигорат бихон ва бо беҳтарин тарз бо онон муҷодала кун. Зеро Парвардигори ту ба касоне, ки аз роҳи Ӯ каҷрав шудаанд, огоҳтар аст ва ҳидоятёфтагонро беҳтар мешиносад!”* ***(Наҳл, 125);***
>
> *“Ҳар кас танҳо ҷазои кори худро мебинад”* ***(Анъом, 164).***

Қуръони карим дар баъзе ҳолатҳо муртад шуданро бо ҳадафҳои хатарнок ва дасисаҷӯӣ зикр кардааст ва он ашхосеро, ки Қуръон зикр кардааст, яҳудиёни Мадинаи мунаввара буданд, ки бо нияти дасиса ва фитна дар байни мусулмонон зоҳиран имон оварданд ва сипас муртад шуданд.

> *“Гурӯҳе аз аҳли китоб гуфтанд; «Дар аввали рӯз ба он чӣ бар муъминон нозил шудааст, имон биёваред ва дар охири рӯз инкораш кунед, то шояд аз эътиқоди хеш бозгарданд»”* ***(Оли Имрон, 72).***

Бо вуҷуди ин Қуръони карим барои ин амалкарди бад ҷазои дунявие зикр накардааст, балки ин амрро дар ихтиёри давлат ва муқаррароти он ба сифати валиамри мусулмонон гузоштааст. Ин амрест, ки бо гузашти замону макон таъсирпазир мебошад. Замоне, ки Расулуллоҳ (с) раиси давлат буд, бар асоси шароит ва ҳолатҳои замонӣ ва макони ҷазои чунин шахсро муайян месохт.

*“Худоро итоат кунед ва ба расул ва сардорони хеш фармон баред”* ***(Нисо, 59).***

Пайғамбар (с) ин дасисаҷӯёну муфсидон ва ононеро, ки бо Ислом дар ҷанг буданд, чуноне, ки дар баъзе ривоятҳо омадааст, ба ҷазои шадид, яъне ба қатл таҳдид мекард, чуноне, ки фармуд: “Ҳар касеро, ки динашро иваз кард, бикушед”. Ин таҳдид барои дасисаҷӯёне мебошад, ки бо аҳдофи сиёсӣ ин корро анҷом медоданд, ва ин амр ҳеҷ алоқае ба озодии интихоби дин ва ақида надорад. Ба ҳар ҳол, ин таҳдид натиҷаи хуб дод, чунки сабаби аз байн рафтани фитна ва ҳифзи амнияту оромии мусулмонон гашта, аз рехтани хуни дасисаҷӯён пешгирӣ кард.

Инчунин Расулуллоҳ (с) амр калд, то роҳи ҳамаи онҳое, ки бар зидди мусулмонон бо дурӯғ гуфтан дасисаҷӯӣ ва фитнаангезӣ мекарданд, гирифта шавад. Ба хусус, сурудани шеърро, ки дар он замон муҳимтарин василаи мубориза бо Ислом ва мусулмонон, сиёҳ кардани мусулмонон ва ангехтани фитна ва эҳсосот бар зидди онҳо буд, манъ кард ва садди роҳашон шуд. Пайғамабр (с) касонеро, ки ин амалро анҷом медоданд, ба ҷазо додан таҳдид мекард, чунки онҳо ин амалашонро аз боби изҳори андеша ва гуфтугӯ ва ё эътироз ва интиқод анҷом намедоданд, зеро Қуръони карим эътироз ва шубҳаҳои эътирозгаронро ба таври густарда ва фаровон зикр карда, ҷавоб додааст. Аммо он ашъоре, ки дар гузашта ва расму суруду филмҳое, ки дар асри мо ба вуҷуд омаданд, ҳама аз боби дашном додан, масхара кардан ва сиёҳ намудани чеҳраи Ислом ва гумроҳ кардани мардум мебошанд, ки ин ҷо мавзеи ҷазо ва танбеҳ аст.[15]

15 Ба хотири наздик сохтани ин мафҳум барои хонандаи азиз ва фарқ гузоштан байни омӯзиш ва баҳсу гуфтугӯ ва байни дашном додан ва сиёҳ намудани чеҳра, пас беҳтарин кор ин андешидан ва далелу хуҷҷат аст ва макони ин баҳсу мунозараҳо синфҳо ва курсҳои омӯзишӣ мебошанд. Аммо дашном додан монанди касе, ки ҳамсаратро тӯҳмат мезанад обрӯю шарофататро зери суол мебарад ва дар ин кораш аз тамоми васоил монанди қалам, расм ва шеъру суруд истифода менамояд ва ғазаби инсонро боло мебарад, пас бояд ҳатман муҷозот шавад ва агар чунин нашавад дар он ҳолат он ашхоси мавриди зулм қарор гирифта иҷрои қонунро ба даст мегиранд ва бидуни дар назар гирифтани оқибатҳои ин кор онро анҷом медиҳанд. Пас бояд ин масъала фаҳмида шавад ва роҳҳои манъи ин аъмол андешида шавад ва махсусан замоне, ки ин масоил вобаста ба муқаддасоти як уммат бошанд.

Инро мо дар қонунҳои давлатҳои пешрафта ва бомаданият ҳам мебинем, ки баъзе чизҳоеро, ки барои муқаддасот шуморида мешаванд, дар қонунҳои "Озодии баён" дохил намешаванд ва истисно мебошанд, ки машҳуртарини он қонунҳо дар бораи маҳкум кардани Ҳолокост дар Аврупо дар ҳаққи яҳудиён аст. Ин чунин мушоҳида менамоем, ки чӣ гуна баъзе душманони уммати исломӣ ин васоилро ба хотири алангаи оташи душманӣ бар зидди Ислом ва мусулмонон ва муқаддасоти онҳо истифода менамоянд ва тамоми миллатҳоро бар зидди мусулмонон фаро мехонанд, дар ҳоле, ки мусулмонон панҷум ҳиссаи башарият мебошанд ва дар тамоми ҷо вуҷуди худро собит намудаанд. Ба ҳамин хотир тамоми ҳукуматҳои миллатҳои мусулмон ва оммаи онҳо бояд қонунҳоеро қабул кунанд ва бо роҳҳои дипломатӣ ва таҳримҳои иқтисодӣ ба хотири манъ кардани таҳқир, сиёҳ намудан ва фарохондани дигарон бар зидди уммати исломӣ ва ақоиду муқаддасоташон фишор биёранд ва аз дигар ҳукуматҳо талаб намоянд, то онҳо низ қонунҳое бигузоранд, ки онҳоеро, ки динҳоро мавриди масхара қарор медиҳанд ва байни миллатҳо фитнаангезӣ намуда, душманӣ эҷод мекунанд, манъ намоянд. Аммо агар қонунҳо ва ҷазоҳое вуҷуд надошта бошанд, аз ҳукуматҳо талаби узрхоҳӣ намудан ҳеҷ фоидае нахоҳад дошт ва қонуни ҷазо намудани мункирини қатли оми яҳудиён беҳтарин далел ба ин гуфтаҳост. Пас тамоми ҳукуматҳои исломӣ ва ғайри исломӣ бояд ба ин амр аҳамият диҳанд. Албатта, на ба хотири маҳдуд сохтани озодии ҷустуҷӯ, омӯзиш, таҳқиқ ва гуфтугӯи илмӣ, чунки инҳо умуре мебошанд, ки Ислом ва уламои мусулмон онро қабул доранд, балки ба хотири манъи туҳмат задан, дашном додан ва рехтани обрӯ бо истифодаи услубҳои фанние, ки холӣ аз ақлоният, интиқоди солим ва ҷустуҷӯи ҳақиқат ҳастанд. Ин амалкардҳо ҳақиқатҳоро пинҳон ва бад нишон медиҳанд ва дар байни мардум ақидаҳо ва қаноатҳои дурӯғин ва золимонаеро паҳн месозанд, ки ин ҳама дар боби дашном додан ва сиёҳ кардани эътиқодот ва эҷоди кина ва душманӣ дохил мешаванд. Ин ҳамон василаҳои дурӯғин ва фиребкоронае мебошанд, ки сабаби душманӣ байни мусулмонон ва ғарбиҳо дар тули таърих гаштаанд. Ин ҳама аз тамоми анде-

шаҳои ислоҳӣ ва таҳқиқоти илмӣ барои ҷустуҷӯи ҳақиқат ва идораи гуфтугӯи ҳадафманд ба хотири ислоҳ ва ҳамбастагӣ байни миллатҳо, тамаддунҳо ва динҳо фарсаххо дур мебошанд.

Аз ҳамин лиҳоз, — сарфи назар аз шакли таҳдиди Пайғамбар (с) дар ҳаққи касе, ки муртакиби чунин дасиса бо ҳадафи эҷоди фитна дар ҷомеаи исломӣ мешавад, — ҷазое, ки Пайғамбар (с) ҳамчун раиси давлат дар он замон эълон карда буд, ҷанбаи танбеҳӣ дошт. Чунки Пайғамбар (с) ба ҳайси сарвари мусулмонон муносиби он замону макон қонунеро содир кард, ки мустақим ба дигарон намегузарад. Ин ҷазо бар он далолат дорад, ки ҳар касе, ки дар ҳама ҳолатҳо бо амнияту оромии мардум бозӣ мекунад, дар боби ҷангидан ва фасод дар замин дохил мешавад, ва муртакиби ин ҷиноят дар давлатҳои исломӣ мавриди ҷазои шадид қарор мегирад. Ва фарқ надорад, ки дин ё ғайри динро барои анҷоми амалҳои хатарноке, ки ба амнияту оромии ҷомеа ва оромию саломатии фарзандон ва муассисаҳои он зарар мерасонад, истифода менамояд.

Ҷиноятҳоеро, ки бо ном зикр нашудаанд, аммо таъсири манфии хатарноке дошта, ба ҷомеа зарар мерасонанд ва хатарнокиашон дар радифи қатл, зино, дуздӣ ва ҷангу фасод дар замин аст, ки Қуръони карим онҳоро бо ном зикр кардааст, метавон дар ҳукми "ҷангу фасод дар замин" дохил кард. Ва барои содир кардани ҳукми муносиби танбеҳӣ ба ҳолату ҳадафи ҷинояткор назар кард ва бар асоси аҳкоми Қуръони карим дар бораи ҷангҷӯӣ ва фасод дар замин дар ҳаққаш ҳукми ҷазои муносиб байни қатл, ки баландтарин дараҷаи ҷазост, ва зиндон содир кард, то ҷомеа аз шарраш дар амон бошад. Балки метавон ӯро бахшид, агар кори ӯ дар ҳадди хатои андак ва касби моли каме бошад. Монанди он чӣ, ки имрӯзҳо мебинем, ки ҷавонон, ҷоҳилон ва фақирону бенавоён аз тарафи ашхоси фиребкор ва ғаразнок мавриди фиреб қарор мегиранд.

Афсӯс, ки бисёри давлатҳо ва муассисаҳои хайрия ва даъватӣ ба сабаби нотавонӣ ё белаёқатӣ дар омӯзиши қишрҳои фақир ва бенавои ҷомеа, ба хусус дар давлатҳои фақир, ки муассисаҳои қудратманд надоранд, коре анҷом надода, онҳо-

ро дини дурустро таълим намедиҳанд, барояшон имконоти зарурӣ ва шуғли муносиберо фароҳам намекунанд ва аз вуҷуди муассисаҳои хайрияи масеҳиён изҳори нороҳатӣ мекунанд ва ҳайатҳои динӣ танҳо ба таҳдиди чунин муассисаҳо иктифо мекунанд, ҳарчанд медонанд, ки ин амалашон ба танҳоӣ ҳеҷ манфиате надошта, ҳеҷ ҳолатеро тағйир намедиҳад.

Онҳое, ки бовар доранд, ки муртадҳо ва касоне, ки ба куфр исрор меварзанд, ҳақро инкор мекунанд ва пайрави яке аз динҳои хурофотӣ ва дунявӣ мешаванд, бояд ҷазо дода шаванд ва маҷбуран бо таҳдид ва ваъдаи азоб додан ба Ислом баргардонда шаванд, бояд бидонанд, ки чунин ашхос, агар бошанд ҳам, бисёр кам ва истиноӣ ҳастанд ва ба сабаби надоштани тарбияи дуруст, масоили иҷтимоӣ ё ҳолатҳои равонӣ ва моддӣ ин корро анҷом додаанд. Натиҷаи маҷбур кардан ва ба зур даровардани онҳо ба Ислом сабаби тақвияти имони онҳо намегардад, балки ин амр сабаби ташкили як гурӯҳи мунофиқ ва кинатӯз дар байни ҷомеаи исломӣ мегардад. Аз худ бипурсем, ки аз ин кор чӣ фоидае мебошад ва уммати исломӣ бо ҷой гирифтани ин гурӯҳи мунофиқ дар дохилаш чӣ нафъе мебарад?!

Бояд бидонем, ки ҳолати касоне, ки аз рӯи ҷаҳлу нодонӣ ё беморӣ муртад шуданд, аз онҳое, ки бо ғараз муртад шуданд, фарқ мекунад. Ба ҳамин хотир таҳдиди ашхоси муғриз зарур аст, махсусан ашхосе, ки ғаразҳои хатарнок доранд. Онҳо бояд ба сабаби васила қарор додани дин барои анҷоми ҷиноятҳо ва дасисаҷӯӣ ва зарар расондан ба уммат ва ҷомеаи исломӣ қонунан ҷазо шаванд, то аз анҷоми чунин ҷиноят ва аҳмақӣ боз истанд ва онҳое, ки ин амалро анҷом медиҳанд, бояд танҳо худашонро маломат кард. Албатта, ин амалкард ҳеҷ алоқае бо озодии интихоби дин надорад, зеро озодии дин бо нусуси қуръонӣ ҳаққи ҳар як инсон мебошад.

Аз он чӣ гузашт маълум мешавад, ки масъалаи имон ва ақида дар шариати исломӣ бояд як амри ихтиёрӣ ва бо қаноати шахсӣ боқӣ бимонад ва сабабҳои дигар монанди фақр, ҷаҳл ва бемориҳо бояд дармон шаванд ва дасти касони дасисаҷӯ ва ғаразнок бо муҷозоти муносиб қатъ карда шавад.

Агар суханро дар бораи амре, ки “ҷазои иртидод” номида мешавад, хулоса кунем, возеҳ ва ошкор аст, ки дар тули таърих дар дини Ислом ин амр ҳеҷ иртиботе бо масъалаи ақида, имон ва озодии қаноати шахсӣ надоштааст, зеро ин амрест, ки Ислом онро эҳтиром мекунад ва аз он ҳаросе надорад. Ин амр, чуноне зикр кардем, масъалаест, ки ба ҳолатҳои истисноии мардум ба сабаби ҷаҳл, эҳтиёҷ, беморӣ ва ғараз дахл дорад ва баръакси ҳол дар гузашта ва ҳанӯз ҳам мардумони бисёр бо ихтиёр ва рағбати худ Исломро қабул мекунанд. Пас давлатҳо ва муассисаҳои таълимӣ, даъватӣ ва хайрия бояд тамоми талошҳои лозимро дар роҳҳои тарбия ва даъвату таълим, нигоҳубини оммаи мардум, ҳифзи ақидаи саҳеҳи уммати исломӣ ва саломатии дидгоҳаш анҷом диҳанд. Чунки дидгоҳи ин уммат (агар дидгоҳи қуръонӣ бошад) гавҳарест, ки бояд онро дубора ба таври комил аз худ кард, зеро сабаби тавоноӣ ва қуввати ин уммат дар эҷоди амалҳои тамаддунӣ ва хайрӣ мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки уммати исломӣ бояд ҷавононашро на танҳо аз ҷаҳлу нодонӣ ба диншон ҳифз намояд, балки аз нодорӣ ва ниёзмандӣ низ ҳифз карда, барояшон имконоти лозими дастрасӣ ба ҳалолро муҳайё созад, то ашхоси ғаразнок ва касоне, ки бо ҳадафҳои сиёсӣ ва истеъморӣ бо дин тиҷорати фосид мекунанд, аз фақру нотавонӣ ва бесаводии онҳо барои расидан ба ҳадафҳои шуми худ истифода накунанд. Пас бояд ба онҳо, бахусус навҷавонон, кумакҳои молӣ ё шароит барои расидан ба покии нафс аз роҳи ҳалол фароҳам орад, то душманон онҳоро бо муҳайё сохтани васоили шаҳватронӣ ва фиреб дар роҳи расидан ба ғаразҳо ва тиҷоратҳои фосиди сиёсиашон ва ё бебандубории ахлоқӣ дар бозори фасод ва ғаразҳо ҳамчун матоъ истифода набаранд.

Ҳукуматҳои ин мардум бояд дар баробари чунин гурӯҳҳо, ҷамоатҳо ва муассисаҳо истодагарӣ намоянд ва онҳоро аз зарар расондан ба наслҳои ин уммат боз доранд. Албатта ҳимояи фарзандони ин уммат бо хизмат кардан ба онҳо, таълим додан, тарбияи иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳо ва онҳоро дар ихтиёри гургон нагузоштан мебошад. Аммо касоне, ки ба қаноатмандӣ, садоқат,

ақлоният, ҳуҷҷату далел даъват мекунанд ва муассисаҳои гуфтугӯи содиқона мебошанд, дини Ислом аз онҳо ва даъват, далоил ва ҳуҷҷатҳои онҳо дар боби ақида ҳеҷ гуна хавфу тарсе надорад, балки ин ҳама аз боби гуфтугӯ, ҳамбастагӣ, меҳрубонӣ ва даъвати исломӣ бо далелу бурҳон мебошанд.

## Муртад шудан аз нигоҳи ақида ва қонун

Масъалаи дигаре мемонад ва он ҳам фарқ гузоштан байни ҳаққи интихоби ақида доштани инсони болиғи оқил ва байни ҳокимияти нафсонӣ ва қонуни динӣ ва эътиқодӣ бар дигарон ва ноболиғон.

Дини Ислом барои марди мусулмон иҷозат додааст, то бо занони аҳли китоб издивоҷ намояд, зеро ҳокимият ва таъсири фитрӣ, динӣ ва қонунии мард бар зани китобӣ ҳеҷ гуна хавфу тарсеро дар озодии дин ва эътиқодоти зан эҷод намекунад, зеро мусулмон ба эҳтироми дин ва озодии эътиқодоти зани китобӣ амр шудааст. Чунки марди мусулмон ба пайғамбарон ва муқаддас будани асли дини зани китобӣ ва ин, ки аслу решаи дин ва ақидааш аз динҳои осмонии гузашта будааст, имон дорад ва ин, ки ҳеҷ ихтилофе бо дин ва ақидаи марди мусулмон надорад . Вазифаи мард дар чунин ҳолатҳо бо услуби нек ва гуфтугӯи хуб даъват кардани зани китобӣ мебошад.

Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

*“Эй касоне, ки имон овардаед, ба Худову паёмбараш ва ин китоб, ки бар паёмбараш нозил карда ва он китоб, ки пеш аз он нозил карда, ба ҳақиқат имон биёваред. Ва ҳар кӣ ба Худову фариштагонаш ва китобҳояш ва паёмбаронаш ва ба рӯзи қиёмат кофир шавад, сахт дар гумроҳӣ афтодааст”* ***(Нисо, 136);***

*“Бигӯед: «Мо ба Худо ва оёте, ки бар мо нозил шуда ва низ он чӣ бар Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва сибтҳо нозил омада ва низ он чӣ ба Мӯсо ва Исо фиристода шуда ва*

*он чӣ бар паёмбарони дигар аз ҷониби Парвардигорашон омадааст, имон овардем. Миёни ҳеҷ як аз паёмбарон фарқе намениҳем ва ҳама дар баробари Худо таслим ҳастем»"* ***(Бақара, 136);***

*"Ва аз паи онҳо Исо - писари Марямро фиристодем, ки тасдиқкунандаи Тавроте буд, ки пеш аз ӯ фиристода будем ва Инҷилро, ки тасдиқкунандаи Таврот пеш аз ӯ буд, ба ӯ додем, ки дар он ҳидоят ва рӯшноие бувад ва барои парҳезгорон ҳидоят ва панде"* ***(Моида, 46);***

*"Касоне ҳастанд, ки ба Худо ва паёмбаронаш кофир мешаванд ва мехоҳанд миёни Худову паёмбаронаш ҷудоӣ афкананд ва мегӯянд, ки баъзеро мепазирем ва баъзеро намепазирем ва мехоҳанд дар мобайни куфру имон роҳ гиред"* ***(Нисо, 150);***

*"Худо миёни онон, ки имон овардаанд ва онон, ки дини яҳуд ё собион ё насоро ё маҷус ихтиёр кардаанд ва онон, ки мушрик шудаанд, дар рӯзи қиёмат ҳукм мекунад. Зеро Ӯ бар дар коре шоҳид аст!"* ***(Ҳаҷ, 17);***

*"Барои шумо дину оине муқаррар кард аз ҳамон гуна, ки ба Нӯҳ тавсия карда буд ва аз он чӣ бар ту ваҳй кардаем ва ба Иброҳиму Мӯсо ва Исо тавсия кардаем, ки динро барпой нигаҳ доред ва дар он фирқа-фирқа машавед. Таҳаммули он чӣ ба он даъват мекунед, бар мушрикон душвор аст. Худо ҳар киро хоҳад, барои пайғамбарии Худ интихоб мекунад ва ҳар киро ба ӯ бозгардад, ба Худ роҳ менамояд"* ***(Шӯро, 13);***
*"Паёмбар худ ба он чӣ аз ҷониби Парвардигораш ба ӯ нозил шуда, имон дорад. Ва ҳамаи муъминон ба Худову фариштагонаш ва китобҳояш ва паёмбаронаш имон доранд. Миёни ҳеҷ як паёмбаронаш фарқе намениҳем. Гуфтанд: «Шунидем ва итоат кардем, эй Парвардигори мо, омурзиши туро хосторем, ки бозгашти ҳама ба сӯи туст!»"* ***(Бақара, 285);***

*“Касоне, ки имон овардаанд ва касоне, ки дини яҳудон ва тарсоён ва собионро гирифтанд, агар ба Худо ва рӯзи бозпасин имон дошта бошанд ва коре шоиста кунанд, Худо ба онҳо ҷазои нек медиҳад ва на бимнок мешаванд ва на ғамгин”* ***(Бақара, 62);***

*“Сипас паёмбаронамонро пас аз онҳо фиристодем. Ва Исо ибни Марямро аз паи онҳо равона кардем ва ба ӯ Инҷилро додем ва дар дили пайравонаш раъфату (шафқату) раҳмат ниҳодем”* ***(Ҳадид, 27);***

*“Мо паёмбаронамонро бо далелҳои равшан фиристодем ва бо онҳо китобу тарозуро низ возил кардем, то мардум, ба адолат амал кунанд”* ***(Ҳадид, 25);***

*“Туро ба паёмбарӣ фиристодем, бар ҳамаи мардум; муждадиҳандаву бимдиҳанда. Вале бештари мардум намедонанд”* ***(Сабаъ, 28);***

*“Пеш аз ту паёмбароне фиристодаем. Достони баъзеро бароят гуфтаем ва достони баъзеро нагуфтаем. Ва ҳеҷ паёмбареро нарасад, ки ояте биёварад, магар ба фармони Худо”* ***(Ғофир, 78);***

*“Мо Қуръонро худ нозил кардаем ва худ нигаҳбонаш ҳастем”* ***(Ҳиҷр, 9).***

Ба ҳамин хотир дини муборакии Ислом ба зани мусулмон иҷозат надодааст, ки бо марди китобӣ ва ё ғайри мусулмон издивоҷ намояд, зеро ин мард ба дини зани мусулмон ва муқаддас будани пайғамбараш имон надорад ва дар ҳолатҳои зиёде, ки мард болои зани мусулмон ва фарзандонаш ҳокимият дорад, аз рӯи фитрат, рӯҳия, дин ва қонун хавф бурда мешавад, чунки агар мард ҳуқуқи қонунӣ бар фарзандон, дину оин ва тарбияи динии онҳо дошта бошад, дар он сурат фарзандонро бар асоси бадбинӣ, так-

зиби дин ва инкори муқаддас будани пайғамбари занаш тарбия мекунад.

Дини мубораки Ислом ба хотири ҳифзи амнияти иҷтимоӣ ва дур кардани сабабҳои ихтилоф ва бадабахтӣ, ки боиси вайроншавии оила, душманӣ ва кинаҳои қавмгароӣ ва иҷтимоӣ мешавад, ҳукм кардааст, ки чун ҳар шахсе исломашро эълон кунад, мисли касест, ки мусулмон таваллуд шудааст, ва ҳар кӣ дини Исломро қабул кунад, аз ҳокимияти динӣ, фитрӣ ва қонунӣ бар зани мусулмон ва фарзандашон бархӯрдор аст ва ба ҳамин хотир бояд бидонад, ки чун муртад шуд ва ба муқаддас будани дини Ислом ва Пайғамбар (с) дигар имон надошт, дар он сурат дар шартҳои ақди никоҳ бо зани мусулмон ва фарзандаш дар бораи ақида ва имоне, ки дар замони падараш ба тамоми динҳои осмонӣ имон дошт, халал ворид кардааст. Ин шахс бо муртад шуданаш ҳаққи ҳокимияти динӣ бар фарзандаш ва тарбияи ӯро хориҷ аз доираи Ислом, ки дар асл тамоми динҳои осмониро эътироф ва эҳтиром мекунад ва ба тамоми пайғамбарони ин динҳо имон дорад ва онҳоро муқаддас медонад, аз даст медиҳад. Ба ҳамин хотир ин ҳаққи тифл аст ва набояд аз ҳаққаш маҳрум гардад, чунки ин тифл бо эътиқоди исломиаш дини падар ва модар ва ҳаққи интихоби дини онҳоро эҳтиром мекунад ва ба онҳо некӣ менамояд.

Бешак, тифл баъд аз ба синни балоғат расиданаш ҳаққи интихоби дину ақидаашро дорад ва ин ҳаққест, ки дини Ислом барои тамоми инсонҳо додааст.

Ин фарқияти динӣ ва қонунии бисёр муҳиммест, ки сабаби амнияту оромии динӣ, иҷтимоӣ ва эҳтироми ҳуқуқи тамоми динҳо ва эътиқодот ва паймонҳову побандиҳои онҳо гашта, роҳро барои ашхоси муғриз ва фитнаангез, ки мехоҳанд дар ҷомеаҳои мусулмон тухми фитнаро бикоранд, мебандад.

## Ақалиятҳои мусулмон ва ихтилофи динҳо

Мавзӯе, ки боқӣ мемонад, вазъияти ақалиятҳои мусулмон дар кишварҳои ғайри исломӣ ва махсусан дар Ғарб мебошад. Ин

ақалиятҳо рӯз ба рӯз аз ҳисоби муҳоҷирон ва даромадани мардуми маҳаллӣ ба дини Ислом дар ҳоли афзоиш ҳастанд.

Вазъияти мусулмонон дар ин мамлакатҳо аз вазъияти мусулмонон дар давлатҳои исломӣ фарқ мекунад, зеро динҳои аксарияти мардуми Ғарб ба сабаби ҳодисаҳои таърихӣ таҳриф шуда, ба маросимҳои афсонавӣ монанд гаштаанд. Ба ҳамин хотир динҳои онҳо дар зиндагии рӯзмарра канор гузошта шуда, мафҳуми он бо вуҷуди сарвати бисёр ва фаъолияти озоди калисоҳо ҳеҷ гуна таъсире надорад.

Ба ҳамин хотир Иттиҳоди Аврупо дар сарқонуни иттиҳодияviаш ба ин динҳо ва таъсири он дар фарҳангашон бо вуҷуди талаботи попи Ватикан ҳеҷ ишорае накардааст, чунки мардуми Аврупо ба таври умум диндор нестанд. Онҳо агностик мебошанд, яъне бо фитрати башарии худ мефаҳманд, ки дар паси ин дунё қувваи бузурге вуҷуд дорад, вале ба сабаби афсонавӣ ва шаклӣ будани динҳои онҳо барои ақидаи худ ҷавоби қонеъкунанда намеёбанд. Аз ин назар онҳо мункири Худо нестанд ва дар айни ҳол диндор ҳам нестанд, балки онҳо амри динро канор гузошта, намедонанд, ки баъди ҳаёт чӣ мебошад ва мафҳуми ҳаётро ҷуз дар моддӣ ва маҳсус буданаш намедонанд. Яъне онҳо аз он чӣ ба дину имон ба ғайб дахл дорад ва аз ҳикмати офариниши дунё ва ҳадафи халқи инсон чизе намефаҳманд ва ба он аҳамияте намедиҳанд дар ҳоле, ки ҳеҷ гуна далели илмии қонеъкунандае барои худ надоранд. Мардуми шаҳрҳо ва деҳаҳои бузурги Амрикои Шимолӣ дар ҳақиқат аз мардуми Аврупо дар бораи дин ҳеҷ фарқе надоранд.

Ин муносибати беаҳамиятона нисбати дин дар пайдо шудани алоқаи мусулмон бо ғайри мусулмон дар он сарзаминҳо асар ва натиҷаҳои худро дошта, сабаби даромадани бисёри ин мардум ва махсусан занҳо ба дини Ислом мегардад.

Саволе, ки дар ин мамлакатҳо бештар пайдо мешавад, ин аст, ки тақдири зане, ки мусулмон шудааст, вале шавҳараш ба сабаби ҷаҳлу нодонӣ ё беаҳамиятӣ имон намеорад, чӣ мешавад? Оё аз шавҳараш бояд талоқ бигирад? Агар синну соли зан ба ҷое расида бошад ва фарзанд дошта бошад, дар ин ҳолат зан ва фар-

зандонаш мувоҷеҳи мушкилот мешаванд ва аз ҳуқуқи ҳамсарӣ ва падарӣ маҳрум мешаванд.

Ин саволҳо дар ин ҷомеаҳо ба он сабаб пайдо мешавад, ки аксари касоне, ки мусулмон нестанд, чуноне зикр кардем, ба дин ҳеҷ гуна аҳамияте намедиҳанд ва барои онҳо аслан муҳим нест. Ва ҳатто вақте, ки касе аз аҳли оилаашон, хоҳ зан бошад, хоҳ фарзанд, дини дигареро қабул кунад, нороҳат намешаванд.

Дар чунин ҳолатҳо мебинем, ки зан аз ҳокимияти шавҳараш бар болои худаш ва фарзандонаш хавфу тарсе надорад ва инчунин наметарсад, ки шавҳараш нисбати тарбияи фарзандонаш беаҳамиятӣ намояд ё ӯро аз ислом овардан ё аз тарбияи исломӣ додан ба фарзандон боз дорад. Аммо фарқ байни мард ва зане, ки дар ин кишварҳо имон меоранд, ин аст, ки ӯ (зан) аз дигарон, ки аксарият мебошанд, фарқ мекунад ва наметавонад нисбати масоили таълимоти дини наваш бетафовут бошад, ба хотири ин, ки Ислом нисбати ҳаёти инсоне, ки мусулмон шудааст, аз дигар динҳо фарқ мекунад.

Пас дар чунин ҳолат чӣ бояд кард? Зан дар ҳолати ҷудо шудан аз шавҳараш, ки бо ӯ муомилаи нек дорад ва ӯ ҳеҷ тарсу ҳаросе аз вай нисбати худ, фарзандон ва динаш надорад ва умед дорад, ки Аллоҳ таоло монанди дигар шавҳарони ҳидоятёфта ҳидояташ намояд, нигарони тақдири худ, фарзандон ва он зарарҳоест, ки ба ӯ ва фарзандонаш мерасанд. Ин ҳолат дар он кишварҳо бисёр дида мешавад, зеро мардуми он дини Исломро ба сабаби муомилаи хуби мусулмонон бо ҳамсарон ва падару модарашон ва муносибатҳои қавии оилавӣ қабул мекунанд.

Мо ин ҷо мулоҳиза менамоем, ки зарарҳое, ки Ислом мехоҳад зан ва фарзандонро аз он ҳимоя намояд, дар чунин ҳолатҳо расонда намешаванд. Пас оё аз боби авло нест, ки ба хотири ҷалби манфиатҳо ва дафъи зарарҳо байни онҳо ҷудоӣ андохта нашавад, чунки ҷудо кардани онҳо ҳеҷ манфиатеро ба бор намеорад, балки зарарҳои бузургеро хоҳад дошт.

Дар ин масъала назарҳо гуногун будаанд, вале ошкор аст, ки вазъияти мусулмонон дар кишварҳое, ки дар он ақаллият мебо-

шанд, махсусан дар Ғарб, бо вазъияти онҳо дар кишварҳои исломӣ фарқ мекунад. Пас ба ҳамин хотир бояд бо онҳо мутобиқи шароит ва ҳолатҳояшон рафтор кард ва ҳолати мусулмонони дар Ғарб бударо дар назар гирифт. Пас агар зан аз зуроварӣ ва дар тангно қарор гирифтани дин, худ ва фарзандонаш эмин монад, маълум мешавад, ки набояд ҷудо шуда, оилаашро вайрон созад ва фарзандонашро ятим кунад. Вале агар чунин набошад, пас ба хотири ҳифзи дини худаш ва фарзандонаш бояд ҷудо шуда, нафақаи фарзандонашро талаб кунад, зеро ин масъала барои худи зан ва фарзандонаш муфид буда, иртиботи онҳоро бо падару модар беҳтар месозад.

Бояд таъкид намоем, ки ин ҳолат дар ин кишварҳо аз муртад шудани шавҳар дар кишварҳои исломӣ фарқ мекунад, зеро касе, ки дар кишвари исломӣ муртад мешавад, ҳатман сабаби эътиқодӣ ва равонӣ дорад ва чунин шахс наметавонад нисбати дин бепарво монад. Бинобар ин, ҳолати зани мусулмон ва фарзандонаш ба сабаби баргаштани шавҳар аз Ислом ва дохил шудан ба дине, ки муқаддас будани дини модари мусулмонро инкор мекунад ва пайғамбарашро такзиб менамояд, чуноне, ки дар ибтидои ин фасл батафсил гуфтем, аз ҳолати зани мусулмоншуда дар кишварҳои ғарбӣ фарқ мекунад.

Бояд ёдовар шавем, ки тарбияи фарзанд, яъне тарбияи динӣ ва ҳар гуна тарбияе, ки бошад, пеш аз ҳама бояд ба манфиати тифл бошад ва беҳтарин алоқаро на танҳо бо яке аз волидайн, балки байни кӯдак ва ҳам падар ва ҳам модар таъмин намояд. Ва ин амр танҳо дар тарбияи исломӣ гирифтани фарзандон ба даст меояд, чунки дар тарбияи исломӣ эҳтироми падару модар бештар аз ҳама вуҷуд дорад. Ин масъалаест, ки падару модар бояд бидонанд, ки беэҳтиромӣ нисбати дини яке аз волидайн таъсири манфӣ дар тарбияи руҳии фарзандон дорад ва ба ҳамин хотир Ислом ба эҳтироми падару модар ва дини онҳо ташвиқ мекунад.

*“Худоро бипарастед ва ҳеҷ чиз шарики Ӯ масозед ва ба падару модар ва хешовандону ятимон ва бенавоёну ҳамсояи*

*хешованд ва ҳамсояи бегона ва ёри мусоҳибу мусофири раҳгузар ва бандагони худ некӣ кунед”* ***(Нисо, 36);***

*“Парвардигорат муқаррар дошт, ки ҷуз Ӯро напарастед ва ба падару модар некӣ кунед. Ҳар гоҳ то ту зинда ҳастӣ, ҳар ду ё яке аз он ду солхӯрда шаванд,ононро маёзор ва ба дуруштӣ хитоб макун ва бо онон ба икром сухан бигӯй”* ***(Исро, 23);***

*“Ба одами супориш кардем, ки ба падару модари худ некӣ кунад. Ва агар он ду бикӯшанд, ки ту чизеро, ки ба он огоҳ нести, шарики Ман қарор диҳӣ, итоаташон макун. Бозгашти ҳамаи шумо ба сӯи Ман аст ва шуморо ба корҳое, ки мекардаед, огоҳ мекунам!”* ***(Анкабут, 8);***

*“Агар он ду ба кӯшиш аз ту бихоҳанд, то чизеро, ки намедонӣ чист, бо Ман шарик гардонӣ, итоаташон накун. Дар дунё бо онҳо ба тарифе писандида зиндагӣ кун ва худ роҳи касонеро, ки ба даргоҳи Ман бозмегарданд, дар пеш гир. Бозгашти ҳамаи шумо ба сӯи Ман аст ва Ман аз корҳое, ки мекардаед, огоҳатон мекунам”* ***(Луқмон, 15);***

*“Бигӯ: «Эй аҳли китоб, биёед ба он калимае, ки пазируфтаи мову шумост, пайравӣ кунем, он ки ҷуз Худоро напарастем ва ҳеҷ чизро шарики Ӯ насозем ва баъзе аз мо баъзе дигарро ғайри Худо ба парастиш нагирад. Агар онон рӯйгардон шуданд, бигӯ: «Шоҳид бошед, ки мо мусалмон ҳастем»”*
***(Оли Имрон, 64);***
*“Калимотро аз маънии худ тағйир месозанд ва аз он панд, ки ба онҳо дода шуда буд, насиби хеш фаромӯш кардаанд”*
***(Моида 13);***

*“Олимону обидони хеш ва Масеҳ - писари Марямро ба ҷои Оллоҳ ба худоӣ гирифтанд ва ҳол он, ки маъмур буданд, ки танҳо як худоро бипарастанд, ки ҳеҷ худое ҷуз Ӯ нест. Пок аст аз он чӣ шарикаш месозанд!”* ***(Тавба, 31);***

*“Мо ин китобро бар ту нозил кардаем, барои он ки ҳар чиро дар он ихтилоф мекунанд, барояшон баён кунӣ. Ва низ роҳнамову раҳмате барои муъминон бошад”* ***(Наҳл, 64);***

*“Мардумро бо ҳикмату панди некӯ ба роҳи Парвардигорат бихон ва бо беҳтарин тарз бо онон муҷодала кун”* ***(Наҳл, 125);***

*“Чӣ касеро сухан некӯтар аз сухани он, ки ба сӯи Худо даъват мекунад ва корҳои шоиста мекунад ва мегӯяд, албатта, ки ман аз мусалмононам?”* ***(Фуссилат, 33).***

Муайян кардани ҷанбаҳои ақидавӣ ва қонунӣ; фаҳми роҳҳои расидан ба мақсадҳои шариат, аз чумла ҳифзи дину ҷону номус; ҷалби манфиатҳо ва дафъи зарарҳо; интихоби камтарин зарар барои фард ва ҷомеа, ки барои онҳо амнияту оромиро таъмин мекунад ва онҳоро аз фитнаву фасод ва ҷангҳои динӣ ва қавмӣ ҳимоя менамояд, умуре мебошанд, ки шӯроҳои ҷомеаҳои исломӣ ва уламои он бояд дар назар гиранд. Набояд ин умур мавриди фатвоҳое қарор гиранд, ки бе нигоҳи илмӣ ва дар назар доштани аҳволи мардум ва бидуни тадқиқоти лозим содир шудаанд. Чуноне, ки дар зарбулмасалҳои мардумӣ омадааст: “Чун пӯст пӯсти ту нест, онро рӯи хорҳо бикаш”; “Касе, ки шаллоқ мехӯрад, мисли касе нест, ки онро мешуморад”.

Хоҷа Насриддин, ки назди арабҳо бо Ҳаким Ҷуҳо машҳур аст, хост барои ҳамсояаш, ки танҳо фоидаи шахсии худашро эътибор медонист, дарсе диҳад ва шояд ин қисса дарсе барои дигарон низ қарор гирад. Хоҷа Насриддин назди ҳамсояаш рафта, аз вай пурсид: «Гурба бар девори хонаам пешоб кардааст. Ҳукми ин девор чист?» Ҳамсояаш гуфт: «Бояд онро вайрон карда, ҳафт маротиба аз сари нав бунёд кунӣ». Хоҷа Насриддин лаҳзае сокит монд ва сипас гуфт: «Ин ҳамон девори байни хонаи ман туст». Ҳамсоя аз ин сухан ғофилгир шуда, ба Хоҷа Насриддин нигоҳ карду гуфт: «Онро бо камтар об би-

шуӣ, бас аст». То имрӯз намедонем, ки оё ин ҳамсоя аз ин дарсе, ки Хоҷа Насриддин ба вай дод, чизеро дфаҳмид ё на?

Ба ҳар ҳол он чӣ, ки дар бораи ақалилёти мусулмонон гуфтем, пешкаши роҳбарон, шӯроҳо ва ҳайатҳои фатвои шаръӣ мебошад, то бар асоси он чӣ, ки муносиби ҳифзи дин ва манфиъатҳои мусулмонон, кишварҳо ва даъвати онҳост, фатво диҳанд.

## Қонуни амният, на қонуни тарсу ноамнӣ

Дини мубораки Ислом бар он таъкид дорад, ки ҷазои ҷинояткорон ҳаққи ҷомеа аст, ки бар асоси таълимоти исломӣ ва дар назар доштани ҳолату шароити макон ва замон ҷазои муносиберо, ки аз ҳадди муайян намудаи Қуръони карим таҷовуз накунад, муқаррар намояд.

Бо доштани инчунин мафҳуми исломии шомил нисбати “Қонуни ҷазои Ислом” ва бо муроати тамоми равишҳои иҷрои иҷтимоӣ дар соҳаҳои тарбия, иқтисод ва сиёсат ҷое барои тарсу ваҳшат ва нигаронии иҷтимоӣ аз муҷозотҳои муайяннамудаи Қуръони карим намемонад. Зеро масъалаи муайян намудани муҷозотҳои амалӣ дар ҳама ҳолат ба шӯрои ҷомеа (уммат) гузошта шудааст, то бар асоси дидгоҳи уммат ва дар доираи муҷозоти муайяннамудаи шариат ҷазои муносибе муқаррар намояд. Ва инчунин дар ихтиёри шӯрои ҷомеа гузошта шудааст, то мақсади асосиро, ки мубориза бо ҷиноят ва фароҳам овардани имконоту равишҳои иҷтимоӣ ба хотири манъи касонест, ки мехоҳанд ба номус, ҳуқуқ ва ё хуни касе таҷовуз кунанд, муайян намояд, то амнияти иҷтимоӣ таъмин гардад ва ба ҳамин хотир барои ҳар як ҳолат муҷозоти муносиб ва ё ҳатто авфу бахшишро муқарар намояд. Албатта набояд ин муҷозотҳо аз сатҳи муайяннамудаи шариат бигузаранд ва ҳамроҳ бо ин муҷозот авфу бахшиш ва ҳатто дар ҳолатҳои муносиб бекор кардани ҳукм вуҷуд дошта бошад. Бояд дар ҳаққи касе беаҳамиятӣ нашавад ва бо назардошти шароиту ҳолатҳои замонӣ ва маконӣ амнияту оромии ҷомеа ҳифз шавад.

Агар ба ҷомеаҳои муосир бо вуҷуди он ҳама тафрит ва инҳирофе, ки доранд, назар кунем, дармеёбем, ки баъзе қавонинеро, ки дар худ доранд, нишонгари илму ҳикмат ва таҷрибаву пухтакорӣ мебошанд. Ва агар онро бо диққат тааммул намоем, мебинем, ки бо қавонини шариат ва ваҳйи илоҳӣ мутобиқат менамоянд. Аз ҷумлаи ин қонунҳо дар баъзе мамлакатҳо, ки ба хотири мубориза бо ҷиноят гузошта шудаанд, ҳамеша мутобиқи шароит ва амалкарди мусбат ва манфии ҷомеаҳояшон ба хотири фароҳам овардани ҳадди аксари амният барои ҷомеаҳояшон тағйир мекунанд ва мутобиқ мешаванд. Гоҳе ҳукми қатлро ба кулли лағв менамоянд ва гоҳи дигар, вақте қонунгузорони ҷомеаҳо ба хотири мубориза бо ҷинояткорӣ бар асоси мафоҳим ва дидгоҳи ҷомеаҳояшон зарурат мебинанд, онро иҷро менамоянд. Балки дар баъзе манотиқи як мамлакат ҳукми қатл барои анҷоми ҷинояте иҷро мешавад ва дар қисмати дигари ҳамин мамлакат иҷро намегарад ва ҳамчунин муҷозоти дигар ҷиноятҳо мутобиқи шароит ва заруратҳо зиёду кам мегарданд ва он ҳам ба хотири таъмини амнияти иҷтимоӣ барои шаҳрвандон мебошад.

Дарки илмӣ, муназзам ва фарогиронаи мақсадҳои шариат барои мутафаккирон ва уламо ва шӯрои уммати исломӣ ба хотири бознигари бисёри масоиле, ки андешаи исломии муосир дар баъзе ҳолатҳо дар анҷоми он хато мекунад, албатта на ваҳйи илоҳӣ ва шариати исломӣ, амри ҳатмӣ ва зарурист. Дар гузашта ва ҳоло ҳам ин хатоҳо натиҷаҳои манфие ба бор овардаанд, ки ба хотири сиёҳ нишон додани чеҳраи Ислом аз он истифодаи ғаразнок шудааст ва инчунин бо номи “муқаддас будан” ин хатоҳо ва нигоҳи ҷузъӣ ба шариати исломӣ дар тарсондани мардум аз тарафи ҳукком ва султаҷуён ва ба хотири шикасти иродаи мардум ва хору залил гардондани онҳо ба василаи анвои зулму ситам ва фасод дар ҷомеаҳои исломӣ ва аз онҳо сохтани шахсиятҳои ғуломсифати тарсу, чуноне ин ҳолатро дар байни уммати исломӣ мушоҳида менамоем, истифодаи бад шудаанд.

Шояд гуфтаҳои моро ин амр тасдиқ намояд, ки дар баъзе давлатҳо низоми фосид дидем, ки чӣ гуна баъд аз он, ки андешаҳои қавмиашон чун аз баҳрабардорӣ хориҷ гаштанд, ба хотири идома додани ин низомҳои фосидашон рӯ ба аҳкоми шариати исломӣ оварданд, ки ҳадафашон танҳо тарсондани мардум ва зери ҳокимияти худ қарор додани онҳо буд, на ба хотири иҷрои аҳкоми шариат ва нусрати он. Бо ин ҳадаф аҳкоми муҷозоти исломиро дар ҳадди баландтаринаш иҷро намуда, дар он муболиға менамоянд ва онро ба таври дуруст ва нодуруст бар мардум ва махсусан бар болои заифон ва нотавонон иҷро мекунанд. Барои расидан ба ҳадафҳояшон низоми исломии ҷазоро васила қарор дода, мардумро метарсонданд, вале ба дигар таълимоти исломӣ монанди ислоҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ, иҷрои адолат, ободӣ ва мубориза бо зулму ситам ва фасод ҳеҷ аҳамияте намедиҳанд.

Ба ҳамин хотир бар ҳама лозим аст, то бо ҷиддият ва бо барномаи илмӣ, динӣ ва иҷтимоӣ дар бисёр умуре, ки сабаби ба ин ҳолати хориву зорӣ ва парокандагӣ расидани уммати исломӣ шудаанд, бознигарӣ намоянд ва роҳро ба рӯи тамоми умуре, ки сабаби ҷаҳлу нодонӣ, хориву зорӣ ва зулму ситами уммат мегарданд, бандад. Ва инчунин роҳро барои умуре, ки муқаддасоти умматро ба манфиати як гурӯҳи хоссе, ки қудрату сарватро дар худ маҳдуд намудааст, истифода менамоянд ва тавоноиҳои умматро аз байн мебаранд, бояд баст.

Ва инчунин дуруст нест, ки пасттарин дараҷаи ҷазоро барои пешгирӣ аз ҷиноятҳо истифода намуд, зеро ин сустӣ дар иҷрои аҳкоми шариат мебошад. Инчунин дар мавзӯи ибодатҳо бояд бидонем, ки фарзҳо бар акси ҷазоҳо дар ҳадди ақалли ибодатҳо қарор доранд ва агар эътиқод намоем, ки ин фарзҳо ҳадди аксар мебошанд, дар он сурат нисбати ибодатҳо сустӣ мешавад ва ҳар кӣ бар он илова мекунад, хоҳиши ҳар шахс ба хотири ба Худо наздик шудан аст. Аз ҷумлаи ибодатҳое, ки Ислом ба он ташвиқ менамояд, метавон намозҳои суннат, таҳаҷҷуд, таровеҳ, эътикоф, рӯзаи шаш рӯзи

шаввол ва нуҳум ва даҳуми муҳаррам, рӯзаҳои душанбе ва панҷшанбеи ҳар ҳафта ва ғайра аз суннатҳову нафлҳоро зикр намуд.

Пас агар ҳадди ақали муносиби муҷозотҳо ба хотири ислоҳ ва пешгирии ҷиноят кифоят кунад, дар он ҳолат бо фарз будани ҳадди ақалли ибодатҳои зарурӣ, ки бояд ҳар як фарди мусулмон онро риоя намояд, ҳеҷ гуна таорузе надорад.

Зикри "ҳадди аксари" ҷазо дар ҷиноятҳо дар баробари зикри "ҳадди ақалли" фарзҳо дар ибодатҳо қарор мегирад. Пас агарчи ин ду масъала бо ҳам муқобил қарор гирфтаанд, вале ҳар дуи онҳо як мафҳуми умумӣ ва як ҳадаф доранд. Зеро мақсади ҷазои ҷинояткор азоб додан, интиқом гирифтан, тарсондан ва ваҳшат андохтан нест, балки ҳадаф мубориза бо ҷинояткорӣ ва аз байн бурдани он аст ва ҳар ҷазое, ки ин ҳадафро муҳаққақ созад, ҳамон миқдор кифоят мекунад. Аммо мақсади ибодат зикри Худованд, ирбтибот доштани бо Ӯ таоло ва талаби ҳидоят мебошад ва ба ҳамин хотир ҳадди камтаринашро Худованд фарз гардондааст ва инсонро ташвиқ намудааст, то ба қадри ҳоҷату зарурати худ ибодатҳои бештари нафлиро анҷом диҳад, то ахлоқаш хуб гашта, ба роҳи рост ҳидоят гардад ва аз роҳи зулму ситам ва душманӣ ва фаҳшу гуноҳон дур гардад.

Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло дар китоби бузургаш мефармояд:

*"Эй касоне, ки имон овардаед, Худоро фаровон ёд кунед! Ва ҳар бомдоду шабонгоҳ тасбеҳаш гӯед! Ӯст, ки Худ ва фариштагонаш бар шумо дуруд мефиристанд, то шуморо аз торикӣ ба равшанӣ барад, зеро Худованд ба муъминон меҳрубон аст!" (Аҳзоб, 41-43).*

*Инчунин фармудааст: "Ҳар чиро аз ин китоб бар ту ваҳй шудааст, тиловат кун. Ва намоз бигзор, ки намоз одамиро аз фаҳшову мункар бозмедорад ва зикри Худо бузургтар аст ва Худо ба корҳое, ки мекунед, огоҳ аст!"* ***(Анкабут, 45).***

*Худованд дар сураи «Моъун» мефармояд: “Оё онро, ки рӯзи ҷазоро дурӯғ мешумурад, дидӣ? (Яъне ӯ дар даъво ва интисобаш дурӯғгӯ аст) Ӯ ҳамон касест, ки ятимро ба иҳонат (хорӣ) меронад ва мардумро ба таом додан ба бенаво тарғиб намекунад. (Чунки амал ва рафтораш бо даъвояш рост намеояд). Пас вой бар он намозгузороне, ки дар намози худ саҳлангоранд, онон, ки риё мекунанд ва аз додани закот саркашӣ мекунанд”. (Яъне амал ва рафторашон имондории онҳоро нишон намедиҳад ва адои намозашон нишонгари имонашон нест, зеро имонашон дурӯғ ва намозашон риё ва худнамоист).* ***(Моъун 1-7).***

Дар ҳамин мавзӯъ ҳадиси зебое аз Абуҳурайра (р) аз Расулуллоҳ (с) ривоят шудааст, ки фармуданд: ***“Чӣ басо рӯзадороне ҳастанд, ки аз рӯзаашон ҷуз заҳмати гуруснагӣ ҳосил намекунанд ва чӣ басо намозгузороне ҳастанд, ки аз намозашон ҷуз бедорхобӣ чизи дигареро ба даст намеоранд”.***[16]

Агар табиати низоми ҷазоро ба шакле, ки дар боло зикр кардем, бифаҳмем ва дарк намоем, ки дар ин низом мафҳуми табиатҳо ва ваҳйи илоҳӣ такомул меёбанд, аҳамияти ақида, фарҳанг ва нақши тарбия дар роҳнамоии ахлоқи инсон ба хотири расидан ба аҳдофи олии мақсадҳои шариат ҳувайдо мегардад. Дар он сурат низоми исломии ҷазо, чуноне зикр кардем, як низоми зинда, пешрафта ва камолпазир буда, сарчашмаи оромӣ ва амният мешавад, баръакси он тасвири хушк ва ноқиси низоми исломии ҷазо, ки сабаби тарсу ваҳшат гаштааст ва ин тафсири ҷузъӣ, ки бисёри инсонҳои мухлис онро ба сабаби тақлид ва пайравии зоҳирӣ ва набудани барномаи илмӣ ва иҷтимоии оламшумул тасвир менамоянд, ба вуҷуд омадааст. Аммо гурӯҳи дигаре, ки муғриз ва нисбати Ислом аҳдофи бад доранд, ин тасвири ноқисро бо ҳадафи бад ва кинатӯзӣ эълон мекунанд ва ин кори онҳо сабаби сиёҳ нишон додани чеҳраи Ислом барои дигар мардум мегардад. Инчунин сабаби нашри хавфу тарс ва ваҳшат аз иҷрои аҳкоми шариати исломӣ гашта, дар вуҷуди

16 Имом Аҳмад. Муснад. Муснади Абуҳурайра. Ҳадиси 9392.

онҳо як нобоварӣ нисбати дин ва шариати Худо пайдо мегардад ва побандӣ ба динро дар ҳаёти онҳо заиф месозад.

## Заруратиислоҳи барномаи таълимӣ ва методологияи исломии муосир

Чуноне, ки хонандаи азиз дарк намуд, ин ёддоштҳо ва мафҳумҳо дар бораи низоми исломии ҷазо танҳо бо нигоҳи гузаро бар нусуси динӣ ба вуҷуд наомадаанд, балки баъд аз тааммул ва тафаккури амиқ дар талаботи масоили иҷтимоӣ ва равонӣ бо истифода аз таҷрибаи хобгоҳи донишҷӯён ба сабаби ҳамон заруратҳои иҷтимоӣ ва равонӣ ҳосил шуд. Ин зарурати иҷтимоӣ ва равонӣ дар хобгоҳи донишҷӯён сабаб шуд, ки дар низоми иҷтимоии исломӣ дақиқтар бошем, дар бораи он тааммул ва тафаккури амиқтаре намоем ва далолатҳои иҷтимоӣ ва равонии онро дарк кунем, то сабаби нашри амнияту оромӣ байни мардум гардад ва имконияти побандӣ ба шариати исломӣ дар зиндагиашон бештар гарадад.

Новобаста аз андозаи дақиқ будани натиҷаҳои ин омӯзиш ва нуқтаҳои иттифоқӣ ва ихтилофӣ дар ин таҳлил, чизи муҳиме, ки бояд дар назар дошт, ин аст, ки ин таҳлил як таҷрибаи илмӣ ва иҷтимоӣ буд, ки тасаввури имкони таҳаққуқ ёфтани камолпазирӣ ва иртибот байни ҳидояти ваҳйи илоҳӣ ва идроки ақлӣ, барномаи илмии муназзами фитрати табиатҳои башарӣ ва суннатҳои кавнӣ дар махлуқот ва шинохти воқеиятҳо, шароит ва талаботи он ба вуҷуд орад. Яъне барномаи исломӣ ва илмии муназзам дар боби маърифат, ки барномаҳои илмии мухталиф аз ҷумла барномаи таҷрибавиро дар бар мегирад, албатта на барномаи шаклии афсонавӣ аз тамаддунҳои аз байн рафта, ки мутаассифона дар тули таърих бар ақли мусулмон ғолиб шудааст ва сабаб шудааст, то масъалаҳо ва ҷидолҳои хаёлӣ ба вуҷуд оянд ва фикри мусулмонро аз масъалаи ҳаётиаш, яъне аз барномае, ки шомили маърифати ваҳйи илоҳӣ ва улуму суннатҳои фитрӣ ва воқеияти иҷтимоӣ, ки бояд манбаи маърифати исломӣ бошанд, машғули худ намоянд. Назари ақлию илмии амалиро василаи бахши дигари маърифати исломӣ мегардонад, ки улу-

ми иҷтимоӣ ва инсонии исломиеро, ки фитрат ва инсонро мавриди таҳқиқ ва омӯзиши назариаш қарор додааст, шомил мебошад. Ақл, ҷустуҷӯ, андешаҳо, омӯзиши ақлонӣ василаи фаҳми дурусти хитоби ваҳй ва роҳнамоии фитрати инсонӣ мебошад.

Яъне ваҳйи илоҳӣ, фитрати инсонӣ, суннатҳои кавнӣ ва воқеият сарчашмаи маърифати исломӣ мебошанд, ба тавре, ки ваҳй таъбири фитрати инсонӣ, шинохти он ва роҳнамоияш буда, барояш имконияти фароҳам овардани масъулияти ҳамли амонат ва ҷонишиниро ба армуғон меорад, ки он асли фитрати инсон аст, на он ҳама таклифҳо, ки дар фитрати башарӣ ҳеҷ ҷое надорад ва ақли салим василаи барномаи омӯзиш ва таҳқиқот дар фаҳми ваҳй, маърифати фитрат, суннатҳои кавнӣ ва воқеият мебошад.

Ба ҳар ҳол муҳимтарин натиҷаи ин назария ва тааммули илмӣ-иҷтимоӣ бо риояи аҳкоми шариат ва мақсадҳои он ин буд, ки барномае барои омӯзиш ва фаҳми низоми ҷазо дар Ислом ва роҳи тасвири дурусти онро пешниҳод кард. Гумон мекунем, уммати исломӣ дар ин вақт аз ҳама вақтҳо бештар ба чунин андешаҳо зарурат дорад, чунки ин масъала сабаби тақвияти боварӣ ба шариат ва улфат бахшидани қалбҳои инсонҳо нисбати шариат ва баланд бардоштани ҳиммати онҳо дар побандӣ ба он ва инчунин дур сохтани эҳсоси хавфу тарс аз шариат мегардад, зеро агар ин эҳсоси манфӣ бар қалбҳо иҳота намояд, чуноне ҳолати имрузии уммат мебошад, уммати исломиро фалаҷ намуда, сирри тавоноӣ ва фаъолияташро аз байн мебарад.

Дар ҳақиқат умед аст, ки побандӣ ба шариат бештар гашта, бо барномаи ақлию илмии фарогир ва камолапазир бо якҷо намудани роҳнамоиҳои ваҳй ва фаҳму омӯзиши илмии фитрат, суннатҳо ва воқеияти ҷомеа бо дар назардошти замону макон ва он мушкилоту хатароте, ки мувоҷеҳ мебошем, ва он имконот ва тавоноиҳое, ки маърифати исломӣ дар худ дорад, рушд намоем. Зеро ин барномаест, ки дар худ бо таҳқиқоти илмӣ сарчашмаҳои маърифати исломии ваҳй ва фитратро муттаҳид месозад ва бо барномаи ақлию илмӣ мафҳуми ҷонишиниро фаъол мегардонад. Ин ҳамон барномаест, ки Донишгоҳи байналмиллалии исломии

Малайзия талош кард, то онро зина ба зина ба хотири тақвияти барномаҳояш татбиқ намояд ва умед дорем, ки бо омӯзиши илмӣ ин барнома рушд намояд, то сабаби ба вуҷуд овардани маърифати исломӣ ва улуми иҷтимоии инсонию исломии ҳақиқӣ гардад. Зеро ин барнома нишон дод, ки метавонад кадрҳои муваффақ барои роҳбарии уммати исломӣ бо доштани ақлонияти илмию эҷодкорӣ ва хусусиятҳои камолпазирӣ, маърифат, фарогирӣ ва танзимӣ тарбия намояд, ба шакле, ки байни ҳидоятҳои ваҳӣ, табиатҳо, фитратҳо ва маърифати таъсири воқеият бар асоси маърифати илмӣ, ақлӣ, амалӣ ва таҷрибавие, ки барои бунёди улуми иҷтимоӣ ба таври умум ва улуми иҷтимоии исломӣ ба таври хусус лозим ва зарур аст, ҷамъ намояд. Барномае бошад, ки аз ҳидоятҳои ваҳӣ илҳом гирифта, бо барномаи илмию амалӣ мақсадҳо ва ҳикматҳои шариатро кашф намояд, то асоси таъсирбахше дар роҳнамоии масири уммат, таҷдиди тавоноиҳо, баргардондани мақому мартабааш, фаъол намудани иштироки мусбат ва роҳбарии сазовор дар масири тамаддуни инсонӣ ва роҳнамоии он ва наҷоташ аз инҳирофи хурофотӣ ва чанголҳои моддигароӣ бошад.

## Дарсе дар бораи барномарезӣ

Хулоса, мафҳумҳои зикршуда барои мо ошкор намуд, ки чӣ гуна омӯзиши илмию равонӣ ва иҷтимоӣ дар бораи хобгоҳи донишҷӯён имкон дод, то дар масъалаи муҳимме аз масоили шариат рӯшноӣ андохта, далолатҳо ва мақсадҳояшро баён созад, то ҳамчун як масъалаи ҳукм намудан набошад, балки қоидаҳое бошанд, ки мафҳум ва роҳнамоиҳо дар табиати башарӣ ва асосҳои танзими иҷтимоиро дар бар гиранд.

Нависандаи ин китоб бе дар назар гирифтани ин, ки шояд дар таҳқиқоташ ба хатогӣ роҳ дода бошад ё кӯтоҳӣ карда бошад, аз муҳаққиқон хоҳиш мекунад, ки дар муолиҷаи ин таҳқиқот ба қадри имкон пойбанди барномаи илмии исломӣ бошанд ва дар омӯзиши мухталифи ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар ҷомеаҳои исломӣ умумият ва пешравиро ба хотири фаъол намудани фитрати ҷонишинии башарӣ, бунёди дубораи бинои уммат ва баргардондани тавоноиҳо ва иродаи ободонӣ ва роҳбарӣ дар назар

дошта бошанд. Ва инчунин дар тасвири тамоми асосҳои исломии муосир ва хитобҳояш ба хотири фаъол гардондан ва дар рӯшноии барномаи исломии фарогир, муназзам ва камолпазир, ки дар паҳлуи фаҳми дурусти нусуси шариат, омӯзиши илмии фитратро бо баландтарин дараҷаи маърифат ва дар рӯшноии воқеияти муосир ва имконот ва мушкилоташ ҷамъ менамояд, саҳм дошта бошад, то шариат ва усулаш дубора ба қадри талабот, фаҳм ва тавоноии инсон чароғи раҳнамои илмӣ, ҳақиқӣ ва намунавӣ барои уммат ва инсоният бошад ва то ин, ки тамаддуни инсонии ҷойгузинӣ ва иродаи ободкорӣ ва хайрхоҳона дар олами инсонӣ дубора рушд намояд.[17]

17 Аз фоида холӣ нахоҳад буд тавзеҳи алоқаи байни маърифати ваҳӣ ва роҳнамоиҳояш ва ба он қаноат кардан, зеро ҳадафи нузули ваҳӣ роҳнамоии талоши инсон дар ин дунё ва кумак ба ӯ дар асосиёти ҳастиаш, ҳадафи офариниш ва бозгашти инсон мебошад. Аз муъҷизаҳои Қуръон, ки далели ваҳйи осмонӣ буданаш аст, ин аст, ки вақте дар бораи махлуқот ва олам сухан мегӯяд, калимотеро истифода мекунад, ки дар худ роҳнамоӣ доранд. Албатта, бе назардошти фаҳми инсон ба ин маонӣ дар вақте аз авқот, ки онро дарк карда тавонад ё на.

***Аз ҳамин ҷумла масъалаи шакли замин аст, ки Қуръони карим онро “густурда” зикр кардааст: “Ва ба замин, ки чӣ сон густурда шуда” (Ғошия, 20). Ва инчунин онро “фарш” зикр кардааст: “Ва Худо заминро чун фарше бароятон бигустурд” (Нӯҳ, 19). Ва онро “мад”, яъне густурда ва паҳн зикр намудааст: “Ӯст, ки заминро бигустурд ва дар он кӯҳҳову рӯдҳо қарор дод” (Раъд, 3); “Ва заминро густурдем ва дар он кӯҳҳои азим афкандем” (Ҳиҷр, 19). Ва инчунин заминро “даҳо”, яъне “курашакл” васф намудааст: “Ва пас аз он заминро бигустурд. Ва аз он об падид овард ва чарогоҳҳо падид кард” (Нозиъот, 30-31).***

Дар тамоми ин оятҳо Худованд аҷоибии қудрати офаринишро зикр менамояд, новобаста аз ин, ки инсон шакли заминро чӣ гуна дарк мекунад. Пеш аз ин, ки инсон дарк намояд, замин сайёрае аз ҷумлаи дигар сайёраҳо мебошад ва курашакл буданашро кашф намояд ва ин, ки густурда ва мусаттаҳ будани он дар назари назаркунанда низ васфи дуруст аст ва бо ин кашфи илмӣ ҳеҷ таорузе надорад ва ин, ки ҳар ду васф мақсади Қуръони карим, ки нишон додани бузургӣ ва аҷоибии халқу офариниш мебошад, ҳосил мешавад ва ин яке аз муъҷизаҳои Қуръони карим мебошад. Чунки Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло заминро офаридааст ва ин васф як васфи дақиқ ва муъҷиза мебошад ва агар ин кашф бо Қуръон дар таоруз мебуд, он гоҳ шакку шубҳа эҷод мешуд.

Қуръони карим курашакл буданро ба шабу рӯз изофа намудааст ва агар онро ба замин изофа менамуд шояд дар он замон мардум ҳар гуна гумонҳо мекарданд, бакли ин фаҳмро барои асрҳои баъдӣ гузошт, ки ба илми Худо ва қудраташ далолат мекунад. Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло мефармояд:

Мушкил дар дарачаи аввал дар ин нест, ки собит ва тағйирпазир кадом аст, балки дар ин масъала аз ҳама амри муҳим ин аст, ки умури собит ва ғайри қобили тағйир чӣ гуна бояд фаҳмида шаванд ва чӣ гуна уммати исломӣ бо ин умур мавриди хитоб қарор гирад ва чӣ гуна бо ин умури собит фитрати инсонӣ ва рисолату масъулияти уммат дар роҳбарӣ намудани қофилаи тамаддун ва ободкории хайрхоҳонаи инсонӣ таҳаққуқ пайдо кунад.

Аҳамияти бузурги ин таҷриба барои нависанда ин буд, ки таҷрибаи зиндаи амалии комёб буд ва нишонаҳои самараи хуби он дар сифатнокии хатмкунандагони ин Донишгоҳ ва дастовардҳои онҳо дар он аст. Ин таҷриба шакли барномарезии

---

"Осмонҳову заминро офарид шабро бар рӯз дохил мекунад ва рӯзро бар шаб" (Зумар, 5) Дар асрҳои гузашта ин дохил намуданро ба маънои пай дар пай будан тафсир намуда буданд, аммо баъд аз кашф намудани курашакл будани замин маънои дақиқи он маълум шуд. Қуръони карим офтобро курашакл васф намудааст: "Чун офтоб (таквир) бефуруғ шавад". Имрӯз дарк намудем, ки "таквир" дар васфи офтоб аз боби қиёси ғоиб (шакли замин) бар шоҳид (шакли офтоб) мебошад, ки ин ҳама нишонаҳо ва далолатҳои возеҳе мебошанд, ки танҳо аз холиқи хайрхоҳе содир мешаванд. Агар имрӯз фармудаи Аллоҳ таолоро бихонем, ки мефармояд: "Чун замин зинати худ баргирифт ва ороста шуд ва мардумаш пиндоштанд, ки худ қодир бар он ҳама будаанд, фармони Мо шабҳангом ё ба рӯз даррасад" (Юнус, 24) дарк менамоем, ки амри Аллоҳ таоло ҳатман бояд шабу рӯз дар як вақт биёяд. Агарчи ин ҷо калимаи "ё" омадааст, ки уламои гузашта онро ба маънои «ё шаб ва ё рӯз» ба хотири тарсондан маъно карда бошанд ҳам, ин маънои курашакл будани заминро дорад, ки метавонад дар шабу рӯз дар они воҳид биёяд.

Ва аммо вақте дараҷаи илми инсонӣ ба сатҳи баланд мерасад ва дарк мекунад, ки замин курашакл аст, он ҷост, ки Қуръон бо ин ҳама тағйироти илмӣ ҳамхонагӣ дорад ва он ҳамаро бо зарофат зикр менамояд ва ин муъҷизаи Қуръон аст. Худованд мефармояд: "Ба зудӣ, оёти қудрати Худро дар атрофи олам ва дар вуҷуди худашон ба онҳо нишон хоҳем дод, то барояшон ошкор шавад, ки, Ӯ ҳақ аст. Оё ин ки Парвардигори ту дар ҳама ҷо ҳозир аст, кофӣ нест? Бахуш (огоҳ) бош, ки онҳо аз дидори Парвардигорашон дар шубҳаанд. Бахуш бош, ки Ӯ бар ҳар чизе иҳота дорад" (Фуссилат, 53-54).

Аз ин ҷост, ки фаҳми Қуръони карим, роҳнамоиҳои он, дарки ҳақиқати рисолат ва муъҷизаҳояш ҳамон баёни фитрат ва суннатҳои кавнӣ дар тамоми ҳолатҳои дараҷаи баландии шиносоӣ ва маърифати инсон мебошад. Ин маънои онро дорад, ки бояд дар оёти Қуръони карим бар асоси пешравиҳои илмӣ ва маърифат тааммур шавад, то тамоми ин далолатҳо ба таври комил дарк карда шаванд.

донишгохро тағйир дод ва фоидаҳои “барномаи илмии исломии фарогир”-ро таҷассум намуда, фаъол ва коромад будани ин барномаро ба мафҳуми тахассуси дугона, махсусан дар улуми исломӣ, иҷтимоӣ ва инсонӣ нишон дод. Ба шакле, ки улуми исломии асосӣ ва мавзӯӣ ҳамчун тахассуси асосӣ ё ҳамчун тахассуси дуюм хонда шавад ва имкони ин низ вуҷуд дошта бошад, ки баъд аз як соли таҳсил тахассуси дуюмро (исломиёт ё ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ) ҳамчун тахассуси дуюми асосӣ табдил намуд, ки ин барнома дар ҳақиқат амали худро дар якҷо сохтани сарчашмаҳои маърифати исломӣ ва ҳосил намудани такомули илмии барномавиро байни онҳо ва ба даст овардани фоидаҳои лозим бар асоси талаботи инсон ва маърифати фарогири роҳнамоӣ ва дубора сохтани як ҷомеаи тавоно ва адолатхоҳу сулҳпарварро оғоз намуд.

# Замима:
# Шакли нав дар тарҳрезии хобгоҳи донишгоҳӣ

Шояд беҳтар бошад аз боби такмили фоида ва ба умеди ин, ки аз он донишгоҳҳо ва донишкадаҳои илмии дигар низ истифода намоянд, омӯзишеро, ки дар бораи беҳтар сохтани хобгоҳи донишҷӯён ва ба хотири ба даст овардани вижагиҳое барои донишҷӯ ва қонеъ кардани талаботаш ба улфату муҳаббати гурӯҳӣ ва ҳифзи ахлоқӣ бе исроф ва боло будани хароҷот пешкаши хонанда намоем.

Аз он чӣ гузашт маълум мешавад, ки шумораи муносиб барои хобгоҳи донишҷӯён, ки фазои солими ҳамгироии иҷтимоии камолпазирро фароҳам оварда, дар ҳифзи ахлоқ кумак намояд, шумораи "чаҳор" мебошад. Бояд бидонем, ки чӣ гуна имкон дорад барои ҳар як донишҷӯ хусусияти худашро дар ҳамсуҳбатии се рафиқаш нигоҳ дорем ва он ҳам ба хотири дур намудани ихтилофоте, ки дар хобгоҳи умумии муштараки донишҷӯӣ ба вуқӯъ мепайвандад.

Бо тағйироти каме дар танзими шакли дохили ҳуҷра имкони ҳалли ин мушкил ва аз байн бурдани мушкилоти фардӣ ва гурӯҳӣ дар дохили ҳуҷраи донишҷӯӣ пайдо шуд. Дар дохили ҳуҷра чаҳор макони ҷудогонае ташкил карда шуд, ки ҳар яки он тамоми лавозимот ва заруратҳои як донишҷӯро ҷой медод ва дар дохили худаш тамоми озодӣ ва идораро дошт ва ҳеҷ касе бо ӯ дар ягон вақту замон дар истифода шарик нест. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо наметавонад худро аз дигар ҳамутоқони худ ҷудо намуда, ба таври кулли дарро ба рӯи онҳо бандад. Ин амр сабаб мешавад, байни ин чаҳор нафар алоқаи қавии бародарию дӯстӣ ва ҳамдардӣ ба вуҷуд омада, бархӯрдҳо ва мунозиаҳоро дар байни донишҷӯён пешгирӣ намояд ва ин масъаларо метавон бе зиёд кардани ҳаҷми муқаррарии ҳуҷра анҷом дод.

Барои расидан ба ин ҳадаф бояд як ҳуҷраи чоркунҷае тассавур кунем, ки ба чор қисми баробар тақсим шуда, ду масоҳати он ба дарозӣ гузошта шудааст, то барои ин ду масоҳати дигар роҳ барои фазои озод кушода шавад. Ба шакле, ки зикр намудем, намуди ҳуҷра чунин мешавад, ки вақте шахсе ба ҳуҷра медароянд, мебинад, ки ҳуҷра ба чаҳор қисм тақсим шудааст ва дар ҳар як масоҳате як кат гузошта шудааст ва дар паҳлуи он як ҷевони либос ва дар паҳлуи тиреза мизи донишҷӯ гузошта шудааст. Дар ин тартиб барои ҳар як донишҷӯ як масоҳате ҷудо карда шудааст, ки онро озодона идора мекунад ва дар ҳар вақту замони шаб ё рӯз бе ин, ки касе аз дӯстонашро озор диҳад, онро истифода менамояд. Бо ин тариқа барои ҳар як донишҷӯ бо ҷудо сохтани масоҳатҳояшон хусусияти фардии донишҷӯ риоя шуда, дар айни замон хусусияти гурӯҳӣ низ бо боз гузоштани фазои ин масоҳатҳо, ки онҳоро аз ҳам ба кулли ҷудо намояд ва аз ҳамгироӣ боз дорад, таҳаққуқ ёфтааст. Бо ин тағйири бисёр кам дар шакли танзими ҳуҷраи донишҷӯӣ истиқлолияти ҳар як фард риоя шуда, дар айни ҳол ҳамсуҳбатӣ ва унс гирифтан бо дӯстонаш низ риоя шудааст. Шояд шакли ин ҳуҷра барои мо аз тасвири риояи хусусиятҳои равонӣ ва иҷтимоии донишҷӯ ҳикоя кунад.

Ба мураббиён тавсия медиҳам, ки аз нақшаи меъмории Донишгоҳи байналмилалии исломии Малайзия иттилоъ пайдо кунанд, то фоидаҳои бештареро, ки ин иморати исломӣ аз кифоятбахшӣ ва зебоӣ ба намоиш гузоштааст ва аз ҷиҳатҳои зиёде дар ин самт беҳамто будааст, касб намоянд, то роҳи осони истифода ва ҷавобгӯ будани вижагиҳои исломӣ ва махсусан он чиро, ки ба ҳамзистии иҷтимоӣ ва покию тозагӣ дахл дорад, дарк намоянд.

***Худовандрост роҳи рост ва Ӯ таолост,***
***ки ба сӯи роҳи мустақим ҳидоят менамояд.***

## Нақшаи хобгоҳи донишҷӯёни бакалавр дар Донишгоҳи байналмилалии исломии Малайзия




2



1



4



3



## Дар бораи ин китоб

Ин китоб шомили яке аз муҳимтарин асосҳои шариати Исломӣ, яъне низоми ҷазои исломӣ мебошад, ки мавриди баҳсу ҷидол аст. Ин мавзӯъ дар ин китоб мавриди баҳсу таҳлил қарор гирифтааст, то дар асоси нусуси шаръӣ ва фаҳми дурусти он ба ин мавзӯъ равшанӣ андохта шавад. Зеро ин низоми ҷазо қонунеро матраҳ менамояд, ки бо табиати башарӣ ҳамхонӣ дошта, зарурати амнияти иҷтимоиро бо тамоми раҳмату меҳрубонӣ ва риояи заъфу нотавонии инсон дар назар гирифтааст.

Ба умеди ин, ки ин таҳлил барои уламо ва донишмандон дар бознигарии барномаи андешаи исломии муосир раҳнамое бошад, то бо шуҷоату ҷиддият ба ин масъала таҷдиди назар намоянд ва барномаи хитоби исломии муосирро тағйир диҳанд ва онро таҷдид намоянд, то сабаби тақвияту рушди тавоноиҳои уммати исломӣ гашта, дар тамаддуни инсонӣ мақоми сарвариро дошта бошад.

Ин китоб шомили яке аз муҳимтарин асосҳои шариати Исломӣ, яъне низоми ҷазои исломӣ мебошад, ки мавриди баҳсу ҷидол аст. Ин мавзӯъ дар ин китоб мавриди баҳсу таҳлил қарор гирифтааст, то дар асоси нусуси шаръӣ ва фаҳми дурусти он ба ин мавзӯъ равшанӣ андохта шавад. Зеро ин низоми ҷазо қонунеро матраҳ менамояд, ки бо табиати башарӣ ҳамхонӣ дошта, зарурати амнияти иҷтимоиро бо тамоми раҳмату меҳрубонӣ ва риояи заъфу нотавонии инсон дар назар гирифтааст.

Ба умеди ин, ки ин таҳлил барои уламо ва донишмандон дар бознигарии барномаи андешаи исломии муосир раҳнамое бошад, то бо шуҷоату ҷиддият ба ин масъала таҷдиди назар намоянд ва барномаи хитоби исломии муосирро тағйир диҳанд ва онро таҷдид намоянд, то сабаби тақвияту рушди тавоноиҳои уммати исломӣ гашта, дар тамаддуни инсонӣ мақоми сарвариро дошта бошад.

9 789967 089969